Замимаи 1.

Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар нимсолаи аввали соли 2021 вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал.

## 1. Санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он бо нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ**

### 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Дар нимсолаи аввали соли 2021 ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 17 (соли 2020 – 29) адад Амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 81 (2020 - 56) адад қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 (2020 – 12) адад қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 (2020 - 3) адад қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст.

Аз ҷониби Раиси вилоят дар давраи ҳисоботӣ дар заминаи Амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 адад қарорҳои дахлдор қабул гардида, ба 9 адад қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ирсол гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маълумотҳои пешниҳоднамудаи матнии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он ба таври бояду шояд пешниҳод гардида, аз маълумотҳои ҷадвалӣ ба куллӣ фарқ мекунанд.

Бештари ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба талаботи супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2021, №363/24 ва аз 11 марти соли 2019, № 3111 (24.2) ҷавобгӯ набуда, ҳисоботҳо гуногун ва нопурра пешниҳод шудаанд.

Гарчанде дар дигар шаҳру ноҳияҳо шумораи санадҳои меъёрии воридгардида зиёд бошанд ҳам, аз ҷониби мақомоти иҷроия нисбат ба бештари онҳо санадҳои дахлдор қабул нагардидаанд.

Дар ин давра ба дастгоҳи раиси шаҳри Кӯлоб 1948 адад ҳуҷҷатҳо аз мақомоти гуногун, аз он ҷумла Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дигар ташкилоту муассисаҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ

ворид гардида бошанд ҳам, тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида ҳамагӣ 5 адад санади меъёрии ҳуқуқӣ ворид шудаасту халос.

Дар асоси шакли пешниҳодгардида, маълумотҳои зарурӣ бояд тибқи замимаи 1 хонапурӣ гардида, ба Кумита пешниҳод карда мешуданд. Мутаассифона аз ҷониби шаҳрҳои Бохтар ва Норак, ноҳияҳои А.Ҷомӣ, Хуросон, Фархор ва Шаҳритус талаботи мазкур риоя нагардидааст. Маълумотҳои пешниҳоднамудаи ноҳияи Шаҳритус нимсолаи аввали соли 2020-ро дар бар мегирад.

Мутаассифона ноҳияҳои Ховалинг, Н.Хусрав ва Данғара на дар шакли матнӣ ва на дар шакли ҷадвал вобаста ба масъалаи мазкур маълумот пешниҳод накардаанд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2020, №244 «Дар бораи ворид намудани тағйир ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.07.2017, № 358» дар Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуруфи (шрифти) «Times New Roman Tj» ба ҳуруфи «Times New Roman» бо истифодаи алифбои тоҷикӣ иваз карда шудааст, ки дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба инобат гирифта нашудааст.

Ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021, №АП-39 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021, "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ" зикр гардидаанд қарори раиси вилояти Хатлон ба тавсиб расида, мавриди амал қарор дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2021, №АП-39 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 с., "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ" зикр гардидаанд дастраси на ҳама шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон гардидаанд. Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи баъзе шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон доир ба иҷрои бандҳои Паёми соли 2020 маълумот ирсол гардида, вобаста ба иҷрои бандҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2021, №АП-39 ахборот пешниҳод нашудааст.

Бо дарназардошти риоя нагаштани шакли намунавии маълумотҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, пешниҳод менамоем, ки ҷиҳати пурра ба талабот ҷавобгӯ намудани он таҷрибаи вилояти Суғд дар вилояти Хатлон ба роҳ монда шуда, аз ҷониби шахсони масъул бо масъулини соҳа дар вилояти Хатлон семинари омӯзишӣ баргузор карда шуда, моҳияти супоришҳои болозикр бори дигар ба масъулин фаҳмонида шавад.

## 2. Маълумот оид ба чараёни ичрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун:

**2.1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»:**

Дар соҳаҳои иқтисодиёт, Шӯрои машваратии назди раиси вилоят оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, шаҳрсозии назди мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, комиссияҳои доимамалкунандаи мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят оид ба буҷет, оид ба кумитаи ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, оид ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои назди мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, ситодҳои мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят оид ба музди меҳнат ва байниидоравӣ оид ба ҳисоботҳои оморӣ, оид ба омодагиҳои соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ба тирамоҳу зимистони солҳои 2021-2021 таъсис дода шудааст. Инчунин дар назди мақомот, Комиссияҳо оид ба захираи кадрҳо, оид ба одоби хизматчиёни давлатӣ, оид ба муқаррар намудани собиқаи хизмати давлатии кормандони дастгоҳ ва мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон фаъолият доранд.

Маҷлиси вакилони халқи вилоят аз 69 нафар вакил иборат буда, аз ин 24 нафар зан ва 3 нафар ҷавон мебошад.

Аз ҳисоби вакилон комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон таъсис дода шудааст. Аз ҷумла:

1. Комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният.
2. Комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба масъалаҳои буҷет, савдо, нарх, хизматрасонӣ, меҳнат ва сиёсати иқтисодӣ.
3. Комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба масъалаҳои аграрӣ, беҳдошти замин ва обёрӣ, идораи замин, ҷангал ва ҳифзи муҳити зист.
4. Комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба масъалаҳои рушди соҳаи саноат, энергетика, меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмон, нақлиёт ва коммуникатсия.
5. Комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба масъалаҳои илм, маориф, фарҳанг, иттилоот, тандурустӣ, муҳофизати оила ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ.
6. Комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба одоби вакилон.

Дар ин давра 3 иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон, даъвати шашум баргузор гардидааст.

**2.1.1. Корҳои анҷомдодашуда барои иҷрои босамари барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо (банди 3 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.10.2020с., №12).**

Тибқи маълумотҳои шуъба, бахшҳо ва ташкилоту муасиссаҳои вилоятӣ 61 адад барномаҳои рушди соҳаҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва нақшаи чорабиниҳо, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2006-2021 қабул гардида буданд, аз ҷумла дар соҳаҳои кишоварзӣ 6 барнома, саноат ва энергетика 8 адад, нақлиёт ва коммуникатсия 1, маориф ва илм 9, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 8, меҳнат ва шуғли аҳолӣ 6, фарҳанг 4, варзиш 2, ҷавонон 2, хоҷагии манзилию коммуналӣ 2, ҳолатҳои фавқулодда 2, кор бо занон ва оила 3, сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ 2, иттилоот 3, ҳуқуқи кӯдак 1, меъморӣ ва шаҳрсозӣ 1 ва 1 адад барнома мавриди амал қарор доранд.

Бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят аз 25 декабри соли 2020, №110 Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025 тасдиқ гардида, 364 лоиҳаҳо ба маблағи 8452,5 миллион сомониро дар бар мегирад. Аз давраи амалишавии барнома иҷрои 21 лоиҳа ба маблағи 308,6 миллион сомонӣ таъмин гардида, дар 62 лоиҳаҳои дигар корҳо идома доранд.

Мавриди зикр аст, ки айни замон дар 25 шаҳру ноҳияҳои вилоят Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ мавриди амал қарор дошта, 24 барнома дар сатҳи маҳал бо қарорҳои Маҷлиси вакилони халқи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо тасдиқ гардидааст.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №389 барои солҳои 2020-2025 тасдиқ карда шуда, 225 лоиҳаро ба маблағи 7012,0 миллион сомонӣ, аз он ҷумла, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 353,6 миллион сомонӣ, буҷети вилоятӣ 66,3 миллион сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 31,8 миллион сомонӣ, маблағҳои худӣ 293,5 миллион сомонӣ ва маблағҳои сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ 6214,8 миллион сомониро дарбар мегирад.

Вобаста ба иҷрои қарори мазкур мониторинги арзёбӣ гузаронида шуда, муайян карда шуд, ки тибқи маълумотҳо аз аввали амалишавии барнома дар ин давра 28 лоиҳа ба маблағи 35,1 миллион сомонӣ корҳо иҷро гардида, дар 27 лоиҳаҳои дигар ба маблағи 217,7 миллион сомонӣ корҳо мавриди амал қарор дошта, 133 лоиҳаҳо то ҳол корҳо оғоз наргардидааст.

Лоиҳаҳое, ки дар Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии қаблии шаҳру ноҳияҳо амалӣ нагардида буданд, дар Барномаҳои навбатӣ ба инобат гирифта шудааст.

Дар таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ доир ба амалишавии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он нишондиҳандаи баланд дар азхудкунии маблағҳои ба нақша гирифта шуда, дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён (2021-2025) 26,8%, А.Ҷомӣ (2021-2025) 24,6%, Ҷ.Балхӣ (2021-2025) 23,7%, Восеъ (2021-2025) 18,0% ва Бохтар (2021-2025) 15,0%, ба назар расида, дар сатҳи муайян барои

пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намудааст.

Дар ноҳияҳои Ш.Шоҳин, Хуросон, Темурмалик, Муъминобод, Ҷайҳун ва Ёвон татбиқи барномаҳо оғоз нагардидааст.

Нишондиҳандаи иҷроиши барномаҳо дар боқимонда шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳамагӣ аз 0,1 то 8,2 %-ро ташкил додааст, ки барои истифодаи захираҳои табиӣ, моддӣ ва молиявии ин шаҳру ноҳияҳо тақвият додани фаъолиятро дар самти азхудкунии маблағҳо тақозо менамояд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои онро лозим аст, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд барои баланд бардоштани дараҷаи амалигардонии лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаҳое, ки иҷрои он аз ҷониби мақомоти марказии дар Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии нав қабулшуда пешбинӣ гардида, ба роҳ мондани фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба мониторинг ва арзёбии барномаҳо, барои истифодаи натиҷаи фаъолияти онҳо дар татбиқи сиёсати соҳавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мусоидат намоянд.

**2.1.2. Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмак молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда.**

Дар ноҳияи Темурмалик барои соли 2021 буҷети ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия маблағи 1392631 сомонӣ, аз ҷумла маблағҳои мақсаднок 914819 сомонӣ муқаррар гардида, бо қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия таҳти №62 аз 28 декабри соли 2020 тасдиқ шудааст. Аз ҷумла дар қисми даромад ва ҳароҷоти буҷети Ҷамоати шаҳраки Совет 217010 сомонӣ, Ҷамоати деҳоти ба номи С.Раҳимов 223743 сомонӣ, Ҷамоати деҳоти ба номи Л.Қармишев 192458 сомонӣ, Ҷамоати деҳоти Танобчӣ 183774 сомонӣ, Ҷамоати деҳоти ба номи Бобоюнус 187036 сомонӣ, Ҷамоати деҳоти Қарақамиш 194737 сомонӣ, Ҷамоати деҳоти Кангурт 193872 сомонӣ пешбинӣ гардида ва хароҷоти маблағҳо тибқи он амалӣ шуда, ҳамзамон мақсаднок ва самаранок истифодабарии маблағҳо аз ҷониби кормандони раёсати молияи ноҳия зери назорати қатъӣ қарор дода мешаванд.

Мутаассифона оид ба дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин кумаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳояшон дар нимсолаи аввали соли 2021маблағгузорӣ нашудааст.

Пешниҳод: Ба истиснои ноҳияи Балҷувон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дигар шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ҷиҳати дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, расонидани кӯмакҳои молиявӣ аз

ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо чораҳои амалӣ андешида, вобаста ба масъалаи зикргардида маълумотҳои мушаххас ва дақиқ пешниҳод намоянд.

**2.1.3. Натиҷаи баррасӣ ва ҷараёни ҳалли муроҷиатҳои шаҳрвандон ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида**

Шумораи умумии муроҷиатҳои шаҳрвандон дар нимсолаи аввали соли 2021 дар вилоят 1240 ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 235 адад зиёд гардидааст.

Дар маҷмуъ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ба истисноии шаҳри Бохтар ва ноҳияи Ховалинг дар ин давра 34881 муроҷиатҳои хаттӣ ворид гардидааст.

Шумораи баланди муроҷиатҳои шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 2207 адад ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта +1008 адад зиёд гардидааст, ки ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Вахш +1061 (2326 адад), Восеъ +841 (2024 адад), Қубодиён +788 (2888 адад), Ҳамадонӣ +717 (1497 адад), Ҷайҳун +635 (1572 адад), Кушониён +456 (2014 адад), Дӯстӣ +358 (1783 адад), А.Ҷомӣ +229 (1824 адад), Носири Хусрав +206 (1076 адад), Шаҳритус +198 (1707 адад),Ҷ. Балхӣ +168 (1434 адад), Панҷ +104 (1522 адад), Левакант +150 (502 адад) ва Ёвон +127 (2577 адад)-ро ташкил додааст, ки зиёд гардидани мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии ин шаҳру ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Ҳамзамон, муроҷиатҳои умумии шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои Темурмалик -87 (915 адад), Данғара -57 (300 адад) ва Хуросон -7 (703 адад) нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст, ки аз сари вақт баррасӣ гардидани муроҷиатҳо, ҳал намудани мушкилотҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва дуруст ба роҳ мондани фаъолият дар ин самт шаҳодат медиҳад.

**Ҳолати воқеии таҳлили таркибии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо**

Таҳлилҳо муайян намуд, ки муроҷиати бисёри шаҳрвандон оид ба гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ рост омада, ин нишондод дар нимсолаи аввали соли 2021 зиёд гардидааст.

Шумораи баланди муроҷиатҳои шаҳрвандон дар ноҳияи Восеъ 846 адад вобаста ба гирифтани қитъаи замин ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта +569 адад зиёд гардидааст ва чунин ҳолат дар шаҳру ноҳияҳои А.Ҷомӣ + 310 (404 адад), Ҷ. Балхӣ +233 (499 адад), Ҳамадонӣ +225 (531 адад), Ҷайҳун +218 (538 адад), Муъминобод +152 (712 адад), Қубодиён +147 (615 адад), Норак +137 (223 адад), Левакант +116 (142 адад), Балҷувон +119 (326 адад) ва Ш.Шоҳин +52 (177 адад) ба назар расида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист, андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Ҳамзамон, вазъи мурочиатҳои шаҳрвандон ноҳияҳои Хуросон – 98 (148 адад), Ёвон -36 (289 адад), Темурмалик – 35 (281 адад) ва Шаҳритус - 25 (397 адад)-ро ташкил додааст, ки аз беҳтар гардидани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист шаҳодат медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи муроҷиати шаҳрвандон, ки аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои вилоят ба истисноии шаҳри Бохтар ва ноҳияи Ховалинг ворид гардидааст 749 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, 206 адад зиёд гардидааст.

Шумораи муроҷиатҳо аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои Қубодиён -9 (13 адад), Кушониён -7 (66 адад), Шаҳритус -4 (9 адад), Темурмалик -1 (13 адад) ва Н. Хусрав -1 (4 адад) кам гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳалли саривақтии масъалаҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб +59 (167 адад), Восеъ +29 (80 адад), Данғара +23 (44 адад), Ёвон  +20 (65 адад), Дӯстӣ +12 (21 адад), А.Ҷомӣ 21 (32 адад), Муъминобод +13 (34 адад), Вахш +13 (39 адад), Ш.Шоҳин +12 (21 адад), Леквакант +10 (20 адад), Ҷайҳун +8 (26 адад), Дӯстӣ +6 (10 адад), Ҳамадонӣ +3 (32 адад), Ҷ.Балхӣ +3 (15 адад) ва Панҷ +3 (12 адад) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст, ки андешидани тадбирҳои иловагиро оид ба ҳалли саривақтии муроҷиатҳои шаҳрвандонро талаб менамояд.

**2.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ”:**

**2.2.1. Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди забони давлатӣ, риоя ва таъмини ичрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (банди 55 паём)**

Баҳри амалӣ намудани талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 октябри соли 2009, таҳти №253 “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз тарафи Комиссияи назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҳамкорӣ бо комиссияҳои доимоамалкунанда дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ новобаста аз шакли моликият корҳои назаррасро ба анҷом расонидааст.

Дар заминаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, №647 “Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030” қарори раиси вилояти Хатлон аз 9 феврали соли 2021, №24 ва нақша-чорабиниҳо ба тасвиб расида, барои иҷро ва корбарӣ ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ирсол карда шудааст.

Бо мақсади риояи талаботҳои Қонуни забони давлатӣ оид ба истифодаи ҳуҷҷатгузорӣ ва насби шиору навиштаҷотҳо аз ҳисоби кормандони дастгоҳи раиси вилояти Хатлон, аъзоёни комиссияи назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон" гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, вазъи шиору овезаҳоро дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба истиқболи ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ, рӯзи Ваҳдати миллӣ ва 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиш қарор дода шуда, ба масъулин тавсияҳо дода шудаанд.

Баҳри густариши забони давлатӣ, таҳкими мақому мартабаи он мунтазам дар маҷлисҳои назди муовини раиси вилоят оид ба соҳаи иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои риояи талаботҳои қонуни болозикр ба масъулин дастуру супоришҳо дода мешавад.

Бояд ёдовар гардид, ки дар ин муддат тавассути телевизионҳои "Хатлон" ва "Кӯлоб" барномаҳо ва мизҳои мудаввар таҳти унвони "Забон донӣ-ҷаҳон донӣ", "Забон пояи давлат", "Забони миллат-ҳастии миллат" пайваста таҳия ва инъикос карда мешавад. Дар рӯзномаҳои вилоятӣ ва маҳаллӣ низ мақолаю гузоришҳо оид ба рушди забони давлатӣ ва "Нақши Пешвои миллат дар таҳкими забони давлатӣ" интишор гардида, ин раванд идома дорад.

Дар доираи тадбирҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла китобхонаҳои вилоятӣ ва шаҳрию ноҳиявӣ дар ин давра 29 чорабиниҳо, мизҳои мудаввар ташкилу баргузор карда шудааст.

Бо мақсади тарғиби забони давлатӣ ва поку беолоиш нигоҳ доштани он нақшаи муштарак таҳия гардида, васоити ахбори омма дар тарғиби пойдории забони давлатӣ мавриди истифода қарор дорад.

### 2.3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд":

**2.3.1.Андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" (банди 62 паём).**

Бо мақсади ба мардум расонидани муҳтавои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марбут ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғон, пешгирӣ намудани ҳолатҳои ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят даст задани онҳо, ки аз Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, шомилшавии баъзе аз шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, таъмини риоя ва иҷрои меъёр ва талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», кормандони бахш дар ҳайати гурӯҳҳои кории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ба шаҳру ноҳияҳо сафар карда, бо табақаҳои гуногуни аҳолӣ суҳбату вохӯриҳо доир намудаанд.

Дар доираи татбиқи чорабиниҳои дар ин самт амалишуда дар шаш моҳи соли 2021 аз ҷониби мақомот оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар шаҳру ноҳияҳо зиёда 2465 суҳбату вохӯриҳо бо аҳли ҷамоатчигӣ дар ташкилоту корхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва маҳалли зисти шаҳрвандон ва 745 амалиёти муштараки мақсадноки профилактикӣ дар кӯчаю бозорҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят гузаронида шудаанд.

Аз ҷониби мақомоти дахлдор, бинобар сабаби риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», нисбати 2811 нафар волидон бо моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколҳои маъмурӣ тартиб дода, ба 1293 нафарашон дар умум ба маблағи 197136 сомонӣ ҷарима ва ба 859 нафарашон огоҳӣ таъин карда шуда, 659 адад парвандаҳо дар ҳолати баррасӣ дар судҳо қарор доранд.

Ҷиҳати амалӣ намудани қарори раиси вилоят аз 28 феврали соли 2017, №54 оид ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2017, №835 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва таъсиси комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар вилоят 2886 адад комиссияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла 289 адад дар сатҳи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, 1187 дар мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва 1410 адад дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъсис дода шудаанд, ки дар асоси қарор, низомномаи намунавӣ ва нақша-чорабиниҳо фаъолият намуда истодаанд.

Тибқи нақшаҳои кории ҳармоҳаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон барои соли 2021, масъалаҳои вазъи ҳамбастагии фаъолияти комиссия ва котибони комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак бо мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ва марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона дар самти хизматрасонии инфиродӣ ба кӯдакони маъюб ва имкониятҳои ҷисмониашон маҳдуд дар ноҳияҳои Вахш ва Қубодиён ва рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар ноҳияҳои Хуросон ва Темурмалик, вазъи ҳолати будубоши кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ, рафти зимистонгузаронӣ, риояи қоидаҳои беҳдоштӣ, бехатарӣ аз сӯхтор ва рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кушониён, Вахш ва Ҷалолиддини Балхӣ, масъалаи таҳлили ҳолатҳои ҷиноятсодиркунӣ, ба таълимоти ғайриқонунии динӣ ҷалб намудани ноболиғон, ба шавҳар додани духтарони ба сини никоҳӣ нарасида, ба садамаи нақлиёти дучор шудани ноболиғон ва кор бо кӯдакони душвортарбия дар шаҳри Левакант ва ноҳияи А. Ҷомӣ, вазъи фарзандхонӣ ва васояту парасторӣ дар ноҳияҳои Ховалинг ва Балҷувон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, ҷиҳати ислоҳи камбудиву норасогиҳои ҷойдошта ба масъулин ёрии амалии методӣ расонида шудаанд.

Инчунин дар давраи ҳисоботӣ таҳлили (мониторинги) ҳолатҳои ба худкушӣ даст задани ноболиғон дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кушониён, Дӯстӣ, Вахш оид ба ҳолати монеъ шудан барои гирифтани таълими ҳатмии асосӣ (9-сола) дар ноҳияи Кушониён гузаронида шудааст.

Дар баробари корҳои ба анҷом расонидашуда дар фаъолияти комиссия ва мақомот оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, мақомоти иҷроияи маҳаллии

ҳокимияти давлатии баъзе аз шаҳру ноҳияҳо камбудиҳо низ ҷой доранд. Гарчанде сатҳи ҷиноятсодиркунӣ дар байни ноболиғон дар нимсолаи аввали соли 2021 дар вилоят 8 ҳолат кам гардида бошад ҳам, вале болоравии сатҳи ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятсодиркунӣ аз ҷониби ноболиғон, аз ҷумла ҷиноятсодиркунӣ аз тарафи ноболиғон дар шаҳру ноҳияҳои Вахш +12 (14 ҳолат), А. Ҷомӣ +7 (12 ҳолат), Ёвон +6 (9 ҳолат), Данғара +4 (9 ҳолат), Ҷайҳун +4 (7 ҳолат), Шаҳритус +2 (2 ҳолат) ва Балҷувон +1 (1 ҳолат) зиёд гардидаанд, ки аз фаъолияти суст ва нокифояи комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои зикргардида дар самти таъмини иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои базиммадоштаашон шаҳодат медиҳад.

**2.3.2. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда, тамоюли ҷинояткорӣ байни ноболиғон;**

Тибқи нақшаҳои кории ҳармоҳаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон барои соли 2021, масъалаҳои вазъи ҳамбастагии фаъолияти комиссия ва котибони комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак бо мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ва марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона дар самти хизматрасонии инфиродӣ ба кӯдакони маъюб ва имкониятҳои ҷисмониашон маҳдуд дар ноҳияҳои Вахш ва Қубодиён ва рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар ноҳияҳои Хуросон ва Темурмалик, вазъи ҳолати будубоши кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ, рафти зимистонгузаронӣ, риояи қоидаҳои беҳдоштӣ, бехатарӣ аз сӯхтор ва рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кушониён, Вахш ва Ҷалолиддини Балхӣ, масъалаи таҳлили ҳолатҳои ҷиноятсодиркунӣ, ба таълимоти ғайриқонунии динӣ ҷалб намудани ноболиғон, ба шавҳар додани духтарони ба сини никоҳӣ нарасида, ба садамаи нақлиёти дучор шудани ноболиғон ва кор бо кӯдакони душвортарбия дар шаҳри Левакант ва ноҳияи А. Ҷомӣ, вазъи фарзандхонӣ ва васояту парасторӣ дар ноҳияи Балҷувон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, ҷиҳати ислоҳи камбудиву норасогиҳои ҷойдошта ба масъулин ёрии амалии методӣ расонида шудаанд.

Инчунин дар давраи ҳисоботӣ таҳлили (мониторинги) ҳолатҳои ба худкушӣ даст задани ноболиғон дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кушониён, Дӯстӣ, Вахш оид ба ҳолати монеъ шудан барои гирифтани таълими ҳатмии асосӣ (9-сола) дар ноҳияи Кушониён гузаронида шудааст.

**2.4. (2.4.1, 2.4.2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”**

Айни замон, дар вилоят 26 комиссияҳои доимии вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ, 155 комиссияҳои доимии Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, 1753 адад комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим аз ҷумла 87 адад комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросими

ташкилоту муассисаҳои вилоятию минтақавӣ, инчунин, 1666 адад чунин комиссияҳои ҷамъиятӣ дар шаҳру ноҳияҳо амал карда истодааст.

Дар 6 моҳи соли равон дар ҳудуди вилоят 20841 адад ҷашну маросим баргузор гардид, ки аз ин шумора 19020 адад туйҳои домодию арӯсӣ, ҳамзамон, 49 адад тӯйҳои арусию домодии хайриявӣ низ гузаронида шуда, 92 ҳолати қонуншиканӣ ошкор карда шуда, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба танзим рафти амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери назорати ҷиддӣ қарор дода шудааст.

Қонуншиканиҳои бақайдгирифташуда дар шаҳру ноҳияҳои Восеъ +4 (12 ҳолат), Темурмалик +4 (7 ҳолат), Данғара +4 (4 ҳолат), Кушониён +3 (5 ҳолат), Шаҳритус +2 (6 ҳолат), Балҷувон +1 (1 ҳолат) ва Ш.Шоҳин +1 (1 ҳолат) ба амал омадааст, ки пурзӯр намудани тарғиботу ташвиқот аз ҷониби коммисияҳои ин шаҳру ноҳияҳо вобаста ба масъалаи мазкур ба миён омадааст.

Ҳамин нишондиҳандаҳо дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб -4 (1 ҳолат), Хуросон -3 (6 ҳолат), Ёвон -2 (3 ҳолат), Фархор -2 (2 ҳолат), Дӯстӣ -1 (2 ҳолат), Носири Хусрав -1 (2 ҳолат) ва Муъминобод -1 (1 ҳолат), қонуншиканиҳо кам ба қайд гирифта шудаанд, ки самаранокии фаъолияти коммисияҳои ин шаҳру ноҳияҳо таъмин карда шудааст.

**2.5. (2.5.1. 2.5.2.) Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.07.2017 с., №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет»:**

Айни замон дар дастгоҳҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят 2616 адад компютер мавҷуд буда аз ин 1655 адади он коршоям мебошад ва инчунин 1315 принтер истифода бурда шуда истодааст. Шумораи компютерҳои корношоям 961 ададро ташкил додааст.

Шумораи хизматрасонӣ тариқи почтаҳои электронӣ, дар асоси барнома аз ҳисоби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба 25 шаҳру ноҳияҳои вилоят як ададӣ компютер бо таҷҳизотҳои лозима барои истифодаи ҳуҷатгузорӣ тариқи ҳукумати электронӣ ва почтаи электронӣ тақдим карда шуда, байни мақомотҳо фаъолият карда истодаанд.

Шумораи нуқтаҳои дастрасӣ дар вилоят ба шабакаи интернет 252 ададро ташкил додааст.

Нишондиҳандаи корношоямии компютерҳо дар шаҳру ноҳияҳои Муъминобод 26 адад (корношоям 53%), Ш.Шоҳин 11 адад 23%, Данғара 18 дад 20%, А.Ҷомӣ 6 адад 17,1 %, Темурмалик 8 адад 16%, Левакант 5 адад 13%, Кушониён 8 адад 12 %, Н.Хусрав 4 адад 11%, Панҷ 5 адад 11%, Ҳамадонӣ 6 адад 9%, Восеъ 2 адад 7,1%, Дӯстӣ 2 адад 7 %, Ҷайҳун 2 адад 7 %, Кӯлоб 2 адад 4% ва Ёвон 1 адад 2% - ро ташкил дода, ба самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо таъсири манфӣ расонидааст.

Айни замон дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 2 сомонаи расмӣ, шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳо зиёда аз 45 сомонаҳои расмӣ кушода шуда, фаъолият доранд.

Дар ноҳияи Ёвон 10 адад нуқтаҳои дастрасӣ ба интернет ва 1 сомонаи мақомот фаъолият менамояд, ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ҳамадонӣ 15 нуқта /1 сомона, Қубодиён 10 нуқта/1 сомона, Темурмалик 9 нуқта/1 сомона, Кушониён 9 нуқта/1 сомона, Кӯлоб 8 нуқта /1 сомона, Данғара 7 нуқта/1 сомона, Хуросон 7 нуқта/1 сомона, Ш.Шоҳин 7 нуқта 1 сомона, Ҷайҳун 6 нуқта/1 сомона, Балҷувон 6 нуқта/1 сомона, Левакант 5 нуқта/1 сомона, Восеъ 5 нуқта/1 сомона, Вахш 3 нуқта ва 1 сомона, Фархор 2 нуқта/1 сомона, Панҷ 2 нуқта/1 сомона, Ҷ. Балхӣ 2 нуқта/0 сомона, Н. Хусрав 1 нуқта ва 1 сомона, Дӯстӣ 1 нуқта/1 сомона, Шаҳритус 1 нуқта/1 сомона, Муъминобод 1 нуқта/1 сомона ва А.Ҷомӣ 1 нуқта/1 сомона мавҷуд буда, барои зиёд намудани нуқтаҳои пайвастшавӣ ба интернет беҳтар намудани фаъолиятро тақозо менамояд.

Нуқтаҳои дастрасӣ ба интернет ва сомонаҳои мақомотҳо нисбат ба аввали соли 2021 бетағйир боқӣ мондааст.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет” дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон хусусан дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар сатҳи нокифоя буда, пурзӯр намудани корҳо дар ин самт зарур мебошад.

**2.6. (2.6.1)Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»:**

Дар нимсолаи аввали соли 2021 ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва тибқи муқаррароти банди 11-и Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 21 маротиба аз ҷумла, дастгоҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 3 маротиба, шаҳрҳои Бохтар 3 маротиба, Кӯлоб 2 маротиба, ноҳияҳои Восеъ 2 маротиба, Ёвон 2 маротиба, Муъминобод 2 маротиба, Темурмалик 2 маротиба, Фархор 2 маротиба, Ш.Шоҳин 2 маротиба, Қубодиён 1 маротиба озмуни мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидат намуда, амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таъмин карда шуда, 64 (соли 2020- 86) нафар мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатиро ишғол намуда, фаъолияти кории худро пеш бурда истодаанд.

Бо мақсади тақвияти раванди интихоби кадрҳои соҳаи хизмати давлатӣ бо роҳи арзёбии сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории довталабон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2020, №1458 ба

фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Аз ҳисоботи пешниҳоднамудаи ноҳияи Панҷ бармеояд, ки вобаста ба баргузории озмунҳо то ҳол аз Низомномаи пешин, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.05.2009, №659 тасдиқ шудааст, истифода бурда мешавад. Ҳол он, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 «Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» тасдиқ карда шуда, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2009, №659 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шудааст. Камбудии мазкур 2 сол боз дарҷ карда мешавад, мутаассифона то ҳол ҳалли худро наёфтааст.

Вобаста ба масъалаи мазкур дар ҳисоботҳои мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳру ноҳияҳои Левакант, Норак, А.Ҷомӣ, Данғара, Дӯстӣ, Кушониён, Н.Хусрав, Панҷ, Ховалинг, Хуросон, Ҷайҳун, Ҷ.Балхӣ ва Шаҳритус маълумот пешниҳод нашудааст. Камбудии мазкур дар нимсолаи аввали соли 2020 низ дарҷ гардида буд, аммо мутаассифона то инҷониб ислоҳ нашудааст.

Дар ноҳияи Вахш дар давраи ҳисоботӣ озмун гузаронида нашуда, эълон дода нашуда, 2 нафар ба нафақа гусел карда шудааст. Дар шаҳри Кӯлоб 4 нафар аз ҳисоби захираи кадрҳо ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин гардиданд. Айни замон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб барои ишғоли 15 ҷойи холӣ озмун эълон намудааст.

Гарчанде дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 3 маротиба барои 32 мансаби холӣ, ноҳияҳои Муъминобод 2 маротиба, Темурмалик 12 нафар довталаб ва Ш.Шоҳин барои 11 мансаби холӣ озмун эълон гардида бошад ҳам, аз натиҷаи озмун маълумот пешниҳод нашудааст.

Бо мақсади иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ» дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар вилояти Хатлон 75 нафар, аз ҷумла 22 нафар дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, 17 нафар дар шаҳри Кӯлоб, 25 нафар ноҳияи Ёвон, 11 нафар Қубодиён ба аттестатсия фаро гирифта шудааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар шаҳри Бохтар 5 нафар, ноҳияҳои Қубодиён 36 (соли 2020 - 3) нафар ва Шаҳритус 5 (соли 2020 – 2) нафар хизматчиёни давлатӣ ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта шудаанд.

Мутаасифона дар ҳисоботҳои дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон вобаста ба азнавтайёркунӣ ва курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта шудани хизматчиёни давлатӣ маълумот пешниҳод нагардидааст.

Тибқи санадҳои ба имзо расонидашуда дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон машғулиятҳо ва хонишҳои идоравӣ гузаронида мешаванд, ки

ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши хизматчиёни давлатӣ нигаронида шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аз ҷониби 27 нафар кормандони масъули раёсатҳо, шуъбаву бахшҳои дастгоҳи раиси вилоят ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят 25 мавзуъ бо ҷалби 1008 нафар хизматчиёни давлатӣ гузаронида шудааст.

Ҳамзамон, дар шаҳри Левакант (ҳафтае як маротиба), ноҳияҳои Восеъ, Қубодиён ва Шаҳритус (моҳе як маротиба) хонишҳои идоравӣ баргузор карда мешаванд. Маълумоти мазкур дар ҳисоботи мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дарҷ нагардидааст.

Дар асоси ҳисоботҳои пешниҳодгардида дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 65 мансаби холӣ аз ҷумла, 34 мансаб дар ноҳияи Вахш ва 31 мансаб дар ноҳияи Қубодиён мавҷуд мебошанд. Дар ҳисоботҳои боқимонда шаҳру ноҳияҳо доир ба масъалаи мазкур маълумот пешниҳод нашудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештари ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон тибқи шакли пешин омода гардида, маълумотҳои зарурӣ дақиқ пешниҳод карда нашудаанд.

Дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он комиссия оид ба одоби хизматчиёни давлатӣ таъсис дода шуда, фаъолияти кори комиссияи номбурда дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2015, №591 «Дар бораи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ монда шуда, ҳар семоҳа тибқи тартиби муқарраргардида ҷаласаҳои хешро баргузор менамоянд.

## 3. Таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ

**Маълумот оид ба иҷрои даромад ва хароҷоти буҷет. 3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш, коҳиш нисбат ба давраи ҳисоботии соли гузашта, 3.2. Чораҷӯӣ ҷиҳати сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 1, сархати 1), 3.3. Пешгирии зиёдшавӣ ва ба буҷет пардохт намудани бақияи қарзи андозҳои мавҷудбуда (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 16, сархати 3, 3.4. Мавҷудияти қарзи музди меҳнат, 3.5. Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат, 3.6. Тақвият бахшидани фаъолият дар самти муқовимат ба таҳдиду бухронҳо, ташаккули имкониябту захираҳои молиявии ба рушд нигаронидашуда, таъмини гуногунсамтии иқтисодиёт, густариши раванди рақамикунонӣ (банди 2 паём), 3.7. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

### 3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш, коҳиш нисбат ба давраи ҳисоботии соли гузашта.

Дар 6 моҳи соли 2021 иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо дар назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 106,6% таъмин гардида, ба ҷойи 846,7 миллион сомонии пешбинишуда, ба буҷет

902,3 миллион  сомонӣ ворид карда шуд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаҳои накшавӣ 55,6 млн сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли 2020 воқеан ҷамъоваригардида ба андозаи 191,4 млн. сомонӣ, ё худ 26,8% бештар мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ иҷрои нақшаи андозҳо (бе назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо барзиёд таъмин гардидааст.

Саҳми шаҳру ноҳияҳои Ёвон +10,4 млн. сомонӣ (107,6 %), Левакант +10,0 млн. сомонӣ (136,6 %), Кӯлоб +3,4 (105,8 %), Норак +2,1 млн. сомонӣ (104,2 %), Данғара +2,1 млн. сомонӣ (102,5 %), Ҷ.Балхӣ +1,9 млн. сомонӣ (106,1 %),  Темурмалик +1,6 млн. сомонӣ (119,5 %),  Ҳамадонӣ +1,6 млн.сомонӣ (119,5 %), Вахш +1,1 млн. сомонӣ (104,7%), Фархор +1,2 млн. сомонӣ (105,9 %) ва Кушониён +1,0 млн. сомонӣ (103,5%) дар зиёд ворид гардидани маблағ ба қисми даромади буҷети вилоят назаррас буда, барои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо шароити иқтисодӣ фароҳам оварда шудааст.

Қисми хароҷоти буҷети маҳаллии вилоят дар нимсолаи аввали соли 2021 тибқи нақша 1 млрд. 39 млн. сомониро ташкил дода, ба андозаи 1 млрд 15 млн. сомонӣ ё 97,6 фоизи таъинот ба иҷро расонида шуда, барои хароҷот равона карда шудааст. Дар ин давра нисбати нақшаи пешбинишуда ба маблағи 24 млн. сомонӣ кам хароҷот гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки пеш аз ҳама маблағгузорӣ ба моддаҳои ҳимояшаванда диққати махсус дода шуда, аз сарфи зиёди хароҷотҳои дуюминдараҷа худдорӣ карда шудааст.

**3.2. Чораҷӯӣ ҷиҳати сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 1, сархати 1).**

Дар давраи ҳисоботӣ дар вилоят иҷроиши нақшаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард  таъмин нагардидааст (86%), ки дар натиҷа аз ин ҳисоб ба буҷет 4,7 млн. сомонӣ ворид нашудааст.

Инчунин, дар ин давра 5  ноҳия иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетиро таъмин накарданд. Аз ҷумла, А.Ҷомӣ 81%, Ёвон 84%, Муъминобод 88%, Данғара 93% ва Фархор 81,  ки дар маҷмуъ аз ҳисоби шаҳру ноҳияҳои зикршуда ба даромади буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 5,3 млн. сомонӣ ворид нагардид.

Нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ бошад дар давраи ҳисоботӣ ба андозаи 100,8% таъмин гардид ва дар натиҷа ба ҷои 196,1 млн. сомонии пешбинишуда, ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 197,7 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 1,6 млн сомонӣ ва  нисбат ба маблағи ҷамъоваригардидаи соли гузашта 60,0 млн. сомонӣ  ё худ 43,5% зиёд мебошад.

Дар маҷмуъ дар давраи ҳисоботӣ 12 адад шаҳру ноҳияҳои вилоят аз уҳдаи иҷрои нақшаи андози иҷтимоии буҷетӣ баромада натавонистанд, аз ҷумла нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хуросон – 98%, Дустӣ – 95%,

Қубодиён – 97%, Ҷ. Балхӣ 98%, Ҷайҳун – 89%, Н. Хусрав 96%, Левакант 88%, Кӯлоб 96%, Муъминобод - 95%, Восеъ - 93%, Фархор - 88% ва Темурмалик – 99% таъмин намуданд, ки аз ин ҳисоб ба буҷет ба маблағи 4,8 млн. сомонӣ ворид нашудааст.

Яке аз сабабу омилҳои мусоидаткунанда, ки боиси сифатан таъмин нагардидани нақшаи намудҳои андоз дар фаъолияти шаҳру ноҳияҳои вилоят гардидааст, аз як тараф дар сатҳи дахлдор дуруст ба роҳ намондани маъмурикунонии андозҳо аз дигар тараф дуруст ба инобат нагирифтани манбаъҳои воқеии андозбандӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо ба ҳисоб меравад.

Гарчанде, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҳисоби сифатан таъмин нагардидани нақшаи андозҳо ба буҷет 45,4 млн. сомонӣ ворид нагардида бошад ҳам, аз ҳисоби нақшаҳои пешбинишудаи дигар намуди андозҳо дар миқёси вилоят 101,7 млн. сомонӣ барзиёд ҷамъоварӣ карда шудааст.

**3.3. Пешгирии зиёдшавӣ ва ба буҷет пардохт намудани бақияи қарзи андозҳои мавҷудбуда (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 16, сархати 3,**

Аз рӯи маълумоти пешакӣ бақияи қарзи андозҳо дар сатҳи вилоят ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар маҷмӯъ маблағи 178,7 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли ҷорӣ ба маблағи 11,1 млн. сомонӣ кам гардидааст.

Дар сатҳи 23 шаҳру ноҳияҳо дар алоҳидагӣ бақияи қарзи андозҳо дар ҳаҷми 12,0 млн. сомонӣ кам гардида, мутаассифона дар ноҳияҳои Ҷайҳун 606,9 ҳазор сомонӣ ва Ховалинг 213,5 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст, ки аз ҳисоби ин ноҳияҳо бақияи қарзи андозҳо ба маблағи 820,4 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Бақияи қарзи андози иҷтимоӣ (буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ), маблағи умумии 107,0 млн. сомонӣ, аз он ҷумла буҷетӣ 51,6 млн. сомонӣ ва ғайрибуҷетӣ 55,3 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли 2021 ба маблағи 4,8 млн. сомонӣ кам гардидааст. Дар алоҳидагӣ бақияи қарзи андози иҷтимоии буҷетӣ ба маблағи 4,2 млн. сомонӣ ва қарзи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба маблағи 645,1 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2021, чораҳои андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар якҷоягӣ бо нозироти андоз имкон додааст, ки дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб маблағи бақияи қарзи андоз нисбат ба 1-уми январи соли 2021, ба маблағи -1,1 млн. сомонӣ кам карда шуда, ба ҳолати 01.07.2021 с., (бақияи қарзи андоз 16,4 млн. сомонӣ мавҷуд мебошад) ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Хуросон -1,6 млн. сомонӣ (4,4 млн. сомонӣ), Ёвон -1,3 млн сомонӣ (5,2 млн. сомонӣ**)**, Шаҳритус -1,1 млн сомонӣ (6,8 млн. сомонӣ**)**, Норак -0,7 млн. сомонӣ (2,1 млн. сомонӣ), Кушониён -0,6 млн. сомонӣ (18,4 млн. сомонӣ) Дӯстӣ -0,5 млн сомонӣ (4,4 млн. сомонӣ**)**, Фархор -0,4 млн. сомонӣ (10,5 млн. сомонӣ) ва Бохтар -0,4 млн сомонӣ (8,5 млн. сомонӣ**)**, ташкил додааст.

Маблағҳои бақияпулиҳои андоз дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят тамоюли камшавӣ дорад.

Бо мақсади кам кардани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор дар давраи ҳисоботӣ ба унвонии 11 788 андозсупорандагон огоҳиномаи қарздорӣ ба маблағи 157,1 млн. сомонӣ ирсол гардида, аз ин ҳисоб 71,7 млн. сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст, ки 45,6 фоизи маблағи огоҳиномаҳоро ташкил медиҳад.

Мутобиқи маълумотҳо дар давоми шашмоҳаи якуми соли ҷорӣ аз ҷониби Раёсати андоз нисбати 3 111 адад андозсупорандагони қарздор, 3 756 адад қарорҳо дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 112,6 млн. сомонӣ қабул карда шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 81,0 млн. сомонӣ ворид карда шудааст, ки 72,0 фоизи маблағи қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии қарорҳо, иҷроиши 2 310 адади он ба маблағи 55,4 млн. сомонӣ пурра таъмин гардидааст, ки 61,5 фоизи шумораи умумии қарорҳоро ташкил медиҳад. Аз ҳисоби қарорҳои иҷронашудаи соли 2020 дар давраи ҳисоботии шашмоҳаи аввал ба буҷет 7,3 млн. сомонӣ ворид гардида, дар маҷмуъ воридот аз ҳисоби қарорҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо маблағи 88,3 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи мақомоти андоз дар вилояти Хатлон барои вайрон намудани қонунгузории соҳаи андоз нисбати 2495 ҳуқуқвайронкунанда парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ шуда, ба маблағи 6,7 млн. сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардида, аз ин ҳисоб 4,1 млн. сомонӣ ва ё 60% ба даромади буҷет рӯёнида шудааст.

### 3.4. Мавҷудияти қарзи музди меҳнат

Қарзи музди меҳнати ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ ба 1 июли соли 2021, 10,6 млн.сомониро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли 2020 ба маблағи 2,0 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Зиёдшавии қарзи музди меҳнат дар ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ асосан дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳритус +251,1 ҳаз. сомонӣ, Кушониён +85,5 ҳаз. сомонӣ, Норак +71,4 ҳаз. сомонӣ, ва Қубодиён +51,7 ҳаз. сомонӣ ба назар расида, андешидани чораҳои таъхирнопазирро ба миён овардааст.

Нишондиҳандаи камшавии қарзи музди меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Ёвон -665,5 ҳаз.сомонӣ, Левакант -661,8 ҳаз.сомонӣ ва Хуросон -61,1 ҳаз.сомонӣ, мушоҳида гардида, аз самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо шаҳодат медиҳад.

Зиёдшавии қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат дар намуди фаъолияти бахши воқеӣ дар соҳаи саноати коркард ба қайд гирифта шудааст.

Зиёдшавии қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат асосан дар соҳаи хизматҳои коммуналӣ ба қайд гирифта шудааст. Бештари қарзи музди меҳнат ба ҶСК "Тоҷик Азот" ва ҶСК "Нуриҳои Осиё" дар шаҳри Левакант, ҶСШК "Тоҷикхимпром" ва "Талко Кемикал" дар ноҳияи Ёвон таалуқ дорад.

### 3.5. Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат

Дар давраи ҳисоботӣ музди миёнаи меҳнат дар вилоят 1455 сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 208 сомонӣ ё ин ки 16,6% зиёд мебошад.

Ин нишондиҳанда дар соҳаҳои саноати истихроҷ – 2079,6 сомонӣ, саноати коркард – 1644,9 сомонӣ, сохтмон – 1718,8 ва бахши хизматрасонӣ – 1074,5 сомониро ташкил додааст.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят ба истисноии шаҳри Норак (-316 сомонӣ) таъмин гардида, ба сатҳи зиндагии мардум таъсири мусбӣ расонидааст.

Нишондиҳандаи баланди музди миёнаи меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Данғара (1607 сомонӣ), Бохтар (1455 сомонӣ), Норак (1911 сомонӣ), Ёвон (1348 сомонӣ) Левакант (1092 сомонӣ), Кӯлоб (1187 сомонӣ) ва Қубодиён (1037 сомонӣ), ба назар мерасанд.

**3.6. Тақвият бахшидани фаъолият дар самти муқовимат ба таҳдиду бухронҳо, ташаккули имконияту захираҳои молиявии ба рушд нигаронидашуда, таъмини гуногунсамтии иқтисодиёт, густариши раванди рақамикунонӣ (банди 2 паём);**

Бо мақсади дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ дар доираи ҳуқуқу ваколатҳои базиммадошта аз ҷониби мақомоти андози вилояти Хатлон як қатор корҳои назоратӣ амалӣ карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андози вилоят нисбати 279 адад шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида, дар натиҷа ба маблағи умумии 9229,2 ҳазор сомонӣ кам ҳисоб кардани маблағи андозҳо ошкор гардида, аз он 6527,4 ҳазор сомониаш ба буҷет ворид карда шуд, ки 70,7 фоизи маблағи умумии ошкоршударо ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар фаъолияти 1730 адад андозсупорандагон назорати камералӣ гузаронида шуда, дар натиҷа эҳтимолияти кам ҳисоб намудани андозҳо ба маблағи умумии 35,9 млн. сомонӣ ошкор карда шудааст. Аз маблағҳои умумии дар натиҷаи назорати камералӣ ошкоркардашуда, 18,4 млн. сомониро андозсупорандагон эътироф намуда, вобаста ба он эъломияҳои иловагӣ (камералӣ)-и андозҳо пешниҳод намудаанд, ки 3,3 млн. сомонӣ аз ҳисоби ҳақдории андозсупорандагон пушонида шуда, нисбати 8,9 млн. сомонӣ ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда пешниҳод намуда, 10,9 млн. сомонӣ маблағи андозҳо ба буҷет пардохт гардидааст.

Дар соли ҷорӣ дар вилоят ҳамагӣ 5926 адад андозсупорандагон, аз он ҷумла 69 адад шахсони ҳуқуқӣ, 500 нафар соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 2318 нафар хоҷагиҳои деҳқонии фермерии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва 3039 нафар соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда бақайд гирифта шудааст.

Таҷрибаи ҳаррӯзаи маъмурикунонии андоз ва муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар–машваратҳо, вохӯриҳо, таҳияи намоишҳо бояд самти афзалиятноки фаъолияти соҳа боқӣ монда, ба он бояд таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бо иштироки андозсупорандагон 214 адад семинар–машварат ва вохӯриҳо баргузор карда шудааст.

Бо мақсади истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, пешгирӣ ва худдорӣ кардан аз хароҷотҳои дуюмдараҷа, аз ҷумла сафарҳои нолозим ва хусусияти сайёҳидошта, ба роҳ мондани фаъолият тавассути риояи интизоми молиявӣ ва реҷаи сарфакорӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, хароҷоти маблағҳои буҷети маҳаллӣ асосан ба соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) ва моддаҳои ҳимояшаванда равона карда шудааст.

**3.7. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он.**

Мушкилотҳои асосӣ дар соҳаи мақомоти молияи вилоят ҷойдошта, вобаста ба қисми даромади буҷет ин дар madди аввал сифатнок иҷро нагардидани буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва мавҷудияти маблағҳои бақияпулиҳои андозӣ ба ҳисоб мераванд.

Манбаи асосии иловагии ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷет ин барҳам додани бақияпулиҳои андоз ва роҳ надодан ба пайдоиши бақияпулиҳои андозии нав ба ҳисоб меравад.

Пешниҳод: Мақомоти андози вилояти Хатлон дар якҷоягӣ бо нозироти андози шаҳру ноҳияҳо барои таъмини нақшаҳои пешбинишуда ва сифатнокии даромади буҷети вилоят, боз ҳам кам намудани бақияпулиҳои андоз, баланд бардоштани иҷрои қарори маҷбуран ситонидани андозҳо, огоҳиномаҳо фаъолиятро пурзӯр намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттифоқҳои касабаи соҳавӣ барои бартараф намудани қарзи музди меҳнат дар шаҳр ва ноҳияҳои Левакант, Норак, Кӯлоб, Ёвон, Бохтар, Шаҳритус ва Фархор чораҳои зарурӣ андешанд.

**4. Маълумот оид ба таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ**

**4.1. Шумораи соҳибкорони хурду миёна, тамоюли инкишоф ё қатъ гардидани фаъолияти онҳо, каму зиёдшавии онҳо аз рӯи соҳаҳо, аз ҷумла занон ва ҷавонони соҳибкор, ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳия, 4.2. Ҷалби сармояи мустақим, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, ҷорӣ кардани расмиёти электронии баррасӣ ва пешниҳоди иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва сертификатҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин раванд бартараф намудани омилҳои субъективӣ (банди 9 паём), 4.3. Амалисозии барасмиятдарории фаъолияти сармоягузорӣ тавассути пурра ҷорӣ намудани низоми электрониву рақамӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти марказҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорону сармоягузорон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар (банди 10 паём), 4.4. Пешниҳоди маблағҳои қарзии дастрас ва дастгирии соҳибкорӣ (банди 2 паём), 4.5. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо**

**4.1. Шумораи соҳибкорони хурду миёна, тамоюли инкишоф ё қатъ гардидани фаъолияти онҳо, каму зиёдшавии онҳо аз рӯи соҳаҳо, аз ҷумла занон ва ҷавонони соҳибкор, ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳия**

Дар маҷмуъ шумораи субектҳои хоҷагидорӣ тибқи нишондоди феҳристи ягонаи давлатӣ 106901 ададро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3956 адад ё ин ки 3,8% афзоиш ёфтааст.

Дар миқёси вилоят шумораи соҳибкорони инфиродие, ки аз руи патент фаъолият мебаранд 26877 нафар, шумораи соҳибкороне, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият мебаранд 6858 нафарро ташкил додааст.

Шумораи хоҷагиҳои деҳконӣ 64327 адад ва шумораи шахсони ҳуқуқӣ 8816 нафарро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи баланди тамоюли зиёдшавии шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Ҷ.Балхӣ +666 нафар (5847 нафар), Фархор +497 нафар (6942 нафар), Шаҳритус +320 нафар (4696 нафар), Ҳамадонӣ +292 нафар (5986 нафар), Кушониён +191 нафар (2273 нафар), Қубодиён +184 нафар (3995 нафар), Темурмалик +178 (1613 нафар), Муъминобод +171 нафар (5532 нафар), Ш.Шоҳин +162 нафар (2845 нафар), Хуросон +140 (1427 нафар), Панҷ +122 нафар (6703 нафар), Норак +79 (1539 нафар), Носири Хусрав +52 нафар (2015 нафар), Балҷувон +9 нафар (614 нафар) ва Данғара +7 нафар (3051 нафар) ба назар расида, рафти таъмини беҳбудии фазои соҳибкориро дар ин шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бо фароҳам овардани шароити муносиби соҳибкорӣ дар вилоят шумораи соҳибкорон зиёд шуда бошад ҳам, мутаассифона дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо шумораи соҳибкороне, ки дар асоси патенту шаҳодатнома фаъолият мебаранд, кам гардидааст.

Тибқи маълумотҳои шаҳру ноҳияҳо шумораи соҳибкорон дар нимсолаи якуми соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб –311 адад (5405 нафар), А. Ҷомӣ –232 адад (4251 нафар), Вахш –87 адад (4667 нафар) ва Ҷайҳун -32 нафар (4889 нафар) кам гардидааст.

**4.2. Ҷалби сармояи мустақим, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, ҷорӣ кардани расмиёти электронии баррасӣ ва пешниҳоди иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва сертификатҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин раванд бартараф намудани омилҳои субъективӣ (банди 9 паём).**

Дар нимсолаи якуми соли 2021 дар иқтисодиёти вилоят 37 лоиҳаҳо мавриди амал қарор дошта, маблағи азхудкардаи онҳо 460,0 млн. доллари амрикоиро ташкил дода, бештари маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ба соҳаҳои маориф 5 лоиҳа – 5%, кишоварзӣ 3 лоиҳа – 6,0 %, экология ва ҳолатҳои фавқулодда 2 лоиҳа – 2,6% , иригатсия (об) 2 лоиҳа – 2,1 %, хоҷагии манзилию комуналӣ 7 лоиҳа – 6,3 %, нақлиёт 5 лоиҳа– 15,2%, тандурустӣ 5 лоиҳа– 5,0% ва энергетика 5 лоиҳа– 57,9 % рост меояд.

Дар асоси ҳисоботҳои Раёсати агентии омори вилояти Хатлон ба қаламрави вилоят 1428,8 ҳазор доллари ИМА сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки 75,0 ҳазор доллари ИМА-ро сармояи мустақим ва 1353,8 ҳазор доллари ИМА-ро дигар сармоягузориҳо ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ ба қаламрави вилоят 1553,3 млн. доллари ИМА сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки 1348,1 млн. доллари онро сармояи мустақими хориҷи ташкил медиҳад ки ба шаҳру ноҳияҳои Кушониён 75,9 млн. доллари ИМА, Панҷ 57,0 млн. доллари ИМА, Носири Хусрав 50,4 млн. доллари ИМА, Данғара 47,3 млн. доллари ИМА, А.Ҷомӣ 40,2 млн. доллари ИМА, Вахш 32,9 млн. доллари ИМА, Қубодиён 29,7 млн. доллари ИМА, Кӯлоб 22,8 млн. доллари ИМА, Левакант 21,8 млн. доллари ИМА, Фархор 8,9 млн. доллари ИМА, Ҳамадонӣ 8,8 млн. доллари ИМА, Ҷайҳун 8,2 млн. доллари ИМА, Ш. Шоҳин 8,2 млн. доллари ИМА, Норак 5,0 млн. доллари ИМА, Дӯстӣ 3,1 млн. доллари ИМА, Шаҳритус 1,4 млн. доллари ИМА ва дигар сармоягузориҳои хориҷӣ ташкил медиҳад.

Айни замон дар ҳудуди ноҳияи Кушониён 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 75 млн. 900 ҳазор доллари америкоӣ амалӣ гардида истодааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маротиб зиёд мебошад.

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия Вахш айни ҳол 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 9,7 млн. доллари ИМА равона гардидааст.

Дар ноҳияи Қубодиён 6 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ гардида истодааст, ки маблағи умумии дар доираи онҳо азхудшуда 2,6 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Ба ҳолати имрӯза дар ноҳияи Дӯстӣ 6 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 1 млн. 350 ҳазор доллари америкоӣ равона гардидааст.

Дар шаҳри Левакант 8 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст, ки маблағи татбиқшуда 83,6 миллион доллари амрикоиро дар бар мегирад.

Имрӯз дар ноҳияи Панҷ 5 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 5,7 млн доллари амрикоӣ амалӣ шуда истодаанд, ки маблағи умумии азхудшудаи онҳо 202,4 ҳазор доллари амрикоӣ ё 3,6 фоизи умумии лоиҳаҳоро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Муъминобод 7 лоиҳаи сармоягузории давлати фаъолият дорад, ки маблағи азхуд карда шуда 6,33 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил менамояд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳия Фархор 9 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истода, маблағи истифодашуда 8,9 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумотҳои бахши сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ноҳияи Шаҳритус 7 адад лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 1,4 милион доллари амрикоӣ амалӣ шуда истодааст.

Дар ин давра дар ноҳияи Ҷайҳун 8 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 7,3 млн доллари америкоӣ маблағгузорӣ шудааст.

### 4.3. Амалисозии барасмиятдарории фаъолияти сармоягузорӣ тавассути пурра ҷорӣ намудани низоми электрониву рақамӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти марказҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорону сармоягузорон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар (банди 10 паём)

Дар вилоят ҷиҳати ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ҳамкорӣ бо доираи соҳибкорони ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ тақвият ёфта, соли ҷорӣ бо мақсади ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар маркази маъмурии вилояти Хатлон Форуми байналмилалии тиҷоратии “Бохтар Фуд– 2021” баргузор карда шуд, ки дар доираи он ҳашт созишномаи ҳамкорӣ миёни мақомоти давлатии соҳавӣ, соҳибкорон ва истеҳсолкунандагону содироткунандагони маҳсулоти озуқаворӣ баста шудааст.

Ҳамчунин рӯзи 9 июни соли 2021 дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон “Форуми минтақавии сармоягузории Тоҷикистону-Ӯзбекистон” баргузор гардидааст.

Дар кори Форум доираи васеи соҳибкорону сармоягузорони ватаниву хориҷӣ, масъулини мақомоти давлатӣ, мутахассисону коршиносон ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок намуда, ки теъдоди онҳо зиёда аз 400 нафарро ташкил кард.

Дар доираи Форуми мазкур аз ҷониби соҳибкорони вилояти Хатлон 13 созишномаю ёддошти тафоҳум ба имзо расонида шуда, маблағи он 8,1 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст.

Дар вилоят бо доираи соҳибкорони Қазоқистон, ки 18 нафарро бо роҳбарии Вазири савдо ва ҳамгироии Ҷумҳурии Қазоқистон Султанов Бахит Турлиханович ташкил мекард, вохӯрӣ баргузор гардида, имкониятҳои сармоягузории вилояти Хатлон пешниҳод шуда, барои ба кор даровардани

Корхонаи ордбарории “Колхозобод”-и ноҳияи Ҷ. Балхӣ ва бунёди маркази логистикӣ дар ин ноҳия гуфтушунидҳо ба анҷом расонида шудааст.

Дар ноҳияи Ёвон бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди зарурии иҷтимоию иқтисодӣ мунтазам бо соҳибкорон вохӯриҳо гузаронида мешаванд. Дар ин давра як маротиба ҷаласаи Шӯрои машваратии назди раиси ноҳияи Ёвон оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияту малакаи онҳо доир гардид.

Тибқи қарори раиси ноҳияи Ёвон аз 19 январи соли 2015, № 10 маркази машваратӣ барои соҳибкорон таъсис дода шудааст, ки мунтазам бо соҳибкорон тадбирҳои машваратӣ гузаронида, барои ҳаллу фасли мушкилоти ҷойдошта чораҳои зарурӣ меандешад.

Вобаста ба натиҷаи фаъолияти (самаранокии) Шӯрои соҳибкорон, таъсис ва фаъолияти (чорабиниҳои) ассотсиатсияи соҳибкорон дар маҳал, мавҷудияти марказҳои омӯзишӣ барои соҳибкорон 1 маротиба ҷаласаи Шӯрои машваратии назди раиси шаҳри Левакант оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкори ва сармоягузорӣ гузаронида шуда, дар он масъалаҳо марбут ба рушди соҳаи соҳибкориву сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар ноҳияи Муъминобод бо мақсади дастгирӣ ва самаранок шудани фаъолияти соҳибкорон Шурои машваратии назди раиси ноҳия “Оид ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ” амал менамояд, ки дар он соҳибкорон аъзо буда, дар ҳар нимсола як маротиба шурои худро гузаронида мушкилоту проблемаҳои дар фаъолияти кориашон ба амал омадаро баррасӣ намуда, ҷиҳати ҳали он масъалагузорӣ менамоянд.

**4.4. Пешниҳоди маблағҳои қарзии дастрас ва дастгирии соҳибкорӣ (банди 2 паём).**

Дар ноҳияи Ёвон баҳри амалисозии марҳилаи сеюми «Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» тайи солҳои охир бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ 26 корхонаву коргоҳҳои нави саноатии муосир бунёд гардида, шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ дар ноҳия ба 41 адад расидааст.

Соли ҷорӣ 1 адад лоиҳаи сармоягузорӣ доир ба ташкили фабрикаи паррандапарварӣ ва истеҳсоли гӯшти мурғ таҳия шуда, барои дарёфти сарчашмаи сармоягузорӣ ба муасисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки маблағи умумии он 18 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Левакант вобаста ба ҳамкорӣ бо муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва истифодаи маблағҳои ҷудошудаи грантҳои президентӣ, грантҳои аз ҷониби вазорату идораҳои давлатӣ барои оғоз ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ҷудогардида.

Мунтазам дар рафти суҳбату вохуриҳо бо соҳибкорон вобаста ба истифода намудани тадбирҳои зарурии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастрасӣ ба маблағҳои фоизашон паст тавассути Муассисаи давлатии

«Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои тарғиботию ташфиқоти ба роҳ монда шудаанд.

Дар ноҳияи Муъминобод бо мақсади он, ки соҳибкорон ҳарчӣ зудтар бо ин муассиса ҳамкориашонро бештар намоянд, аз номи раиси ноҳия бо мактуб муроҷиат карда шуданд, ки барои минбаъда рушд додани фаъолияти соҳибкорӣ ҳарчӣ зудтар дар таҳияи лоиҳаҳои афзалиятнок корро анҷом дода, бо Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориашонро дучанд намоянд.

Дар ноҳияи Темурмалик бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаи соҳибкорон, савияи донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва расонидани кумак барои таҳия намудани лоиҳаҳои тиҷоратӣ дар ин давра аз ҷониби бахши иқтисод ва савдо, бахши сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар Маркази таълимии калонсолони ноҳия корҳои муайян ба анҷом расонида шуд. Ҳамзамон 240 нафар аз ҳисоби Барнома ба касбомӯзӣ бо касбу ихтисосҳои фарогир аз ҷумла: қуроқдӯзӣ, бофанда, адрасбофӣ, гулдӯзӣ, омӯзиши касбҳои муҳосибӣ ва асосҳои компютерӣ  фаро гирифта шуданд.

Дар 6 моҳи соли 2021 бонкҳои вилоят ба соҳаҳои иқтисодӣ 1018,6 млн. сомонӣ қарзҳои бонкӣ равона намуданд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2020-ум 324,6 млн сомонӣ зиёд мебошад (146,8%). Аз ҷумла, ба соҳаҳои кишоварзӣ 351,8 млн. сомонӣ (34,5%), саноат, сохтмон ва нақлиёт 294,7 млн. сомонӣ (28,9%), савдо 162,5 млн. сомонӣ (16,0%), рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 11,1 млн. (1,1%) ва дигар соҳаҳо 198,5,0 млн. сомонӣ (19,5%) равона карда шудааст.

Дар ин давра дар миқёси вилоят бонкҳо ба соҳибкорон ба маблағи 76,6 млн сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34,1 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳритус аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳӣ ва бонкҳо +18,8 млн. сомонӣ (46,9 млн. сомонӣ ҳамагӣ қарз дода шуда, шумораи соҳибкорон 4090 нафар), Данғара +18,7 млн. сомонӣ (64,0 млн. сомонӣ, 6448 нафар), Панҷ +17,8 млн. сомонӣ (39,1 млн. сомонӣ 3868 нафар), Ҷайҳун +17,7 млн. сомонӣ (53,7 млн. сомонӣ 4925 нафар), Фархор +13,7 млн. сомонӣ (48,0 млн. сомонӣ 4668 нафар), Норак +11,1 млн. сомонӣ (22,8 млн. сомонӣ, 0 нафар), Қубодиён +9,9 (30,2 млн. сомонӣ 2621 нафар), Кӯлоб +9,6 млн. сомонӣ (25,0 млн. сомонӣ 1387 нафар), Вахш +8,5 млн. сомонӣ (24,4 млн. сомонӣ 2211 нафар), Кушониён +7,3 млн. сомонӣ (20,0 млн. сомонӣ 1997 нафар), Восеъ +7,2 млн. сомонӣ (11,4 млн. сомонӣ 1026 нафар), Муъминобод +6,1 млн. сомонӣ (14,4 млн. сомонӣ 1428 нафар), Дустӣ +5,6 млн. сомонӣ (26,4 млн. сомонӣ 900 нафар), Ҳамадонӣ +1,9 млн. сомонӣ (8,7 млн. сомонӣ, 695 нафар), Хуросон +0,8 млн. сомонӣ (7,7 млн.сомонӣ 1168 нафар), Шамсиддин Шоҳин +0,8 млн. сомонӣ (3,0 млн. сомонӣ 265 нафар) ва Темурмалик +0,7 млн. сомонӣ (2,3 млн. сомонӣ 112 нафар) таъмин гардидааст, ки мавҷуд будани соҳаҳои

ҷолиби соҳибкорӣ, зиёд будани марказҳои хизматрасонии бонкиро нишон медиҳанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои А. Ҷомӣ –3,1 млн. сомонӣ (49,7 млн. сомонӣ, 4602 нафар) ва Носири Хусрав –0,2 млн. сомонӣ (0,8 млн. сомонӣ, 68 нафар) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба соҳибкорон кам қарзҳо дода шуда, ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

### 4.5. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалишавии ваколатҳои онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ”, таъмини ҷудо намудани қарзҳо ба лоиҳаҳои пешниҳод гардидаи соҳибкорон аз тарафи Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ” баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ мусоидат намуда, барои пурра намудани фаъолият субъектҳои бақайд гирифташуда дар МОИ “Данғара”, “Панҷ” ва МОИ “Кӯлоб” тадбирҳои зарурӣ андешанд.

## 5. Маълумот оид ба рушди соҳаи саноат

**5.1. Нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти асосии саноатӣ аз рӯи намуди маҳсулоти саноатӣ, 5.2. Чораҳои андешидашуда ҷиҳати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби баистифодадиҳии иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои бозистодаи корхонаҳои соҳа бо ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда бо арзиши баланди иловашуда (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 1), 5.3. Бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси корхонаҳои нави саноат, барқарорсозӣ ва муосиргардонии корхонаҳои амалкунанда ва аз фаъолият бозмонда дар самти истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии рақобатпазир, бахусус аз нахи пахта, пилла, пӯсту пашм, меваю сабзавот ва гӯшту шир (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 4), 5.4 Вусъат бахшидани корҳо дар самти бунёди корхонаҳои металлургӣ, маъдантозакунӣ, истихроҷ ва то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани металлҳои ранга ва қиматбаҳо, рушди саноати мошинсозӣ, нассоҷӣ, хӯрокворӣ ва дорусозӣ (бандҳои 15,16 паём), 5.5. Таъмини корхонаҳо бо технологияҳои муосир ва зиёд намудани ҳаҷм ва номгӯи масолеҳи сохмонӣ (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 5), 5.6. Ҷараёни фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ, 5.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфросохтор барои фаъолияти минтақаҳои**

**озоди иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда, 5.8. Бо мақсади татбиқи бемайлони саноатикунонии босуръати кишвар давра ба давра ҳаллу фасл намудани мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи саноат (банди 19 паём).**

**5.1. Нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти асосии саноатӣ аз рӯи намуди маҳсулоти саноатӣ;**

Дар вилояти Хатлон дар нимсолаи якуми соли 2021 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 4 миллиарду 191 миллиону 430,7 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда, ҳаҷми истеҳсолро дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 391 миллиону 397 ҳазор сомонӣ зиёд ё ин ки 107,0% таъмин кардаанд.

Нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин 5 маротиба (маблағи афзоиш +19,3 млн. сомонӣ), Данғара 143,3 % (маблағи афзоиш +30,8 млн. сомонӣ), А. Ҷомӣ 125,4 % (маблағи афзоиш +10,8 млн. сомонӣ), Муъминобод 125,6 % (+3,0 млн. сомонӣ), Ҳамадонӣ 124,4 % (+11,9 млн. сомонӣ), Фархор 123,7% (+12,2 млн.сомонӣ), Н.Хусрав 117,7 % (+1,9 млн. сомонӣ), Ёвон 116,5 % (+112,7 млн. сомонӣ), Восеъ 116,0 % (+3,8 млн. сомонӣ), Хуросон 112,3% (+3,1 млн. сомонӣ), Кӯлоб 112,2 % (+12,8 млн. сомонӣ), Кушониён 110,2 % (+7,7 млн. сомонӣ), Темурмалик 110,2 % (+1,1 млн. сомонӣ), Ҷ.Балхӣ 109,5 % (+7,6 млн. сомонӣ), Вахш 108,5% (+5,6 млн. сомонӣ), Дӯстӣ 107,6 % (+2,0 млн. сомонӣ), Шаҳритус 107,0 % (+4,8 млн. сомонӣ), Балҷувон 106,6 % (+0,4 млн. сомонӣ), Панҷ 104,3 % (+1,7 млн. сомонӣ), Левакант 103,1 % (+4,4 млн. сомонӣ) ва Қубодиён 101,4 % (+2,3 млн. сомонӣ) таъмин намуданд, ки дар инкишофи рушди устувори саноат дар шакли индустриалӣ – аграрӣ замина гузошта шуда истодаанд.

Ҳолати ташвишовар дар шаҳри Норак 88,3,0 % (маблағи коҳиш ёфта нисбати ҳамин давраи соли гузашта – 150,0 млн. сомонӣ) ба назар мерасад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро кам намудаанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрро барои пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои худ ва мақоми ваколатдори мақомоти марказии давлатӣ барои татбиқи сиёсати соҳавӣ чораҳои иловагӣ пешбинӣ намояд.

**5.2. Чораҳои андешидашуда ҷиҳати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби баистифодадиҳии иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои бозистодаи корхонаҳои соҳа бо ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда бо арзиши баланди иловашуда (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 1), 5.5. Таъмини корхонаҳо бо технологияҳои муосир ва зиёд намудани ҳаҷм ва номгӯи масолеҳи сохмонӣ (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 5);**

Дар вилоят дар нимсолаи якуми соли 2021 корхонаҳои истеҳсолкунандаи ба маҳсулоти воридотивазкунанда нигаронидашуда, бахусус корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ, аз қабили сементбарорӣ, рангҳои сохтмонӣ, гач ва гачварақа, ширеш ва бетони сохтмонӣ, асфалт, дарҳои миёнаҳуҷравӣ, истихроҷи нафт ва маҳсулоти нафтӣ дар маҷмуъ 1322,3 ҳазор тонна семент, 152,4 ҳазор тонна клинкер, 1475,8 тонна оҳаки бинокорӣ, 5146,6 ҳазор дона хишти бинокорӣ, 8,3 млн. дона хишти сементӣ, 14,1 ҳазор метри мураббаъ хишти роҳрав, 175,4 ҳазор метри мураббаъ бетони сохтмонӣ, 773,4 метри мураббаъ оҳану бетони васлшуда, 1132 тонна рехтаи пулодӣ, 35,7 ҳазор метр маҳсулот аз пластикаи филизӣ, 169,3 ҳазор метр қубурҳои пластикӣ, 84,7 тонна эмулсия, 498,3 ҳазор дона амстронг, 45,9 тонна андоваи минералӣ, 8,1 миллион метр шланги ПВХ, 57 адад трансформаторҳои қуввагӣ ва ба маблағи 798,2 ҳазор сомонӣ маҳсулоти мебелӣ истеҳсол кардаанд, ки ин нишондиҳанда дар таносуб ба ҳамин давраи соли 2020 аз 5,4 фоиз то 2 маротиба зиёд мебошанд.

Тибқи нақша, дар давоми соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бунёди 60 адад коргоҳу корхонаҳои истеҳсолии нав бо таъсиси 938 ҷойи корӣ пешбинӣ шуда, тӯли ин муддат дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 48 адад корхона ва коргоҳҳои саноатӣ, дар самти истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ (орд, консерваи меваю сабзавот, макаронӣ, гӯшти мурғ, масолеҳи сохтмони), масолеҳи сохтмонӣ (шифери азбестӣ, тол, истихроҷ ва коркарди сангу шағал, оҳаксанг) ва дӯзандагӣ бо таъсиси 422 ҷойи корӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст.

Дар ин давра трансформатор 201 адад, маҳсулоти нонӣ 52554,2 ҳазор тонна, шарбат ва консерва 2661,0 ҳазор қутии шартӣ ва 524,4 ҳазор тонна маҳсулотҳои ширӣ истеҳсол карда шудааст, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, истеҳсоли трансформатор 144 адад, маҳсулоти нонӣ 2290,3 ҳазор тонна, консерва 57,9 ҳазор қутии шартӣ зиёд ва маҳсулотҳои ширӣ 36,4 ҳазор тонна зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли равғани растанӣ 100,8 фоиз, хишти бинокорӣ 131,2 фоиз, хишти сементӣ 108,1 фоиз, нон ва маҳсулотҳои нонӣ 104,6 фоиз, нӯшокии беспирт 134,4 фоиз ва маҳсулот аз пластикаи филизӣ 105,5 фоиз зиёд гардидааст.

Дар ин давра дар ноҳияи Ёвон корхонаи «Хуаксин Ғаюр семент» ба миқдори 153 ҳазору 553 тонна, аз корхонаи «Чжунгтсай Моҳир семент» 98 ҳазору 990 тонна ҷамъ ба миқдори 252 ҳазору 543 тонна семент ва аз

корхонаи истеҳсоли гачкартони “Хуаҷиан Ғаюр индастриал” 164 ҳазору 320 дона гачкартон, ки маблағи умумии он 124 млн. 639 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ба хориҷи кишвар содирот гардид, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 млн. 376 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ аз тарафи корхонаҳои саноатӣ 1479,6 тонна нон ва маҳсулотҳои нонӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба миқдори 62,0 тонна зиёд, 217,1 ҳазор дона хишти сементӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба миқдори 5 ҳазор дона зиёд ва 1686,8 метри мураббаъ маҳсулот аз пластики филизӣ истеҳсол намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба миқдори 191,4 метри мураббаъ зиёд мебошад.

Дар ноҳияи Фархор корхонаҳои коркарди пахта ва коргоҳҳои хурди нассоҷӣ вобаста ба ашё (пахта) ва коргоҳи хурди консервабарорӣ дар давраи ҷамъоварии меваю сабзавот фаъолияти мавсимӣ доранд. Дар 6 моҳи соли равон 4 адади он, аз ҷумла 3 адад корхонаҳои коркарди пахта (ҶДММ «Зафар-СС», ҶДММ «Адолат-А» ва ҶДММ Меҳроб–А (иҷора дар «Адолат-А») ва 1 адад коргоҳи хурди насоҷӣ (ҶДММ «Сиёвуши Маҳмадӣ») фаъолият накарданд. Дар давраи ҳисоботӣ 6 адад корхонаҳо нишондоди ҳаҷми маҳсулоти саноатиро нисбати ҳамин давраи соли гузашта аз ҷумла, ҶДММ «Само и К» ба 801,1 фоиз, КМ «Шукрона» ба 102,2 фоиз, ҶДММ «Фароғат-Н» ба 114,4 фоиз, ҶДММ «Бибизайнаб» ба 115,2 фоиз, ҶДММ «Сабоҳ-2018» ба 118,1 фоиз ва ҶДММ «Солеҳҷон-М» ба 134,3 фоизи зиёд намудаанд.

Дар ноҳияи Кушониён ҳаҷми истеҳсоли орд 100,8 фоиз, нон ва маҳсулоти нонӣ 100,1 фоиз зиёд гардид. Истеҳсоли хишти сементӣ бошад, ба 313,14 ҳазор дона расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, 14,3 ҳазор дона ё ба 101,3 фоиз расонида шудааст.

**5.3. Бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси корхонаҳои нави саноат, барқарорсозӣ ва муосиргардонии корхонаҳои амалкунанда ва аз фаъолият бозмонда дар самти истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии рақобатпазир, бахусус аз нахи пахта, пилла, пӯсту пашм, меваю сабзавот ва гӯшту шир (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 4).**

Дар солҳои 2018-2021 дар вилоят баистифодадиҳии 232 корхона ва коргоҳҳои саноатӣ бо дарназардошти таъсиси 2030 ҷойи корӣ ба нақша гирифта шудааст.

Мувофиқи омори расмӣ, дар вилояти Хатлон корхонаҳои саноатии аз фаъолият бозмонда 23 адад, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Бохтар, Кушониён, Шаҳритус, Ҷайҳун, Фархор, Қубодиён, -1 ададӣ, Левакант, Ховалинг, Хуросон–2 ададӣ, Ёвон – 4 адад, Ҳамадонӣ, Данғара – 3 ададиро ташкил медиҳад.

Дар нимсолаи якуми соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои Фархор 5 адад корхонаи саноатӣ (13 ҷойи корӣ), Ёвон 5 адад (38 ҷойи корӣ), Дӯстӣ 3 адад (8 ҷойи корӣ), Муъминобод 3 адад (20 ҷойи корӣ), Ҷ.Балхӣ 2 адад корхонаи

саноатӣ (82 ҷойи корӣ), Восеъ 2 адад (16 ҷойи корӣ), Шаҳритус 2 адад (8 ҷойи корӣ), Панҷ 2 адад (15 ҷойи корӣ), Хуросон 2 адад (11 ҷойи корӣ), Бохтар 1 адад (60 ҷойи корӣ), ва Носири Хусрав 1 адад (15 ҷойи корӣ) ба истифода дода шудаанд.

Ҳамин тариқ дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Данғара 5 адад, Левакант 5 адад (7 ҷойи корӣ) ва Фархор 2 адад корхонаи саноатӣ, Хуросон 2 адад (4 ҷойи корӣ), Ҳамадонӣ 4 адад, Ҷайҳун 3 адад, Ш.Шоҳин 3 адад ва Шаҳритус 3 адад фаъолият накарданд.

Вобаста ба зербанди мазкур дар ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои Кушониён, Қубодиён, Балҷувон, Вахш, А. Ҷомӣ, Кӯлоб, Норак, Темурмалик маълумот дарҷ нагардидааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2021 аз ҷониби корхонаҳои консервабарории вилоят 2 миллиону 661 ҳазор қӯттӣ консерва истеҳсол шудааст, ки мутаносибан ба ҳамин давраи соли гузашта 58 ҳазор қуттӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2021 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ дар ҷамоати деҳоти “Корез”-и ноҳияи Данғара корхонаи коркарди меваю сабзавот ва макарон бо иқтидори истеҳсоли 2 миллион қуттӣ дар як сол ва дар шаҳри Бохтар дар заминаи корхонаи КВД “Хӯрокворӣ” банду басти меваю сабзавот ба истифода дода шуд, ки бо дар назардошти 25 ҷойи кории доимӣ таъмин гардидаанд.

Ҳамзамон, аз ҷониби ин корхонаҳо 56 тонна меваи хушк, аз ҷумла ҶДММ “Ҳоҷи Асадулло”-и ноҳияи Ҳамадонӣ 0,2 тонна ва ҶДММ “Беҳбудӣ”-и ноҳияи Кушониён 0,59 тонна, ҶДММ “Тухфаҳои табиат” ноҳияи Муъминобод 0,5 тонна истеҳсол шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳритус дар шаш моҳи соли 2021 оид ба иҷрои Дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати саноатикунонии босуръати кишвар 1 адад дастгоҳ барои мевахушкунӣ ва анборхона барои нигоҳдории маҳсулоти хоҷагидорӣ сохта ба истифода дода шуд.

Маълумот вобаста ба зербанди мазкур дар ҳисоботҳои дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба назар намерасад.

**5.4 Вусъат бахшидани корҳо дар самти бунёди корхонаҳои металлургӣ, маъдантозакунӣ, истихроҷ ва то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани металлҳои ранга ва қиматбаҳо, рушди саноати мошинсозӣ, нассоҷӣ, хӯрокворӣ ва дорусозӣ (бандҳои 15,16 паём);**

Мувофиқи маълумотҳои вилояти Хатлон дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби корхонаҳои истихроҷи канданиҳои фоиданок дар ҳаҷми 172 ҳазору 755 метри мукааб рег, сангу шағал истеҳсол шудааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 21388 метр мукааб ва ё 10,1 фоиз зиёд истеҳсол шудааст.

Вобаста ба зербанди мазкур дар ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳо вилояти Хатлон маълумот омода карда нашудааст.

## 5.6. Ҷараёни фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ин давра аз ҷониби косибони шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Левакант, Шаҳритус, Шамсиддин Шоҳин ва Темурмалик 15 ҳазор метри мураббаъ матои адрас истеҳсол шудааст, ки ин нишондиҳанда дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 4 ҳазор метри мураббаъ (36,0 фоиз) зиёд мебошад.

Дар асоси маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар нимсолаи якуми соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои Ҷ. Балхӣ 298 м атлас (нисбат ба соли гузашта 59 метр зиёд), Темурмалик 120 метр (-30 метр кам), Фархор 80 метр (20 метр зиёд), Шаҳритус 6030 метр (15 метр зиёд), истеҳсол карда шудааст.

Дар ин давра дар  ноҳияи Кушониён 2 адад қолини дастӣ (дар соли гузашта истеҳсол нашудааст) дар асоси фармоиш тайёр карда шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои А.Ҷомӣ 2000 $м^2$ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта +1000 $м^2$), Ҷ.Балхӣ 1 адад (нисбати ҳамин давраи соли гузашта +1 адад) ва Фархор 23 метр қолин истеҳсол шудааст, ки (нисбати ҳамин давраи соли гузашта +8 метр) зиёд мебошад.

Дар ҳисоботҳои дигар шуҳру ноҳияҳо нисбати истеҳсоли қолин маълумот пешниҳод нагардидааст.

Мувофиқи маълумоти раёсати маорифи вилоят ба санаи 1 июли соли равон бо 35 корхона ва коргоҳи дӯзандагӣ барои дӯхти 234 ҳазору 219 ҷуфт либоси мактабӣ, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 180 ҳазору 676 ҷуфт либоси мактабӣ ё ин ки 4 маротиба зиёд истеҳсол шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Панҷ 41553 ҷуфт (нисбати соли гузашта +38493 ҷуфт зиёд),  Вахш 18610 ҷуфт (+/17600), Восеъ 15066 ҷуфт (+15066 ҷуфт зиёд), Қубодиён 12284 ҷуфт (+8334 ҷуфт), Хуросон  9500 ҷуфт (+/- 0 ҷуфт), Кӯлоб 8000 ҷуфт (+/- 0 ҷуфт),  Фархор 6140 (+5720 ҷуфт), Темурмалик 5450 ҷуфт (+1951 ҷуфт), Ҷайҳун 4650 ҷуфт (+/- 0 ҷуфт), Носири Хусрав 4600 ҷуфт (+/- 0 ҷуфт), Левакант 4587 ҷуфт (+4587), Ҷ. Балхӣ 3700 ҷуфт (+723 ҷуфт), Ш.Шоҳин 3100 ҷуфт (+2274 ҷуфт), Данғара 1689 ҷуфт (-540 ҷуфт) ва Дӯстӣ 523 ҷуфт (+/- 0 ҷуфт) либосҳои мактабӣ истеҳсол шудааст.

Санаи 26 марти соли 2021 дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ  Ҷамоати деҳоти "Навобод" бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон як сехи дузандагии либоси мактабӣ барои 200 нафар мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

Дар ноҳияи Восеъ дар ин давра дар 1 адад коргоҳи дӯзандагии "Соҳибкори инфиродии Ҳулбук" бо таъсиси 16 ҷойи корӣ таъсис дода шудааст.

**5.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфросохтор барои фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда**

Дар вилояти Хатлон айни замон 2 минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), аз ҷумла МОИ «Данғара» дар ноҳияи Данғара ва МОИ «Панҷ» дар ноҳияи Ҷайҳун фаъолият дошта, МОИ «Кӯлоб» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2019, №978 таъсис дода шудааст.

Дар МОИ «Данғара» 28 субъект фаъол буда, аз ин 10 адад субъектҳои фаъоли мол истеҳсолунанда: ҶДММ «Миср-2001»-корхонаи сангу шағал, «Тоҷи Осиё» - корхонаи маводи шустушӯӣ, «Грин Голд»-корхонаи коркарди меваи хушк ва писта, «Ауфен»-корхонаи конструксияҳои металлӣ, «Детейн Бетон»-корхонаи истеҳсоли бетон, «Сохтмон-11»-корхонаи хишт, «Тоҷпласт-1»-кохонаи истеҳсоли қубурҳои пластикӣ, «Оро»-корхонаи истеҳсоли перилаҳо, «Ғаюр Саноат»-кохонаи истеҳсоли рангҳои синтетикӣ ва андоваҳои декоративӣ ва ҶДММ «Фотимаи Иброҳим»-корхонаи банду баст ва донагӣ мебошанд.

11 адад субъектҳое, ки сохтмони корхонаҳояшонро бояд бунёд намоянд: ҶДММ «Шабакаҳои барқи Осиёи Марказӣ»-корхонаи истеҳсоли таҷҳизоти барқӣ, «Шаҳри Ёрон»-корхонаи коркарди қанд, «Тоҷикистон офтоби Шарқ»-корхонаи сохтмонии ТК Ойл ККН Данғара, «Пиштоз Посоргод Тоҷикистон»-корхонаи бомпушҳои сохтмонӣ, «Дониш Тоҷ»-корхонаи нақлиётӣ-логистикӣ ва бунёди амборҳои тиҷоратӣ, «Душаҳд»-корхонаи банду басти маҳсулоти кишоварзӣ, ҶДММ «Тянсай Тоҷсемент», ҶДММ «Осиё Р»-корхонаи логистикӣ, ҶДММ «СИ АО лифт», ҶДММ «Техно полиш» мебошанд.

4 адад субъектҳои хизматрасонии инфрасохтор, аз ҷумла ҶДММ «Ихтиёри Диёр»-субъекти сохтмонӣ, ҶДММ «Автомагистрал», ҶДММ «Шенсӣ» -оид ба таъмини барқи минтақа, маъмурияти хизматрасонии об.

3 адад субъектҳое, ки сохтмони корхонаҳояшон ба анҷом расидааст, вале бо сабабҳои узрнок истеҳсол надоранд; ҶДММ «Космос»-корхона бо сабаби ворид нагардидани техникаҳои калонҳаҷм аз ҶХХ ва ҶДММ «ТК Оёл ККН Данғара»-барои ба мувофиқа расонидани қарордоди воридоти ашёи хоми нафтӣ аз Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Туркманистон.

Маъмурият тасмим гирифтааст, ки боз ду субъекти дигар бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва ватанӣ то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намояд ва дар ин бахш гуфтушунидҳо рафта истодаанд.

Дар 6 моҳи соли ҷорӣ ҷалби сармоягузориҳо аз ҷониби субъектҳои МОИ «Данғара» ба 5,9 миллион сомонӣ баробар буда, аз давраи фаъолият сармоягузориҳо ба 1 миллиарду 805,4 миллион сомонӣ баробар аст.

Дар нимсолаи соли ҷорӣ ҳаҷми маблағи маҳсулоти истеҳсолшуда ба 27,2 миллион сомонӣ, дар қиёс нисбати 6 моҳи соли 2020 18,5 ё 3 баробар зиёд мебошад.

Инчунин, аз ҳудуди минтақа ба маблағи 1,8 млн. сомонӣ ё 241 тонна маҳсулоти донагӣ аз ҳисоби ҶДММ “Фотимаи Иброҳим” ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон содирот карда шуд.

Хизматрасониҳои инфрасохтор аз ҷумла, обу барқи минтақа дар нимсолаи якуми соли 2021 ба маблағи 2,6 миллион сомонӣ, ин нишондод дар ин давраи соли гузашта ба 2,2 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки ба 115,5 фоиз баробар аст.

Дар нимсолаи якуми соли 2021 аз ҷониби субъектҳо пардохти андозҳо ва боҷи гумрукӣ дар ҳаҷми 2,1 млн сомонӣ расонида шуд, ки дар ин давраи соли гузашта ба 2,0 миллион сомонӣ ва дар муқоиса иҷроиши андозҳо ба 106,1 фоиз расонида шуд.

Дар минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» шумораи ҷойҳои корӣ 365 адад расида, ки ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта 87 нафар зиёд мебошад.

Дар минтақаи минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» 11 адад субъект ба қайд гирифта шуда, 7 субъекти он фаъол буда, 4 субъекти дигар бинобар сабаби надоштани маблағ ва паҳншавии бемории сироятии коронавирус COVID-19 фаъолият надоранд. Дар соли ҷорӣ аз 7 субъекти фаъолият дошта 2 субъект: ҶДММ “Мушки Сино” корхонаи истеҳсоли собун ва воситаҳои шустушӯй ва ҶДММ «Тиҷорат Сохтмон» оид ба хизматрасонии сохтмонӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Ҷалби сармоягузориҳо аз ҷониби субъектҳо дар нимсолаи якуми соли 2021, 548,6 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли 2020 1019,0 ҳазор сомонӣ кам мебошавад.

Аз ҷониби субъектҳои минтақа дар нимсолаи якуми соли 2021 маҳсулоти саноатӣ истеҳсол нашудааст.

Пардохти андозҳо дар нимсолаи якуми соли 2021 78,2 ҳазор сомонӣ, нисбат ба нимсолаи соли 2020 8,7 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Хизматрасонии пулакӣ дар моҳи майи соли 2021 8,5 ҳазор сомонӣ, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 18,6 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Дар минтақа 39 нафар кору фаъолият доранд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4 нафар кам гардидааст.

МОИ «Кӯлоб».

Муассисаи давлатии Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» фаъолияти худро баҳри иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона намуда, дар ин самт як қатор корҳо ба анҷом расонида шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ корҳои сохтмонии нахустин субъект –ҶДММ “Тоҷик Алмос” корхонаи истеҳсоли қисмҳои автомобилӣ, яъне ҳавотозакунакҳои равғанӣ ва ҳавоӣ оғоз гардида, деворбандии гирду атрофи корхонаи мазкур пурра ба анҷом расида, корҳои сохтмонӣ дар самти бунёди бинои истеҳсолӣ ва дигар биноҳои ёрирасон бомаром идома дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ лоиҳаи бинои маъмурӣ ва гузаргоҳи гумрукии Минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб” пурра омода гардида, тибқи тартиби

муқарраргардида барои экспертизаи давлатӣ пешниҳод карда шуд, ки баъд аз гузаштани экспертизаи давлатӣ корҳои сохтмонӣ оғоз мегардад.

Айни замон, баҳри таъмини субъектҳои минтақаи мазкур бо оби ошомиданӣ корҳо дар самти таҳия намудани лоиҳаи дахлдор вобаста ба кандани чоҳи амудӣ идома дошта, тибқи нақша бунёди чоҳи амудӣ дар соли 2022 пешбинӣ гардидааст.

**5.8. Бо мақсади татбиқи бемайлони саноатикунонии босуръати кишвар давра ба давра ҳаллу фасл намудани мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи саноат (банди 19 паём);**

Мушкилиҳои асосии соҳа норасогии воситаҳои молиявӣ, ҷалби сусти сармояи дохилию хориҷӣ, норасогии кадрҳои баландихтисос, технологияи муосир, қарзҳои бонкӣ баён мегарданд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, ба кор андохтани корхонаҳои қолинбофӣ фаъолиятро пурзур намуда ҷиҳати амалӣ гардонии барномаҳои соҳаи саноат ва таъмини ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба саноатикунонии босуръати мамлакат чораҳои мушаххас амалӣ намоянд.

## 6. Маълумот оид ба рушди энергетика

**6.1. Ҳалли масъалаву мушкилоти соҳаи энергетика, хусусан, дар бобати баҳисобгирии истеҳсол ва истеъмоли барқ, кам кардани талафот ва истифодаи таҷҳизоти барқии каммасраф (банди 26 паём) ва (АПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176, банди 21 Нақша-чорабиниҳои “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”), 6.2. Рафти пардохти маблағи ҳаққи истифодаи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ, 6.3 Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он.**

**6.1. Ҳалли масъалаву мушкилоти соҳаи энергетика, хусусан, дар бобати баҳисобгирии истеҳсол ва истеъмоли барқ, кам кардани талафот ва истифодаи таҷҳизоти барқии каммасраф (банди 26 паём) ва (АПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176, банди 21 Нақша-чорабиниҳои “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”);**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон баҳри татбиқи ҳадафҳои миллӣ ва ҳалли масъалаву мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи энергетика, аз ҷумла баҳисобгирии истеҳсол ва сарфакорона истифодабарии қувваи барқ, кам кардани талафот ва истифодаи таҷҳизотҳои барқии каммасраф пайваста тадбирҳо андешида, дар байни аҳолӣ зиёда аз 144204 мулоқоту вохӯриҳо бо фарогирии 2263620 нафар баргузор гардида, бо усули хона ба хона оид ба оқилонаю сарфакорона истифодабарии нерӯи барқ 659399 адад огоҳиномаҳо дода шудааст. Вобаста ба кам кардани

талафот ва истифодаи таҷҳизотҳои барқии каммасраф, инчунин оқилонаю сарфакорона истифодабарии нерӯи барқ корҳо идома дошта, дар сатҳи вилоят 2 гуруҳи корӣ ва дар шаҳру ноҳияҳо 184 гуруҳи корӣ фаъолият доранд.

Дар нимсолаи якуми соли 2021 ба аҳолӣ ва хоҷагии халқи вилоят 1434,3 миллион кВт/соат нерӯи барқи фоиданок, ба маблағи умумии 344 миллиону 790,7 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла ба аҳолӣ 297 миллиону 885,7 ҳазор сомонӣ дастрасӣ шуда, ҷамъоварии он мутаносибан дар сатҳи 86,4 ва 87,4 фоизӣ таъмин гардидааст, ки нисбат ба ҷамъбасти 5 моҳа дар умум 2,8 фоиз, аз ҳисоби аҳолӣ 5 фоиз зиёд мебошад.

Гарчанде талафоти нерӯи барқ дар сатҳи вилоят нисбат ба ҷамъбасти 3 моҳаи аввали соли равон 7,9 фоиз коҳиш ёфта бошад ҳам, вале нисбати ҳамин давраи соли гузашта (16,8%) 4,2 фоиз зиёд буда, айни замон ба ҳисоби миёна талафоти неруи барқ 21,0 фоизро ташкил медиҳад.

Дар нимсолаи якуми соли 2021, дар миқёси вилоят талафоти барқ 21,0%-ро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 4,2% зиёд гардидааст.

Корҳои анҷомдода оид ба кам кардани талафоти барқ имкон додааст, ки танҳо дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 14,0% (-3%), Ҷ.Балхӣ 16,1% (-1,2%), Темурмалик 16,4% (-0,6%), Панҷ 16,5% (-0,3%) ва Хуросон 15,0% (-0,1%) талафоти барқ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардида, барои расидан ба нишондиҳандаи пешбинӣ намудани Стратегияи миллии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 шароит фароҳам оварда истодааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 24,9% (+7,0%), Муминобод 22,4% (+8,7%), Восеъ 18,9% (+6,9%), Ҳамадонӣ 18,9% (+6,3%), Фархор 18,2% (+5,7%), Балҷувон 19,6% (+5,1%), Данғара 18,3% (+3,5%), Шаҳритус 17,4% (+3,4%), А.Ҷомӣ 19,7% (+3%) Кушониён 17% (+3%), Ш.Шоҳин 17% (+1%), Дӯстӣ 17% (+0,2%) ва Қубодиён 16,5% (+0,2%)-ро ташкил дода, аз ҳисоби зиёд гардидани талафот нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, ба таъмини нишондиҳандаи рушди энергетика таъсири манфӣ расонидааст.

Нишондиҳандаи баланди фоизи талафоти барқ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб (24,9 %), Муминобод (22,4%), А.Ҷомӣ (19,7%), Балҷувон (19,6%), Восеъ (18,9%), Ҳамадонӣ (18,9%), Данғара (18,3%), Фархор (18,2%), Шаҳритус (17,4%), Дӯстӣ (17%), Кушониён (17%), Ш.Шоҳин (17%), Қубодиён (16,5%), Панҷ (16,5%), Темурмалик (16,4%), Ҷ. Балхӣ (16,1%), Левакант (15%) ва Носири Хусрав (15%) ба назар мерасад, ки пешбинӣ намудани тадбирҳои иловагиро барои таъмиру барқарорсозии воситаҳои барқтаъминкунӣ талаб менамояд.

**6.2. Рафти пардохти маблағи ҳаққи истифодаи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ**

Дар нимсолаи якуми соли 2021 маблағи қарзи барқи истифодашуда дар миқёси вилоят 809,0 миллион сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, 184,4 млн. сомонӣ ё 129,5% зиёд гардидааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2021 маблағи қарзи нерӯи барқи истифодашуда бо назардошти солҳои пешин, дар умум дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 809 миллиону 7 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аҳолӣ 348 милиону 94,4 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбати ҷамъбасти 6 моҳаи соли равон 6 миллиону 16,7 ҳазор сомонӣ кам карда шуд.

Маблағи қарзи истифодаи қувваи барқ нисбат ба 6 моҳаи соли 2020, дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар +45,0 млн. сомонӣ (ҳамагӣ қарзи умумӣ 125,2 млн. сомонӣ), Восеъ +22,5 млн. сомонӣ (57,9 млн. сомонӣ), Кӯлоб +15,7 млн. сомонӣ (129,2 млн. сомонӣ), Фархор +11,5 млн. сомонӣ (26,2 млн. сомонӣ), Вахш +6,8млн. сомонӣ (48,0 млн. сомонӣ), Левакант +6,8млн. сомонӣ (34,4 млн. сомонӣ), Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ +5,6 млн. сомонӣ (23,1 млн. сомонӣ) Муъминобод +4,4 млн. сомонӣ (22,2 млн. сомонӣ), Балҷувон +4 млн. сомонӣ (14,5 млн. сомонӣ), Дӯстӣ +3,4 млн. сомонӣ (15,9 млн. сомонӣ), Кушониён +2,8 млн. сомонӣ (38,2 млн. сомонӣ), Ҷайҳун +1,2 млн. сомонӣ (14,3 млн. сомонӣ), Қубодиён +1,1 млн. сомонӣ (23,2 млн. сомонӣ), Шаҳритус +1,1 млн. сомонӣ (19,2 млн. сомонӣ) ва Темурмалик +0,9 млн. сомонӣ (8,1 млн. сомонӣ)-ро ташкил дода, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақоми ваколатдори соҳа ШСХК “Барқи Тоҷик” таъмин нагардидааст.

Танҳо дар ноҳияи Хуросон -0,4 (ҳамагӣ қарзи умумӣ 9,1 млн. сомонӣ), камшавии қарзи истифодаи қувваи барқ ба назар мерасад, ки дуруст ба роҳ мондани фаъолияти кориро нишон медиҳад.

Нишондиҳандаи қарзи калони истифодаи қувваи барқ дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кӯлоб, Восеъ, Кушониён, Левакант, Фархор, Вахш, Қубодиён, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҷ.Балхӣ, Муминобод, Норак, Шаҳритус, Данғара, Дӯстӣ, Панҷ, Балҷувон ва Ҷайҳун мавҷуд буда, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохтори ҳудудии ШСХК “Барқи Тоҷик” ба миён омадааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2021 бо мақсади дақиқ ба ҳисоб гирифтани қувваи барқ аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Дӯстӣ +1977 адад ҳамагӣ (11135 адад), Данғара +1894 адад (9341 адад), Ҳамадонӣ +1360 адад (15210 адад), Қубодиён +1210 адад (23350 адад), Муъминобод +1125 адад (4255 адад), Темурмалик +1100 адад (2900 адад), Шамсиддини Шоҳин +970 адад (5770 адад), Панҷ +893 адад (16740 адад), Фархор +468 адад (23009 адад), Хуросон +229 адад (13400 адад), Носири Хусрав +268 адад (1468 адад), Кӯлоб +181 адад (15141 адад), Ҷ.Балхӣ +72 адад (27658 адад), Балҷувон +22 адад (1020 адад) ва Шаҳритус +11 адад (396 адад) зиёд ба роҳ монда шуда, замина барои таъмини нишондоди рушди энергетика гузошта шуда истодааст.

Бояд зикр намуд, ки дар 6 моҳи соли 2021 насби ҳисобкунакҳои электронӣ дар ноҳияҳои Вахш -3146 (3005) ва Кушониён -135 адад (3850 адад) кам гардидааст.

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Восеъ ва Левакант маълумот оид ба насби ҳисобкунакҳои электронӣ маълумот пешниҳод накардааст.

**6.3 Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он;**

Дар вилоят сохтмон ва бақарорсозии 7400 адад бинову иншоотҳо тайи солҳои 2018 – 2021 ба нақша гирифта шудааст, ки дар мавриди ба истифода додани онҳо талаботи нерӯи барқ зиёд гардида, дар ин самт анҷом додани корҳои муайянеро тақозо дорад, аз ҷумла, масъалаҳои ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони зеристгоҳҳои баландшиддат, васлу насби трансформаторҳои шидаташон пасту баланд, симчубҳои оҳану бетонӣ, кашидани хатти интиқоли барқӣ ва дигар механизму таҷҳизотҳои барқӣ маблағгузории иловагиро талаб менамояд.

Дар ноҳияи Вахш бо ҷудо намудан ва додани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва бунёд ёфтани деҳаҳои нав дар ҳудуди шаҳраку деҳоти ноҳия насб гардидани симчӯб, ноқил ва трансформаторҳои барқӣ мушкилотҳоро ба вуҷуд оварда истодааст.

Таъмин намудани ноқилу трансформаторҳо, симчӯбҳои чубӣ, бетонӣ барои кашидани хатти барқ ва ивази симчӯбҳои корношоям дар деҳаҳои навбунёди ноҳияи Фархор.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010 то ин ҷониб дар ҳудуди Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи Ҳамадонӣ барои оилаҳои эҳтиёҷманд заминҳои наздиҳавлигӣ ҷудо карда шуд. Ҳоло дар ҳудуди Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия зиёда аз 20 маҳаллаҳои аҳолинишини нав ташкил гардидааст. Лекин аксари маҳаллаҳои навбунёд бо зеристгоҳҳои барқӣ ва симчубҳо таъмин нестанд.

Пешниҳод**:** Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ШСХК "Барқи Тоҷик" ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, боздошти тамоюли зиёдшавӣ ва кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ, ҳалли масъалаҳои таъминоти қувваи барқ ба маҳаллаҳои навбунёди шаҳру ноҳияҳо чораҳои мушаххас андешида, корҳоро дар ин самт ҷоннок намоянд.

Новобаста аз тадбирҳои андешидашуда, вазъияти мавҷуда идома додани корҳоро ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, боздошти тамоюли зиёдшавӣ ва кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ, ҳалли масъалаҳои таъминоти қувваи барқ ба маҳаллаҳои навбунёди шаҳру ноҳияҳо, тақозо менамояд.

**7. Маълумот оид ба ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат**:

**Нишондоди пешакии ҳифзи амнияти озуқаворӣ бо нишондиҳандаҳои рушди ичтимоию иқтисодӣ, 7.1. (7.12) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, 7.2. (7.2, 7.10) Истифодаи оқилонаи обу замин, 7.3. (7.4, 7.5 7.6, 7.7, 7.8 ) Таъмини заминаи содирот ва ворридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ 7.4 (7.10). Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ,**

**7.1. Афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳа, (банди 30 паём);**

Дар нимсолаи якуми соли 2021 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 7901,2 млн сомонӣ расонида шуд, ки афзоиши он нисбат ба нишондиҳандаи ҳамин давраи соли гузашта 646,6 млн сомонӣ ё ин, ки 8,9 фоизро ташкил медиҳад.

Инчунин дар ин давра дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 486613 тонна ғалладонагиҳо, 168501 тонна картошка, 786177 тонна сабзавот, 249253 тонна полезиҳо, 58077 тонна мевагиҳо истеҳсол гардида, ҳаҷми умумии маҷмуи маҳсулотҳои соҳаи растанипарварӣ ба 6575,6 млн сомони расонида шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 23635 тонна ғалладонагиҳо, 48110 тонна картошка, 70725 тонна сабзавот, 16566 тонна полезиҳо ва 5369 тонна мевагиҳо зиёд мебошад.

Аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳр ва ноҳияҳои Кӯлоб 103,5%, Норак 104,8%, Данғара 100,6%, Кушониён 109,2%, Ҷ.Балхӣ 105,3 %, Ҷайҳун 112,8 %, Панҷ 109,0 %, Балҷувон 103,4%, Восеъ 107,8%, Ҳамадонӣ 144,3 %, Фархор 107,6 %, А.Ҷомӣ 111,3%, Дустӣ 107,8 %, Муъминобод 100,0 %, Темурмалик 104,0 % ва Вахш 108,3% иҷро гардида, ҳиссаи онҳо дар таъмини нишондоди ҳифзи амнияти озуқаворӣ назаррас буда, дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо низ суръати муайяни афзоиш таъмин карда шудааст.

**7.2. Истифодабарии заминҳои корам ҷиҳати бунёд ва барқароркунии боғу токзор ва бунёди боғҳои интенсивӣ ва суперинтенсивӣ ва зиёд намудани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда (паём банди 30),**

Самаранок истифода бурдани заминҳои корам ҷиҳати бунёд ва барқароркунии боғу токзор ва бунёди боғҳои интенсивӣ ва суперинтенсивӣ ва зиёд намудани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда мувофиқи маълумоти оморӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 227 гектар боғу токзорҳои нав бунёд гардида, иҷрои нишондиҳандаи Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ 83,0 фоиз таъмин гардид. Инчунин дар ин давра 322,5 гектар боғҳо ва 65,9 гектар токзорҳо барқарор гардида, соли ҷорӣ дар майдони 23 гектар боғҳои интенсивӣ ва суперинтенсивӣ бунёд гардида, теъдоди боғҳои интенсивӣ ва суперинтенсивӣ дар вилоят ба 371 гектар расонида шуд.

**7.3. Захира намудан ва истифодаи тухмиҳои аълосифат (банди 30 паём);**

Вобаста ба рушди соҳаи тухмипарварӣ дар вилоят 42 адад хоҷагиҳои махсуси тухмипарварӣ фаъолият мекунанд, ки самти фаъолияти 24 адади онҳоро истеҳсоли пахтаи тухмӣ ташкил дода, соли гузашта дар 36 адади онҳо аз рӯи 17 навъи пахта дар масоҳати 318 гектар қитъаҳои элитӣ бунёд карда шуд. Хусусан хоҷагиҳои тухмипарварии "Ҳосилот"-и ноҳияи Бохтар, "Кӯлоб"-и ноҳияи Вахш, ба номи Э. Сатторов ва Эргаш Султонови ноҳияи Дӯстӣ, Ҳамадонӣ ва "Сабз"-и шаҳри Кӯлоб дорои базаи мустаҳками техникӣ мебошанд.

Бо мақсади талаботи хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмӣ барои ҳосили соли 2021 мувофиқи маълумоти оморӣ 41971 тонна ғалладона ва лӯбиёгӣ, аз он 38141 тонна гандум, 3033 тонна ҷав, 374,1 тонна шолӣ, 427,4 тонна дигар ғалладона ва лӯбиёгиҳо, 997,1 тонна ҷуворимакка, 5748 тонна картошка, 44,5 тонна сабзавот ва 10694 тонна чигит захира карда шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 433 тонна ғалладона ва лӯбиёгӣ, 102 тонна гандум, 131 тонна ҷав, 157,3 тонна шолӣ, 5,1 тонна ҷуворимакка, 34,3 тонна дигар ғалладона ва лӯбиёгиҳо, 27,4 тонна картошка, 0,1 тонна сабзавот ва 168 тонна чигит зиёд мебошад.

**7.4. Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда, инчунин баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо**

Бо мақсади зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда ва таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, мувофиқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 1 июли соли равон дар бахши ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар майдони 57,3 гектар гармхонаҳои доимӣ кишти барвақтӣ гузаронида шуда, аз ин ҳисоб 615 тонна сабзавот, аз ҷумла 324 тонна помидор, 86,4 тонна бодиринг ва 117 тонна дигар сабзавотҳо ҷамъоварӣ карда шуда, ба миқдори 1237 ҳазор донна кӯчати сабзавотҳо омода гардиданд. Илова бар ин, аз рӯи маълумоти фаврии Сарраёсати кишоварзии вилоят соли равон дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории вилоят дар майдони 752,4 гектар гармхонаҳои мавсимӣ, аз ҷумла дар бахши ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 335,7 гектар, аз он 133,7 гектар помидор, 118,2 гектар бодиринг ва 83,7 гектар дигар сабзавотҳо ва дар бахши аҳолӣ 416,8 гектар, аз он ҷумла 149,6 гектар помидор, 143,6 гектар бодиринг ва 134,6 гектар дигар сабзавотҳо кишт карда шуда, аз ин ҳисоб 19007 тонна, аз он ҷумла помидор 5751 тонна, бодиринг 6409 тонна ва дигар сабзавотҳо 6848 тонна ҷамъоварӣ карда шуд.

Дар самти истеҳсоли сабзавоти барвақтӣ бунёди гармхонаҳо сол то сол афзоиш ёфта, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта майдони он 135,0 гектар ва истеҳсоли маҳсулот 325 тонна зиёд гардид.

Масоҳати бунёди гармхонаҳо дар шаҳру ноҳияҳои Ҷайҳун 135 га, Ёвон 15,2 га, Норак 6,5 га, Қубодиён 2,0 га, Фархор 1,93 га, Кӯлоб 1,8 га, Хуросон 0,33 га, Ҳамадонӣ 0,31 га, Н. Хусрав 0,30 га, Муъминобод 0,02 га зиёд гардида, барои таъмини аҳоли шаҳру ноҳияҳо бо сабзавоти тару тоза ва

барои кам намудани воридоти маҳсулот аз хориҷи кишвар мусоидат намудааст.

### 7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ташкили марказҳои логистикӣ тибқи талаботҳои бозор ва стандартҳои байналмилалии сифат ба роҳ мондани коркард, басту банд ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ

Дар баробари зиёд гардидани маҳсулот содироти он низ ба хориҷи кишвар зиёд гардида, тибқи маълумоти Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят ва Раёсати гумрук ба ҳолати 2 июли соли 2021 аз ҳудуди вилоят ба хориҷи кишвар 85530,3 тонна маҳсулотҳои кишоварзӣ, аз ҷумла 9820,2 тонна тавасути нақлиёт, тайёра, 75710,1 тонна бо тариқи роҳи оҳан ба берун аз ҷумҳурӣ ба давлатҳои Афғонистон, Ӯзбекистон, Туркия, Қазоқистон ва Покистон содирот карда шудааст. Содироти маҳсулотҳо нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2653,7 тонна зиёд буда, иҷрои дурнамои он 90,0 фоиз таъмин карда шудааст.

Ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ дар ин давра дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён 5266 тонна, Ёвон 4420 тонна, А. Ҷомӣ 3722,2 тонна, Ҷайҳун 28815 тонна, Данғара 1680,4 тонна, Фархор 3269 тонна, Восеъ 2690 тонна, Панҷ 2278,8 тонна, Ҳамадонӣ 1500 тонна, Кӯлоб 915,7 тонна, Левакант 660 тоннаро ташкил намудааст.

Бо истиснои шаҳру ноҳияҳои болозикр дигар шаҳру ноҳияҳо вобаста ба банди мазкур маълумот пешниҳод накардаанд.

### 7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ

Бобати нигоҳдорӣ ва захира намудани маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳо 46 адад анборҳои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ бо иқтидори 5547 тонна ва 50 адад сардхонаҳо бо иқтидори 20040 тонна маҳсулоти кишоварзӣ омодаи кор буда, дар онҳо 2288 тонна маҳсулоти кишоварзӣ захира карда шуда, захиракунии маҳсулот дар анбору сардхонаҳо идома дорад.

Дар ин давра, дар миқёси вилоят сохтмони сардхона дар Ҷамоати деҳоти ба номи А.Рудакии ноҳияи Восеъ 1 адад сардхона бо иқтидори 640 тонна барои захира намудани маҳсулот кишоварзӣ сохта ба истифода дода шудааст. Дар ноҳияи Ҷайҳун 3-адад сардхона бунёд карда шуда, шумораи он дар ноҳия ба 12 адад расидааст

Дар шаҳри Бохтар 13 адад сардхона бо масоҳати 4300 метри мукааб мавуд буда, пурра ба истифода дода шудааст.

Дар ноҳияи Муъминобод сардхона барои нигоҳдории 1000 тонна маҳсулоти кишоварзӣ сохта шудааст.

Бо мақсади зиёд намудани шумораи сардхонаҳо дар ноҳияи Қубодиён сохтмони як адад сардхона тибқи гранти Барномаи СММ, дар шаҳри Кӯлоб 4 сардхона бо ғунҷоиши 800 тонна, дар ноҳияи Темурмалик 1 адад бо ғуноиши

150 тонна ва ноҳияи Фархор 1 адад бо ғуноиши 1000 тонна, маҳсулоти кишоварзӣ ба нақша гирифта шудааст.

**7.7.Ташкил додани кластерҳои агросаноатӣ бо коркарди пурраи нахи пахта, пуст, пилла, ангур, мева зироатҳои равғанидиҳанда ва дигар намудҳои маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ;**

Вобаста ба зербанди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

**7.8. Ташкили фермаҳои парвариши чорвои гӯштӣ ва ширӣ;**

Вобаста ба зербанди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

**7.9. Рушди босуръати соҳаи парандапарварӣ ва зиёд намудани истеҳсоли тухм ва гушти паранда, васеъ намудани парвариши онҳо дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ;**

Вобаста ба зербанди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

**7.10. Таъмини иҷрои чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023” ва нақшаи барқарорсозии шабакаҳои обёрӣ, пойгоҳҳои обкашӣ ва заҳбуру заҳкашҳо;**

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 136 адад Ассосиатсияи истифодабарандагони об ташкил карда шуда, 134 адади он фаъолият дорад. Оид ба роҳ мондани фаъолияти механизми ба онҳо вобаста намудани шабакаҳои обёрии дохили хоҷагӣ ва таъсиси моддию техникии онҳо, корҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ идома дорад.

**7.11. Дар ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ, зиёд намудани майдони кишт ва бо истифодаи тухмиҳои хушсифат гирифтани то се ҳосил (банди 30 паём);**

Ҷиҳати сари вақт гузаронидани кишти заминҳо, риояи агротехникаи парвариши маҳсулоти кишоварзӣ истифодаи оқилона ва самараноки заминҳои корамро ба роҳ монда, мувофиқи маълумотҳои оморӣ кишти зироатҳои кишоварзӣ барои ҳосили соли 2021 дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ тибқи маълумоти оморӣ ба ҳолати 1 июли соли ҷорӣ дар майдони умумии 430511,0 гектар, аз ҷумла ғалладонагиҳо 190177,0 гектар аз он гандум 163449,0 гектар, зироатҳои техникӣ 132617,0 гектар, аз он пахта 121236,0 гектар, картошка 12057,0 гектар, сабзавот 36900,0 гектар, полезӣ 15687,0 гектар ва зироатҳои хӯроки чорво 43072,0 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ гузарониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, 4193,0 гектар зиёд мебошад.

Тибқи маълумоти фаврии Сарраёсати кишоварзӣ ба ҳолати 1 июли соли равон кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории шаҳру ноҳияҳои вилоят дар майдони умумии 104900 гектар гузаронида шуда, иҷрои дурнамо 80,6 фоиз таъмин гардид, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 6540 гектар зиёд мебошад. Кишти

гузаронидашудаи такрорӣ асосан 70915 гектар ғалладонагиҳо ҷуворимакка барои дон, 8754 гектар шолӣ, 7874 гектар мош, 8171 гектар лубиёгиҳо 2163 гектар зироатҳои техникӣ, 10476 гектар сабзавот, 5508 гектар полезӣ ва 15839 гектар зироатҳои хӯроки чорво мебошад

Мушкилоти ҷойдошта дар соҳаи кишоварзӣ:

- норасогии техникаҳои заминкан, аз ҷумла экскваторҳо, булдозерҳо, механизмҳои махсус барои тоза намудани заҳбуру заҳкашҳои пӯшида, иваз намудани насосҳои оббарорӣ, ки солҳои тӯлонӣ истифода шуда истодаанд;
- харитаи тақсимоти чарогоҳҳо ва роҳҳои чорвогузар аз нав дида баромада шавад;
- ворид намудани тухмиҳои хушсифат ва минтақабоб ба шаҳру ноҳияҳои вилоят навъҳои элита 1-ум ва 2-юм аз давлатҳои ҳамсоя, хусусан гандум ва чигити тухмӣ.
-сари вақт тоза накардани заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ;
-сари вақт пардохт нагардидани маблағи ҳаққи хизматрасонӣ.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои хориҷӣ барои таъмини суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи обу замин ва ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои бекорхобида, таъмини дурнамои кишти картошка дар кити такрорӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва таъминот бо тухмиҳои хушсифат, зиёд намудани масоҳати гармхонаҳо ва таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, таъмини инфрасохтор ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли моҳӣ ва паранда пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва татбиқи сиёсати давлатии соҳаи кишоварзӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амнияти озуқаворӣ” ҷиҳати рушди интенсивии соҳаи кишоварзӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав мусоидат намоянд.

## 8. Рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4 8.5) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ, 8.2. (8.6) Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат арзёбӣ гардиданд.**

### 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4, 8.5) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ

**8.1. Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба як сари аҳолӣ;**

Дар нимсолаи якуми соли 2021 дар вилоя 173899 метри мурабаъ манзилҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудааст, ки нисбати ҳамин давра 12939 метри мурабаъ зиёд мебошад. Аз он ҷумла дар шаҳри Бохтар 21651 ва

ноҳияҳои Кушониён 27142, Вахш 3044, Хуросон 5986, Дӯстӣ 5285, Қубодиён 10715, Ҷ Балхӣ 2186, Ҷайҳун 2877, Панҷ 8168, Шаҳритус 5913, Ёвон 18180, Муъминобод 3350, М.С.А Ҳамадонӣ 5335, Фархор 12199, ва Ш.Шоҳин 69, нисбати соли 2020 зиед мебошад. Дар барорбари ин дар шаҳрҳои Кӯлоб 8564, Левокант 291 ва ноҳияи Данғара 2246, метри мурабаъ манзилҳои истиқоматӣ нисбати соли 2020 кам ба истифода дода шудааст.

**8.2. Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рафти бунёди иншооти маорифу тандурустӣ, фарҳангу муассисаҳои иҷтимоӣ, роҳҳо, корхонаҳову коргоҳҳои истеҳсолӣ, ободу зебо гардонидани маҳалли зист ва анҷом додани корҳои дигари созандагӣ, аз ҷумла боғҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, гулгаштҳо, толор ва майдончаҳои варзишӣ ва бозиҳои кӯдакон, ҳавзҳои шиноварӣ (банди 73 паём);**

Бо мақсади омодагӣ ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори дахлдори раиси вилоят ва накшаи чорабиниҳои он таҳия ва тасдиқ карда шудааст.

Тибқи маълумотҳо, ба муносибати таҷлили ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ба қарори раиси виляти Хатлон, №140 аз 8 июни соли 2018 дар вилоят 7667 адад бинову иншоотҳо ба нақша гирифта шуда, ба ҳолати 1 июли соли 2021, дар 6905 адади он корҳои сохтмони ба анҷом расиданд, ки аз шумораи умумӣ 90 фоизро ташкил медиҳад. Дар ҳамин замина 5961 ҷойи кори доимӣ ташкил гардидаанд.

Шумораи иншоотҳои ба нақша гирифташуда ва иҷрои онҳо то ин ҷониб дар шаҳру ноҳияҳои Восеъ 405 иншоот – ичро 382 адад, Ёвон аз 341 иншоот иҷро 333 адад, Шаҳритус 365 иншоот - иҷро 348 адад, Кушониён 324 иншоот – ичро 302 адад, Данғара аз 400 иншоот -иҷро 220 адад, Вахш аз 342 иншоот - иҷро 263 адад, А. Ҷомӣ 195 иншоот - иҷро 185 адад, Фархор 470 иншоот – иҷро 422 адад, Қубодиён 163 иншоот - иҷро 163 адад, Ховалинг 330 иншоот - ичро 307 адад, Балхӣ 314 иншоот – ичро 273 адад, Бохтар аз 307 иншоот, иҷро 286 адад, Норак 193 иншоот – 175 адад, Панҷ 210 иншоот - ичро 180 адад, Муъминобод 333 иншоот - иҷро 267 адад, Ш. Шоҳин 191 иншоот – иҷро 157 адад, Дустӣ - 191 иншоот ичро 188 адад, Хуросон 364 иншоот иҷро 347 адад, ва Балҷувон 375 иншоот иҷро 340 ададро ташкил дода дар дигар шаҳру ноҳияҳо низ бунёду ба истифода додани иншоотҳо идома дошта, ба рушди соҳаҳои мухталиф замина гузошта истодааст.

**8.3. Бо мақсади беҳтар намудани шароити корӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот сохтмон ва таъмиру тармими биноҳои маъмурӣ;**

Вобаста ба зербанди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

**8.4. Ҷиҳати гироми доштан ва ҳисоя кардани истиқлолу озодии давлати тоҷикон, таҳкими ваҳдати миллӣ, амалӣ намудани корҳои ободонӣ ва сазовор истиқбол намудани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд намудани Нишон ва Парчами миллӣ дар марказҳои шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳот;**

Вобаста ба зербанди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

**8.5. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат (АПҶТ аз 06.03.20219с., №АП1176 банди 27 нақша чорабиниҳои "Солҳои рушди деҳот, саёҳи ва ҳунарҳо мардумӣ");**

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи оилаҳои осебпазир ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд дар ноҳияҳои Балхӣ 13306 оила, Ҷайҳун 57 оила, Муъминобод 4566 оила, Н. Хусрав 119 оила, Темурмалик 3275 оила, Хуросон 3033 оила, Ховалинг 2730 оила, А. Ҷомӣ 1834 оила, Фархор 1041 оила, Шаҳритус 212 оила, Балҷувон 668 оила, Панҷ 242 оила, Дустӣ 210 оила, Ёвон 136 оила, Левакант 99 оила, Қубодиён 65 оила ва Вахш 655 оила муайян карда шудааст.

Аз ҷумла, ба оилаҳои осебпазир ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд дар шаҳр ва ноҳияҳои Қубодиён 64100 сомонӣ, Панҷ 144 сомонӣ, Ҷайҳун 3906000 сомонӣ, Хуросон 14500 сомонӣ ва Левакант 1270 сомонӣ, Ёвон 458840 сомонӣ ва Балҷувон 242000 сомонӣ кумакҳои хайриявӣ расонида шуда, ҳолати иҷтимоии гурӯҳи осебпазири ин шаҳру ноҳияҳо беҳтар гардонида шудааст.

**8.6. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо**

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳо, беҳтар намудани манзили зист, таъмини нақшаи корҳои ободонӣ бахшида ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кам намудани эҳтиёҷмандони қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва таъмини иҷрои супориши Нусха аз Протоколи малиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 тадбирҳои зарурӣ андешанд.

## 9. Рушди инфрасохтор ва нақлиёт

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо, 9.2.(9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, 9.3(9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ арзёби гардиданд.**

**9.1. Андешидани чораҳо барои ҷалби соҳибкорон ва аҳолии деҳот ҷиҳати барқароркунии пулҳо, таъмин ва асфалтпӯш кардани роҳҳо (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176, банди 23 – и Нақша-чорабиниҳои "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 7, сархати 3);**

Дар шаш моҳи соли ҷорӣ дар миқёси шаҳр ва ноҳияҳои вилоят аз ҳамаи манбаъҳо ба маблағи умумии 73 миллиону 472 ҳазор сомонӣ корҳои таъмиру азнавсозии роҳҳо гузаронида шудааст. Дар ин муддат ба масофаи 2002 километр роҳҳо ва 89 адад пулу қубурҳо таъмиру азнавсозӣ гардиданд, ки аз ин 68,5 километр таъмири асосӣ, 1667 километр таъмири ҷорӣ ва 267 километр сангфарш мебошанд.

Нишондиҳандаҳои баланд дар самти таъмири роҳҳо дар соли ҷорӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои Ҷайҳун 66,6 км, Кушониён 147,4 км, Шаҳритус 133,4 км, Ёвон 124 км, Ш Шоҳин 24 км, Темурмалик 47,2 км, Қубодиён 32,11 км, Муъминобод 14 км, Балҷувон 5,6 км, Н.Хусрав 34 км, Бохтар 65,5 км ва Панҷ 7,8 км мушоҳида гардида, ба рушди инфрасохтори соҳа мусоидат карда шудааст.

**9.2. (9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣдар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот**

Баҳри дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ дар вилоят ҳамагӣ 27 ҷамъиятҳои нақлиётӣ мавҷуд буда, 37175 адад воситаҳои нақлиёти гуногунтамға бо иҷозатнома дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳот ба аҳолӣ хизмат расонида истодаанд.

Аз ҷумла, дар шаҳри Бохтар 7 адад муассисаҳои нақлиётӣ, фаъолият намуда, ба 54 хатсайрҳои мусофирбарие, ки ба маркази вилоят - шаҳри Бохтар рафту омад доранд, хизмат расонида истодаанд.

Инчунин дар шаҳр ва ноҳияҳои Кулоб 2 адад, Норак 2 адад, Кушониён 40 адад, А.Ҷомӣ 2 адад, Ш. Шоҳин 2 адад, Левакант 1 адад, Восеъ 1 адад, Шаҳритус 2 адад, Қубодиён 1 адад, Ҷайҳун 1 адад, Ҷ.Балхӣ 1 адад, Вахш 1 адад, Ҳамадонӣ 1 адад, Хуросон1 адад, Данғара 1 адад, Дустӣ 1 адад, Ёвон 1 адад ва Фархор 1 адад муассисаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ ба мардум хизмат расонида истодаанд.

Бо мақсади ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати татбиқи амалии лоиҳаҳо оид ба сохтмони терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, инчунин ба роҳ мондани системаи хизматрасониҳои иттилоотии логистикӣ дар Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии гуруҳи кории Шӯрои

ҳамоҳангсозӣ оид ба рушди соҳаи нақлиёт бо иштироки шарикони рушд ва намояндагони бонкҳои байналмилалӣ (JICA, USAID, GiZ, БАТР, БОР, БУ) баргузор гардида, лоиҳаҳои афзалиятнок тариқи дурнамо муаррифӣ ва барои ҷалби сармоя пешниҳод карда шуда, таъсиси маркази логистикии байналмилалии Панҷи Поён дар назар аст.

### 9.3. Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ

Дар нимсолаи якуми соли 2021 ҳаҷми боркашонӣ 12 миллиону 281 ҳазор тонна (103,6 %) ва ҳаҷми мусофиркашонӣ 55 миллиону 769 ҳазор нафар (109,5 %) ташкил медиҳанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ҳаҷми боркашонӣ 429,4 ҳазор тонна ва ҳаҷми мусофиркашонӣ бошад 4818,4 ҳазор нафар зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои Темурмалик боркашонӣ 109% (+20 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 102% (+20 ҳаз. нафар), Кӯлоб 100% (+16,5 ҳаз. тн/км) ва 100,1% (+19,1 ҳаз. нафар), Левакант боркашонӣ 101,5% (+6,2 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 106,4% (+306,9 ҳаз. нафар), Фархор боркашонӣ 102,3 % (+10,6 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 102,6% (+73 ҳаз. нафар), Норак боркашонӣ 98,8 % (+49,8 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 113,2% (24,3 ҳаз. нафар), Дӯстӣ боркашонӣ 126,1% (+64 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 246,5% (+763,8 ҳаз. нафар), Шаҳритус боркашонӣ 100,5% (+2 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 101,5% (+20 ҳаз. нафар), Хуросон боркашонӣ 103,2% (+10,4 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 150% (+200 ҳаз. нафар), Кушониён боркашонӣ 102,8% (+12,1 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 101,7% (+20 ҳаз. нафар), Муъминобод боркашонӣ 104,2% (+8 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 122,8% (+105 ҳаз. нафар), Қубодиён боркашонӣ 101,7% (+5,3 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100,7% (+8 ҳаз. нафар), Ҷайҳун боркашонӣ 101,3% (+9 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 100,6% (+3,6 ҳаз. нафар), Ҷ.Балхӣ боркашонӣ 105,8% (+50,0 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 122,4% (+917 ҳаз. нафар), Вахш боркашонӣ 107,6% (+60 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 103,6% (+57 ҳаз. нафар), А.Ҷомӣ боркашонӣ 104,3% (+20 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 141,9% (+1,3 ҳаз. нафар), Панҷ боркашонӣ 583,8% (+300 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 144,3% (+287 ҳаз. нафар), Бохтар 141,6% (+440 ҳаз. тн/км) ва 121% (+9,7 ҳаз. нафар), Данғара 200,8% (+945 ҳаз. тн/км) ва 232,7% (+4714,0 ҳаз. нафар), ва Балҷувон боркашонӣ 102,8 % (+1 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ 103,1% (2,4 ҳаз. нафар), зиёд гардида, дар дигар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят нишондиҳандаи мазкур иҷро гардидааст, ки ба афзоиши суръати гардиши савдо ва рушди иқтисодӣ мусоидат намудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он бо ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо чораҳо андешида, бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ ва амалии лоиҳаҳо оид ба сохтмони терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, ҳалли мушкилоти мавҷуда ҳамкориҳоро зичтар намоянд.

**10. Маълумот оид ба рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;**

**10.1. Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ҳамзамон кам намудани гардиши ҳуҷҷатгузории қоғазии барои иҷро намудани барномаҳои муосири иттилоотӣ дар ин самт (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 1, сархати 2), 10.2. Шумора ва номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, аз ҷумла истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ (Амри ПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176, банди 21-и Нақша- чорабиниҳои "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ"),**

**10.1.Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ҳамзамон кам намудани гардиши ҳуҷҷатгузории қоғазии барои иҷро намудани барномаҳои муосири иттилоотӣ дар ин самт (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 1, сархати 2),**

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар шаш моҳи соли 2021 дар ҳудуди вилоят 188 нуқтаҳои дастрасӣ ба интернет ва 48 сомонаи расмӣ фаъол мебошанд.

Шумораи нуқтаҳои дастрасии интернет дар шаҳру ноҳияҳои Ҳамадонӣ 15 нуқта, Ёвон 10 адад, Қубодиён 10 нуқта, Темурмалик 9 нуқта, Кушониён 9 нуқта, Кӯлоб 8 нуқта, Данғара 7 нуқта, Хуросон 7 нуқта, Ш.Шоҳин 7 нуқта, Ҷайҳун 6 нуқта, Балҷувон 6 нуқта, Левакант 5 нуқта, Восеъ 5 нуқта – ро ташкил додааст. Тибқи маълумотҳо дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо низ аз 1 то 3 адади нуқтаҳои дастрасии интернет ташкил карда шудааст.

Шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва шабакаи интернет дар шаҳру ноҳияҳои Дӯстӣ 41000 нафар/128 нуқтаи телефонӣ, Ёвон 70000 нафар, Кушониён 56000 нафар/350 нуқтаи мобилӣ, Панҷ 55300 нафар/9 нуқтаи мобилӣ, Восеъ 24112 нафар/285 нуқтаи телефонӣ, Шаҳритус 22050 нафар/420 нуқтаи мобилӣ, Темурмалик 16750 нафар/350 нуқтаи телефонӣ ва Левакант 7793 нафар ташкил додааст.

Вобаста ба шумораи истифодабарандагони алоқаи молбилӣ ва шабакаи интернет дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо маълумот дарҷ нагардидааст.

Ҳамзамон вилоят дар ҳисоботӣ худ дарҷ намудааст, ки ширкатҳои мобилӣ ҳисоботдиҳандаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, маълумоти мазкур танҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ супорида мешавад.

**10.2. Шумора ва номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, аз ҷумла истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ (Амри ПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176, банди 21-и Нақша- чорабиниҳои "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ");**

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон амалишавии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар ташкилоту корхонаҳо ба қадри имкон ба роҳ монда шуда, бо технологияҳои нав таъмин гашта истодаанд. Аз ин рӯ айни замон дар дастгоҳҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят 1415 дад компютер мавҷуд буда аз ин 1390 адади он коршоям мебошад ва инчунин 1364 принтер истифода бурда шуда истодааст.

Шумораи хизматрасонӣ тариқи суроғаҳои электронӣ дар асоси барнома аз ҳисоби мақомти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба 25 шаҳру ноҳияҳои вилоят як ададӣ компютер бо таҷҳизотҳои лозима барои истифодаи ҳуҷатгузорӣ тариқи почтаи электронӣ тақдим карда шуд, ки айни замон байни мақомотҳо фаъолияти хуб бароҳ монда шудааст.

Айни замон дар шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳо зиёда аз 48 сомонаҳои расми кушода шуда фаъолият доранд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои дахлдор ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолии ноҳия ва деҳоти дурдаст ба шабакаи интернет, таҷҳизоти муосири техникии сабт ва танзимкунии мавҷҳои телевизионӣ, кадрҳои касбӣ чораҷӯӣ намоянд. Бо максади бехтар ба рох мондани фаъолияти хуби кори сомонаҳои шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоти муассисаҳо роҳбарони шахру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳоро зарур аст, ки барои масъулини сомонаҳо шароит муҳайё намуда, аз курсҳои бозомӯзи гузаранд.

## 11. Маълумот оид ба вусъати шуғли пурмаҳсул:

**Арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо таъмини вусъати шуғли пурмаҳсул бо нишондиҳандаҳои 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ, 11.2. Амалисозии низоми таълим ва таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҷдиди назар кардани барномаву нақшаҳои таълимӣ, касбҳои коргарӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, таъмини муассисаҳои зикршуда бо китобхои дарсӣ (банди 50 паем), 11.3. Рафти таъсиси ҷойхои корӣ, 11.4. Андешидани чораҳо ҷиҳати паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ, халли масъалахои диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ, 11.5. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо**

### 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ;

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади бо кор таъмин намудани корҷӯён, бекорон ва муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта бо мақсади ҳарчи бештар ба шуғл фаро гирифтани бекорон дар шаҳру ноҳияҳои, Ҷ.Балхӣ 8 маротиба, Ҳамадонӣ 8 маротиба, Фархор 8 маротиба, Панҷ 8 маротиба, Шаҳритус 9 маротиба, Восеъ 7 маротиба, Дӯстӣ 6 маротиба, Вахш 14 маротиба, Бохтар 8 маротиба, Кӯлоб 7 маротиба, Норак 8 маротиба, Ёвон 9 маротиба, Балҷувон 13 маротиба, А.Ҷомӣ 14 маротиба, Темурмалик 6 маротиба, Қубодиён 7 маротиба, Хуросон 8 маротиба, Н.Хусрав 7 маротиба Муъминобод 6 маротиба, Ҷайҳун 7 маротиба, Ш.Шохин 7 маротиба, Кушониён 9 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шудааст.

Боқимонда шаҳру ноҳияҳо вобаста ба масъалаи мазкур маълумот пешниҳод накардаанд.

Вазъи қиёсии шумораи муҳоҷирони меҳнатии ба қайд гирифташуда нисбат ба аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар давраи ҳисоботӣ шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар шаҳру ноҳияҳои Ҷ.Балхӣ -907 (9185 нафар), Вахш -684 (6118 нафар), Фархор -1800 (7428 нафар), Кушониён -1889 (4725 нафар), Хуросон -913 (6261 нафар), Қубодиён --873 (15034 нафар), А.Ҷомӣ -3556 (8297 нафар), Ҳамадонӣ -940 (5098 нафар), Муминобод -279 (2359 нафар), Левакант -58 (1954 нафар), Хуросон -749 (5392 нафар) ва Темурмалик -185 (1682 нафар) коҳиш ёфтааст.

Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар шаҳру ноҳияҳои Н.Хусрав +892 (2904 нафар), Панҷ +408(8418нафар), Норак +182 (3069 нафар), Муъминобод +569 (2674 нафар), А.Ҷомӣ+200 (5900 нафар), Данғара +367 (3276 нафар), Кӯлоб +1975 (4966 нафар) ва Балҷувон +90 (775 нафар) зиёд гардидааст, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он андешидани тадбирҳои иловагиро тақозо дорад.

**11.2. Амалисозии низоми таълим ва таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҷдиди назар кардани барномаву нақшаҳои таълимӣ, касбҳои коргарӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, таъмини муассисаҳои зикршуда бо китобхои дарсӣ (банди 50 паем);**

Иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкур дар шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба тайёр, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандон ва дар хона омӯзондани ҳунарҳои косибӣ, филиалҳои Муссисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, ноҳияҳои Данғара, Темурмалик, Дустӣ, Қубодиён, Ш. Шоҳин, Фархор, Ёвон ва филиалҳои корхонаҳои воҳиди давлатии «Маркази омӯзиши модулӣ» дар шаҳри Кӯлоб «Маркази касбомӯзии соҳибкорӣ» дар шаҳри Норак ба курсҳои думоҳа ва семоҳа аз рӯи 40 намуди ихтисос фаъолият менамоянд, ки дар онҳо занону духтарони хонашин, ҷавонон ва нафароне, ки касбу ҳунар надоранду дар бозори меҳнат танқисӣ мекашанд, касбҳои заруриро аз худ намуда, дар ин давра 3210 нафар аз инҳо 2380 нафар занон, 2009 нафар ҷавонон дар курсҳои махсуси кӯтоҳмуддат омӯзонида шуда, хатмкунандагони курсҳои мазкур ба шаҳодатномаи намунавии давлатӣ таъмин карда мешаванд.

**11.3. Рафти таъсиси ҷойхои корӣ;**

Давоми шаш моҳи соли 2021 дар вилоят 24789 адад ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, нисбати нишондиҳандаҳои аввали соли 2021, 3337 адад зиёд мебошад. Аз ҷумла ҷойҳои кори нав таъсис додашуда, аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ 3281 (2465 доимӣ, 382 муваққатӣ, 215 мавсимӣ, 219 иловагӣ) ва аз ҳисоби шахсони воқеъи 21508 (5704 доимӣ, 9757 мавсимӣ, 6047 муваққатӣ) мебошад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Фархор 2 баробар (1087 нафар), Балхӣ 100,8% (603 нафар), Муъминобод 189% (1836 нафар), Панч 123 % (322 нафар), Шаҳритус 105,3 % (896 нафар), Норак 112% 317 нафар) Кушониён 139 % (2838 нафар), Қубодиён 193,2%, (2069 нафар)-ро ташкил додааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Балчувон 59,5% (250 нафар), Восеъ 58% (757 нафавр), Данғара 43% (1289 нафар), Бохтар 35,1% (300 нафар), Вахш 37,6% (763 нафар), Муминобод 80% (729 нафар), Кушониён 16,9% (480 нафар), Кубодиён 77,3 % (1633 нафар), Н.Хусрав 52% (108 нафар), Темурмалик 84% (142 нафар), Ш Шоҳин 60% (170 нафар)- ро ташкил дода барои шумораи бекорони бақайдгирифта шуда ҷойи корӣ муҳайё карда шуда бошад ҳам, сабабҳои таъмин нагардидани бекорон ба ҷойҳои корӣ омӯзиши иловагиро талаб менамояд

Шумораи бекорони расман ба қайд гирифта дар вилоят 15334 нафарро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта +356 нафар зиёд гардидааст. Шумораи бекорони расман ба қайд гирифта дар ноҳияҳои А.Ҷомӣ +322 (812 нафар), Ш.Шоҳин +116 (421 нафар), Данғара +59 (710), Восеъ +430 (1131 нафар), Шаҳритус +221 (851 нафар), Дустӣ +112 (3728 нафар), Темурмалик +32 (340 нафар) ва Қубодиён +127 (767 нафар), нисбати

соли гузашта зиёд гардидааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои зикргардида дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати андешидани чораҳои мушаххасро баҳри паст намудани сатҳи бекорӣ тақозо менамояд.

Вобаста ба зербанди мазкур шаҳру ноҳияҳои Левакант, Дӯстӣ, А Ҷомӣ, Ҳамадонӣ ва Бохтар оид ба иҷроиши банди мазкур маълумот пешниҳод накардаанд).

**11.4. Андешидани чораҳо ҷиҳати паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ, халли масъалаҳои диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ;**

Бо мақсади паст намудани шиддати бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳамкорӣ бо Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ вобаста ба касбомӯзонию забономӯзонии муҳоҷирони меҳнатӣ, шаҳодатномакунонии малакаҳо ва баланд бардоштани сатҳи маърифати онҳо корҳои муайянро ба иҷро расонидааст.

Баҳри андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати тақвият бахшидани корҳои ташкилӣ ва омӯзишӣ дар дохил ва хориҷи кишвар барои талаботи давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ҷавобгӯ будани ихтисосҳои муҳоҷирон ва инчунин ҷалби ҳарчи бештари шаҳрвандони кишвар ба омӯзиши касбҳои коргарӣ ва такмил додани малакаи тахассусии онҳо дар вилояти Хатлон филиалҳои Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кӯлоб, Қӯбодиён, Ш.Шоҳин, Фархор, Ёвон ва филиалҳои корхонаи воҳиди давлатии "Маркази омӯзиши модулӣ" дар шаҳри Кӯлоб, "Маркази касбомӯзии соҳибкорӣ" дар шаҳри Норак ва 13 намояндагиҳо, ки дар онҳо 28 синфхонаҳои касбомӯзӣ бо ҳамаи таҷҳизотҳои омӯзишӣ муҳайё мебошанд, барои касбомӯзӣ ва бозомӯзӣ, ҳамчунин шаҳодатномакунонии шаҳрвандони бекор тибқи нақшаи тасдиқгардида дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба курсҳои думоҳа ва семоҳа аз рӯи 34 намуди ихтисос фаъолият менамоянд.

Тариқи хаттӣ, шифоҳӣ ва телефонӣ ҳамарӯза шаҳрвандон ба маркази маълумотдиҳии Раёсат ва шуъбаю бахшҳои он дар шаҳру ноҳияҳои вилоят муроҷиат намуда, маълумот мегиранд. Шумораи онҳо 7316 (6640 нафар шифоҳӣ, аз ҷумла 6406 нафар мард ва 234 нафар зан) ва 635 нафар телефонӣ ва 41 нафар хаттиро ташкил медиҳад.

Дар натиҷаи санҷишҳо муайян карда шуд, ки воридшавии 2139 нафар, аз ҷумла 1999 нафар мард ва 140 нафар зан ба хориҷи кишвар муваққатан манъ мебошад.

Бо тавсияи Раёсат аз аввали сол то имрӯз аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатии бозпасгашта, 1288 нафар (1217 мард ва 71 зан) барои дарёфти ҷои кори муносиб ва касбомӯзӣ дар мақомотҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳру ноҳияҳои вилоят ба қайд гирифта шуда, 188 нафар бо ҷои кори доимӣ, 219 нафар ба касбомӯзӣ, 47 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок, 819 нафар ба машварати касбӣ фаро гирифта ва 15 нафари онҳо аз ҳисоби маблағҳои бе фоиз ба ҷойи кори доимӣ, соҳибкорӣ машғул мебошанд.

Ҳамзамон дар ширкатҳои хориҷии ҳудуди вилоят 4050 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла 225 нафар муҳоҷирони меҳнатие, ки вурудашон ба хориҷи кишвар мамнӯъ мебошад, низ бо кор таъмин гардида, фаъолият намуда истодаанд.

Пешниҳод: Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон зарур аст, дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани дараҷаи бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, таъмини самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кории холӣ, васеъ намудани фарогирии шаҳрвандон ба омӯзиши касбу ҳунарҳо ва вусъат додани ҳунарҳои мардумӣ, тадбирҳои мушаххас андешанд.

**Маълумот оид ба рушди сармояи инсонӣ (маориф).**

**Нишондоди пешакии рушди маориф бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаства бо ҷалби соҳибкорон ва дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ бунёд намудани кӯдакистонҳо ва марказҳои инкишофи кӯдак, 12.2. Васеъ намудани фоизи фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативӣ омода намудани кӯдакон, 12.3. Амалӣ намудани чораҳои мушаххас ҷиҳати соҳибкасбу соҳибҳунар гардидани ҳар як ятими кулл, соҳиби ҷойи кор ва зиндагии мустақилона шудани онҳо, 12.4. Андешидани чораҳо барои бунёди як муассисаҳои томактабӣ дар як деҳа ва маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд (бо иловаи маълумоти шумораи махалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти муассисаҳои томактабӣ дар онҳо), 12.5. Ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ бидуни имтиҳон қабул намудани ғолибони озмунҳои “Тоҷикистон – ватани азизи ман”, “Фуруғи субҳи доноӣ”, “Илм – фурӯғи маърифат” аз рӯи интихоби худашон ва аз ҷиҳати моддиву маънавӣ ҳавасманд гардонидани омӯзгорон ва падару модарони онҳо, 12.6. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоии кадрҳои омӯзгорӣ, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон, 12.7. Мушкилоти ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо**

**12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст, (Амри ПҶТ аз 06.03.2019, №АП-1176 Нақша-чорибиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 25) ва бо ҷалби соҳибкорон ва дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ бунёд намудани кӯдакистонҳо ва марказҳои инкишофи кӯдак (банди 39 паём)**

Дар шаш моҳи соли 2021 тибқи Барнома **9** - иншооти соҳаи маориф аз ҷумла, 4- синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ № 12 ва 4- синфхонаи дигар дар назди МТМУ № 6 шаҳри Левакант барои 200 ҷойи нишаст дар як баст ба маблағи 113 000 ҳазор сомонӣ, муассисаи таҳсилоти умумии нав дар деҳаи Обшорон, ҷамоати деҳоти Заргари ноҳияи Кушониён барои 620 ҷойи нишаст дар як баст бо маблағӣ 3000,00 сомонӣ, бинои иловагӣ иборат аз 10- синфхона барои 240 ҷойи нишаст дар назди МТМУ № 38 дар деҳаи Пушкин, ҷамоати деҳоти Навободи ноҳияи Ҷ. Балхӣ ба маблағи 4 миллиону 210 ҳазор сомонӣ, сохтмони 6- синфхонаи иловагӣ барои 144 ҷойи нишаст дар назди МТМУ №59, 7- синфхонаи иловагӣ барои 168 ҷойи нишаст дар назди МТМУ №64 ноҳияи Ёвон, сохтмони бинои иловагӣ дар назди МТМУ № 4, деҳаи Қазоқон, ноҳияи Темурмалик барои 240 -ҷойи нишаст бо маблағӣ 2000,00 сомонӣ, бинои иловагӣ иборат аз 27- синфхона барои 640 -ҷойи нишаст дар назди МТМУ № 25 дар деҳаи Нурбахши ноҳияи Данғара, 4-синфхонаи иловагӣ барои 96 ҷойи нишаст дар назди МТМУ № 20 деҳаи Н. Махсуми бо маблағӣ 810000 сомонӣ дар ноҳияи Қубодиён сохта ба истифода дода шуданд, ки ин иншоотҳо барои 2348 ҷой нишаст (дар як баст) пешбини шудаанд.

Берун аз Барнома 13- иншооти соҳаи маориф аз ҷумла, МТМУ № 7 ҷамоати Ғаллаободи ноҳияи Хуросон иборат аз 13- синфхона барои 320 ҷойи нишаст дар як баст ба маблағи 29 000 ҳазор сомонӣ, 4- синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №6 ҷамоати деҳоти Меҳнатободи ноҳияи Кушониён барои 100- ҷойи нишаст, бо маблағи 21,000 сомонӣ, бинои иловагӣ иловагӣ иборат аз 6- синфхона барои 150 - ҷойи нишаст дар назди МТМУ №38 деҳоти Навзамин, деҳаи Пахтакор, сохтмони бинои иловагӣ дар назди МТМУ № 8 деҳаи Ғалаба, деҳоти Ҷиликул иборат аз 10- синфхона барои 240 - ҷойи нишаст, ноҳияи Дӯстӣ , 2 - синфхонаи иловагӣ барои 50 - ҷойи нишаст дар назди МТМУ №53 деҳоти Тахти Сангин, деҳаи Чкалови ноҳияи Қубодиён бо маблағи 38 000 сомонӣ, сохтмони 4- синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №4 деҳаи Айнӣ, деҳоти Ҳалевард ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ барои 96 - ҷойи нишаст бо маблағӣ 284 00 сомонӣ, бинои иловагӣ дар назди МТМУ № 23 деҳаи Осмонбика, деҳоти Х. Раҷабов ноҳияи Восеъ барои 140 - ҷойи нишаст бо маблағи 1,5 миллион сомонӣ, 4 синфхонаи иловагӣ дар назди МТМУ №72 барои 96- ҷойи нишаст, 2- синфхонаи иловагӣ барои 48 ҷойи нишаст дар назди МТМУ №69 деҳаи Қайнар, 7- синфхонаи иловагӣ барои 168 ҷойи нишаст дар назди МТМУ №17 деҳаи Оби Шифо вамуассисаи томактабии хусусии «Ориёна» барои 315 кӯдак дар маркази ноҳияи Ёвон, бинои иловагӣ иборат аз 27- синф барои 640- ҷойи нишаст дар назди МТМУ№59, деиҳоти Коррез, маҳаллаи 11- уми ноҳияи Данғара, 4- синфхонаи иловагӣ барои 96 ҷойи нишаст дар назди МТМУ №38 деҳаи Балҷувони ноҳияи Балҷувон сохта ба истифода дода шуданд, ки ҳамагӣ теъдоди иншоотҳо 13 - адад барои 2459- ҷойи нишаст пешбини шудаанд, ки дар маҷмӯъ ба имрӯза 22 иншооти соҳаи маориф барои 2459 ҷойи нишаст дар як баст (дар маҷмуъ дар доираи Барнома ва берун аз Барнома дар ду баст 9614ҷойи нишаст) ба истифода дода шудаанд.

Дар ин самт мудирони шуъбаҳои маориф вазифадоранд, бо масъулини шаҳру ноҳияҳо баҳри дарёфт ва ҷалби манбаъҳои иловагии маблаггузорӣ барои сари вақт ва дар муҳлатҳои муқарраршуда ба истифода додани иншоотҳои соҳаи маорифи шаҳру ноҳия, пайваста кушиш ба харҷ дода, ҷиҳати сари вақт ба ҳисоботи оморӣ ворид намудани иншоотҳои соҳаи маориф, ки дар доираи Барномаи мазкур ва берун аз он сохтмон ва таъмиру азнавсозӣ шудаанд, мусоидат ва тадбирҳои зарурӣ андешанд.

**12.2. Васеъ намудани фоизи фарогирии кӯдакон дар муассисахои томактабӣ, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативӣ омода намудани кӯдакон (Амри ПҶТ аз 06.03.2019с, №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 23)**

Дар 6 моҳи соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 158 муассисаҳои томактабӣ бо фарогирии 16290 нафар кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ фаъолият доранд. Инчунин 840 марказҳои инкишофи кӯдак бо фарогирии 23155 нафар кӯдакон фаъолият доранд, ки дар маҷмуъ 39445 нафарро ташкил медиҳад. Дар давраи ҳисоботи 2 муассисаи хусусии томактабӣ дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Ёвон ва 14 Маркази рушди кӯдак дар ноҳияи Восеъ зиёд шуда, фарогирии кӯдакон 2773 нафар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (дар соли гузашта 36722 нафар буд) зиёд гардидааст. Мавриди зикр аст, ки фарогирӣ ба муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои рушди кӯдак ба 10,2% расид.

Нисбат ба соли гузашта беҳтар бошад ҳам ин нишондод аз сатҳи ҷумҳурӣ паст аст. Бинобар ин, мудирони шуъбаҳои маориф вазифадор карда мешаванд, ки дар асоси нақшаи тасдиқнамудаи мушовараи Раёсати маорифи вилоят дар соли таҳсили 2020-2021 ҷиҳати таъсиси Марказҳои рушди кӯдак бо фарогирии 200 нафарӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ чораандешӣ намоянд.

Муассисаҳои томактабӣ дар ноҳияҳои Панҷ, Шаҳритус, Носири Хусрав ва Ш. Шоҳин 1 ададӣ зиёд шудааст.

Барои расидан ба натиҷаи пешбининамудаи СМР барои давраи то соли 2030 оид ба фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти тобактабӣ то 30% дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён, Дӯстӣ, Н.Хусрав, Муъминобод, Кушониён, Ховалинг, Темурмалик, Норак ва Кӯлоб андешидани чораҳои иловагӣ ба миён омадааст.

**12.3. Амалӣ намудани чораҳои мушаххас ҷиҳати соҳибкасбу соҳибҳунар гардидани ҳар як ятими кулл, соҳиби ҷойи кор ва зиндагии мустақилона шудани онҳо дар (банди 49 паём)**

Вобаста ба масъалаи мазкур дар ҳисоботи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо маълумот пешниҳод нашудааст.

**12.4. Андешидани чораҳо барои бунёди як муассисаҳои томактабӣ дар як деҳа ва маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти муассисаҳои томактабӣ дар онҳо);**

Дар вилоят 10 муассисаи таълимии хусусии томактабӣ  дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 3-то (солҳои 2010 , 2016, 2019),  Кушониён 1-то (соли 2012), Бохтар 3-то (соли 2011, 2017, 2019), Левакант (1-то соли 2016), Муъминобод (1-то соли 2019) ва Қубодиён (1-то соли 2019) фаъолият менамуд. Дар 6 моҳи соли ҷорӣ ин шумора ба 12 адад расид, аз ҷумла дар ноҳияҳои ба номи Ҷалолиддини Балхӣ ва Ёвон як муассисаи томактабии хусусӣ ба истифодадодашуд.

Мутаассифона, дар шаҳру ноҳияҳои дигари вилоят ҷиҳати иҷрои Барномаи рушд ба ҳолати имрӯза ягон муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ сохта нашудааст.

Гарчанде шумораи марказҳои рушди кудак ба 802 адад ва фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои рушди кӯдак дар вилоят 37 ҳазору 173 нафарро ташкил диҳад, ҳам мушкилот барои бунёди як муассисаҳои томактабӣ дар як деҳа ва маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд баръало ҳис карда мешавад.

Мутаассифона, дар шаҳру ноҳияҳои дигари вилоят ҷиҳати иҷрои Барномаи рушд ба ҳолати имрӯза ягон муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ сохта нашудааст.

**12.5. Ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ бидуни имтиҳон қабул намудани ғолибони озмунҳои “Тоҷикистон-ватани азизи ман”, “Фурӯғи субҳи доноӣ”, “Илм-фурӯғи маърифат” аз рӯи интихоби худашон ва аз ҷиҳати моддиву маънавӣ ҳавасманд гардонидани омғзгорон ва падару модарони онҳо (банди 38 паём)**

Рафти амалишавии Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.02.2021, №АП-43 озмуни ҷумҳуриявӣ «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» зери назорати қатъӣ қарор дода шудааст.  Дар мушовараи Раёсати маориф аз 30.04.2021, №4/16 баррасӣ ва мавриди иҷро қарор дода шудааст. Тибқи банди 12-и Низомнома даври аввал моҳи май дар муассисаҳои таълимӣ, ташкилоту муассисаҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, даври дуюм моҳи июл дар маркази шаҳру ноҳияҳо ва даври сеюм дар нимаи дуюми моҳи октябр дар марказҳои вилоят ва шаҳри Душанбе ва даври чорум моҳи декабр дар муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон  барпо мегардад.

Моҳи май дар муассисаҳои таълимии вилоят даври мактабии озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ҷамъбаст гардид. Дар даври мактабии озмуни мазкур 22629 нафар хонандагон, 994 нафар омӯзгоронва 96 нафар, кормандони муассисаҳои томактабӣ, дар маҷмуъ 23719 нафар аз рӯйи 5 номинатсия иштирок намуданд. Аз ин миқдор 3544 нафар хонандагон, 236 нафар омӯзгорон ва 37 нафар кормандони муассисаҳои томактабӣ, дар маҷмуъ 3815 нафар ба даври дуюм (шаҳрӣ\ноҳиявӣ) роҳхат гирифтанд.

Дар ин самт тамоми масъулини шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ вазифадор карда шудаанд, ки дар ҳамкорӣ бо комиссияи ноҳиявӣ/шаҳрӣ иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин намуда, барои ҷалби бештари хонандагон ба хондани китобҳои бадеӣ чораҷӯйӣ карда, ғолибон ва

омӯзгорони онҳоро бо мукофотҳои пулӣ ва ифтихорномаву сипосномаҳо қадрдонӣ намоянд.

Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.02.2021, №АП-44 озмуни ҷумҳуриявӣ «Илм фурӯғи маърифат». Дар мушовараи Раёсати маориф аз 30.04.2021, №4/15 баррасӣ ва мавриди иҷро қарор дода шудааст.

Ҳамзамон, оид ба иҷрои АП-44 корҳои муайян ба анҷом расонида шуданд. Дар даври мактабии озмуни «Илм-фурӯғи маърифат», ки моҳи апрели соли ҷорӣ доир гардид, дар маҷмӯъ 34287 нафар довталабон иштирок намуданд, ки аз онҳо 33670 нафар хонандагон ва 461 нафар омӯзгорон мебошанд. Натиҷаи озмун муайян намуд, ки аз миқдори умумии иштирокчиён 504 нафар хонандагон ва 279 нафар омӯзгорон ба даври шаҳрию ноҳиявӣ роҳхат гирифтанд.

Оид ба рафти иҷроиши банди 31-и нақша чорабинии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлонро дар бораи таҳти сарпарастии Президенти мамлакат ҳамасола баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон - Ватани азизи ман” ба пешбарӣ гирифта, мавриди омӯзиш ва амал қарор додааст.

Ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 11 феврали соли 2021, № АП - 42 оид ба озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва ба хотири пайдо кардани истеъдодҳои нави соҳаи санъат, баланд бардоштани маҳорати касбӣ, тақвият бахшидан ба маҳорати баланди ҳунари иҷрокунандагӣ, таълифи ашъори баландғояи ватандӯстона, дарёфти беҳтарин намунаҳои оҳанг ва сурудҳои тараннумгари Ватан, Истиқлолият, Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят даври аввали озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон-Ватани азизи ман”- ро доир намуданд.

Даври якуми озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар сатҳи балнди фарҳангӣ доир гардида, иштирокчиёни озмун аз рӯи наминатсияҳои сароянадагӣ, навозандагӣ ва композиторӣ ҳунарнамоӣ намуданд.

Вобаста ба ин, натиҷаи ҷамъбастии даври аввали озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон-Ватани азизи ман” дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон нишон дод, ки довталабон барои иштирок дар озмуни мазкур бо таёрии ҳамаҷониба омодагӣ дида, ҳунару маҳораташонро аз рӯи наминатсия ва жанрҳои озмун нишон доданд.

Шумораи иштирокчиёни даври аввали озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён 28 нафар, Шаҳритус 18 нафар, Носири Хусрав 14 нафар, Дӯстӣ 28 нафар, Ҷалолиддини Балхӣ 32 нафар, Ҷайҳун 17 нафар, Панҷ 25 нафар, Кушониён 35 нафар, Вахш 40 нафар, Левакант 20 нафар, Хуросон 42 нафар, Абдураҳмони Ҷомӣ 30 нафар, Ёвон 68 нафар, Норак 40 нафар, Бохтар 65 нафар, Ҳамадонӣ 25 нафар, Фархор 48 нафар, Темурмалик 21 нафар, Балҷувон 17 нафар, Ховалинг 17 нафар, Муъминобод 20 нафар, Ш. Шоҳин 15 нафар, Восеъ 27 нафар, Данғара 40 нафар ва Кӯлоб 70 нафаррро дарбар гирифт, ки дар умум теъдоди иштирокчиён 802 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин шумора ғолибони

озмуни мазкур аз шаҳру ноҳияҳои Қубодиён 16 нафар, Шаҳритус 10 нафар, Носири Хусрав 8 нафар, Дӯстӣ 14 нафар, Ҷалолиддини Балхӣ 23 нафар, Ҷайҳун 13 нафар, Панҷ 15 нафар, Кушониён 17 нафар, Вахш 29 нафар, Левакант 12 нафар, Хуросон 25 нафар, Абдураҳмони Ҷомӣ 17 нафар, Ёвон 44 нафар, Норак 33 нафар ва Бохтар 42 нафар, Ҳамадонӣ 13 нафар, Фархор 18 нафар, Темурмалик 5 нафар, Балҷувон 6 нафар, Ховалинг 6 нафар, Муъминобод 9 нафар, Ш. Шоҳин 9 нафар, Восеъ 11 нафар, ноҳияи Данғара 27 нафар ва Кӯлоб 50 нафар довталаб ба даври дуюми озмун роҳхат гирифтанд.

Бояд қайд намуд, ки шумораи иштирокчиёни даври ноҳиявӣ (шаҳри)- и озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикистон Ватани –азизи ман" 802 нафарро дарбар мегирифт, ки аз ин шумора 472 довталаб бо хулоса ва таҳлили ҳамаҷонибаи ҳайати ҳакамон ба даври дуюми озмун пешбарӣ гардиданд. Гуфтан ба маврид аст, ки аз рӯи наминатсияи сарояндагӣ дар жанри анъанавӣ 161 нафар, дар жанри эстрадӣ 114 нафар, дар жанри академӣ 21 нафар, дар наминатсияи навозандагӣ дар жанри анъанавӣ 88 нафар дар жанри эстрадӣ 30 нафар, дар жанри академӣ 45 нафар, дар наминатсияи композиторӣ (оҳангсозӣ) дар жанри анъанавӣ 3 нафар, дар жанри эстрадӣ 6 нафар ва дар жанри академӣ 1 нафарро ташкил медод. Рафти баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» тавассути шабакаҳои телевизонӣ пурра инъикос гардид.

Даври дуюми озмун моҳи июл, нимаи аввали моҳи август дар марказҳои вилоятҳо, шаҳри Душанбе, Ҳисор ва ноҳияи Рашт мегузарад. Даври сеюм ҷамъбасти то 16 ноябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад.

### 12.6. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоии кадрҳои омӯзгорӣ, ҳавасмандгардонии омғзгорони ҷавон

Ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, №544 "Дар бораи Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020" аз рӯи накшаи барнома мебоист, ки 740 - адад кабинетҳои фаннӣ тайи 3 сол муҷаҳҳаз гардонида мешуд. То ин давра 163 адад кабинетҳои фаннӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст, ки ин 22% нақшаи барномаро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, физика - 46, химия - 34, биология - 39, география - 4, математика - 7, технологияи информатсионӣ - 23 ва суруду мусиқӣ - 10 кабинети фаннӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Вобаст ба шаҳру ноҳияҳои Бохтар аз 26 адад 18 (69,2%), Норак аз 26 адади накша 13 (50%), Восеъ аз 29 адад 13 (49%), Данғара аз 33 адад 11 (33,3%), Ҳамадонӣ 32 адад 10 (31,2%), Ш.Шоҳин аз 30 адад 9 (30%), Вахш 30 аз адад 9 (30%),Ҷ.Балхӣ аз 30 адад 9 (28,1%), Темурмалик аз 26 адад 6 (23%), Панҷ аз 27 адад 6 (22,2%), Ёвон аз 34 адад 7 (20,5%), Кӯлоб аз 31 адад 6 (19,3%), Қубодиён аз 32 адад 6 (18,7%), Хуросон аз 27 адад 5 (18,5%), Ҷайҳун аз 26 адад 4 (15,3%), Н. Хусрав аз 28 адад 4 (14,2 %), Балҷувон аз 25

адад (11,5%), Левакант аз 29 адад 3 (10,3 %), Дусти аз 29 адад 3 (10,3%), Ҷомӣ аз 31 адад 3 (9,6%), Ховалинг аз 31 адад3 (9,6%), Шаҳритус аз 31 адад 3 (9,6%), Кушониён 31 адад 3 (9,6%), Муъминобод аз 30 адад 3 (9%), Фархор аз 34 адад 3 (8,8%).

Вобаста ба сохта баистифодадиҳии синфхонаҳои иловагӣ, ташкили синфҳои таълимӣ аз рӯйи равияҳо баъди нимсола дар соли таҳсили 2020 - 2021 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон эҳтиёҷот ба кардҳои омӯзгорӣ пайдо шуд.

Тибқи маълумоти раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ба ҳолати имрӯза дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят ба 440 кадрҳои равияи омӯзгорӣ эҳтиёҷ доранд. Аз он ҷумла, алифбои ниёгон 7, технологияи иттилоотӣ 45, биология экология 13, география 11, забони англисӣ 88, забони давлатӣ 2, забони модарӣ ва адабиёт 13, забони русӣ 58, математика-алгебра 71, химия 33, санъати тасвири ва нақша 5, синфҳои ибтидоӣ 24, суруд ва мусиқӣ 9, тарбияи ҷисмонӣ 1, таърих ва ҳуқуқ 8, технологияи меҳнат 7, физика астрономия 42 ва ОИҲ 3. Тибқи иттилои мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Восеъ, Левакант ва Носири Хусрав эҳтиёҷоти кадрӣ дида намешавад.

Дар иртибот ба ин, ба мудирони шуъбаҳои маориф вазифадор карда мешаванд, ки дар соли таҳсили 2021-2022 эҳтиёҷоти кадриро дар муассисаҳои таълимӣ аз байн баранд.

Дар 6 моҳи соли 2021 аз тарафи филиалҳои Донишкадаҳои ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар 103 курс бо фарогирии 2705 нафар шунаванда, 22 семинар бо теъдоди 609 нафар шунаванда ва дар шаҳри Кӯлоб 82 курс бо фарогирии 2082 нафар шунаванда ва 10 семинари мақсаднок бо фарогирии 250 нафар гузаронида шуд.

Дар умум аз тарафи филиалҳои донишкадаҳои вилоят 185 курс бо фарогирии 4787 нафар, 32 семинар бо фарогирии 859 нафар шунавандагон гузаронида шуд. Ҳамзамон, дар доираи Лоиҳаи «Ҳамроҳ бихонем дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 121 нафар шунавандагон дар лоиҳа аз курс гузаронида шуданд.

Таъмини шунавандагон дар филиалҳои мазкур аз тарафи шуъбаи маорифи ноҳияи Ховалинг 57% нокифоя ба роҳ монда шудааст.

Оид ба рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо барои омӯзгорони ҷавон».

Мавриди зикр аст, ки аз солҳои 2007 то ин ҷониб 2079 нафар омӯзгорони ҷавон соҳиби замини наздиҳавлигӣ, 152 нафар соҳиби замини полезӣ ва 603 нафар соҳиби қарзи имтиёзнок гардида, дар маҷмуъ 2862 нафар омӯзгорони ҷавони муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон имтиёзи муқарраргардида бархурдор шудаанд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳарчанд дар ин самт корҳои муайяне ба сомон расонидаанд, вале ин рақамҳо дар давоми амалишавии қарори мазкур қонеъкунанда нестанд. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Левакант ба 252,

Кӯлоб ба 99, Восеъ ба 293, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба 96, Фархор ба 376, Данғара ба 195, Балҷувон ба 129, Ш. Шоҳин ба 120, Темурмалик ба 126, Муъминобод ба 92, Ховалинг ба 109, Вахш ба 125, Кушониён ба 60, Ҷайҳун ба 207, Абдураҳмони Ҷомӣ ба 114, Ёвон ба 79, Носири Хусрав ба 80 нафар омӯзгорони ҷавон замини наздиҳавлигӣ таъмин намудаанд.

Мутаассифона, дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳои вилоят рафти иҷрои қарори мазкур на он қадар хуб бароҳ монда шудааст. Масалан, дар шаҳри Норак 44 нафар, ноҳияҳои ба номи Ҷалолиддини Балхӣ 54 нафар, Панҷ 48 нафар, Дӯстӣ 43 нафар, Хуросон 43 нафар, Қубодиён 42 нафар ва Шаҳритус ба 36 нафар омӯзгорони ҷавон ба замини наздиҳавлигӣ таъмин кардаанд.

Ин шаҳодат медиҳад, ки шаҳру ноҳияҳои боло зикр барои пурра амалӣ гардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.05.2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо барои омӯзгорони ҷавон» беаҳамиятӣ зоҳир намуда истодаанд.

### 12.7. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо

Новобаста аз ҳамаи корҳои ба сомон расонида шуда, ҳоло ҳам дар соҳаи маориф вилояти Хатлон мушкилоти ҳалталаб боқӣ мондааст, аз ҷумла:

1. Бештар фарогирии кӯдакон ба зинаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ
2. Таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои соҳибтахассуси омӯзгорӣ.
3. Назорати ҷиддӣ ба масъалаи ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавон.
4. Назорати ҷиддӣ ба рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.08.2011, №762 «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар муассисаҳои таълимии вилоят
5. Баланд бардоштани сифати таҳсилот ва ташкил намудани маҳфилҳои техникони наврас.
6. Татбиқи иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022” дар муассисаҳои таълимии вилоят дар ҳамбастагӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо.
7. Таъмин намудани Марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бо бинои алоҳида ва мустақилияти молиявӣ.
8. Татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми ноябри соли 2017, №544 «Дар бораи Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020».
9. Татбиқи рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо барои омӯзгорони ҷавон».
10. Бештар ҷалб намудани устодони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар оид ба тарғиби интихоби дурусти касб дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва андешидани тадбирҳои иловагӣ оид ба раванди

бақайдгирии довталабон ба имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар муассисаҳои таълимии вилоят.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, дар ҳамкорӣ бо Вазоратҳои маориф ва илми, рушди иқтисод ва савдои, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти садамавӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, васеъ намудани фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 13. Рушди соҳаи тандурустӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи тандурустӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ, таъмини таҷҳизоти озмоишӣ ва ташкили муҷаҳҳазгардонӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоии кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст (банди 68 паём), (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша - чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 26), 13.2. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати пешгирии бемориҳо, махсусан, бемории коронавирус ва дигар бемориҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил (паём банди 46), 13.3. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо. 13.4. Ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолии кишвар ва корҳои анҷомдода ҷиҳати расонидани кӯмак, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахурону собиқадорон (банди 2 паём), 13.5. Иҷроиши барномаҳои қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла расонидани хизматрасонии тиббӣ дар хона.**

**13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ, таъмини таҷҳизоти озмоишӣ ва ташкили муҷаҳҳазгардонӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоии кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст (банди 68 паём), (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша - чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 26);**

Дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 1703 муассисаҳои тиббӣ аз ҷумла: муассисаҳои вилоят 52-адад, марказҳои махсусгардонидашудаи бостатсионар 33 адад, амбулаторӣ 11 адад, марказҳои методи 158-адад, Беморхонаҳои Марказии шаҳру ноҳияҳо 24, Беморхонаҳои рақами (минтақавӣ) 58, Марказҳои саломатии ноҳиявӣ 22, Марказҳои саломатии деҳотӣ 383, Бунгоҳҳои тиббӣ 726, Марказҳои МНДСЭ шаҳру ноҳияҳои вилоят 27 адад, Марказҳо ва шуъбаҳои дизенфексионӣ 27, Муассисаҳои хусуси 110 адад фаъолият доранд.

Дар муассисаҳои тандурустии вилоят 35457 нафар кормандон фаъолият дошта, табибон 3978 нафар, ҳамшираҳои тиббӣ 19852 нафар, 2 доктори илми тиб ва 24 номзадҳои илми тибб фаъолият мекунанд.

Дар вилоят норасогии кадрҳои соҳаи тибби оилавӣ, беҳискунӣ ва наҷоти ҳаёт, рӯҳшиносӣ, неанотолог, акушер гинекологҳои кӯдакона, рентгенологҳо, наркологҳо, силшиносон ва табибони оилавӣ 1026 нафар ба назар мерасад.

Аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Восеъ -47 (64 нафар), Балҷувон -23 (54 нафар), Левакант -14 (7 нафар), Носири Хусрав -5 (34 нафар), Темурмалик -4 (16 нафар), Кушониён -2 (57 нафар), Ховалинг -2 (86 нафар), Фархор -1 (6 нафар), Данғара -0 (69 нафар), Хуросон 0 (37 нафар), Дӯстӣ -0 (9 нафар) ва Қубодиён -0 (7 нафар), кам гардида ба хизматрасонии тиббии сифатнок ба аҳолӣ таъсири манфӣ расонидааст.

Ҳамзамон дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб +1298 (17542 нафар), Вахш +7 (36 нафар), Панҷ +6 (23 нафар), Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ +3 (23 нафар) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

**13.2. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати пешгирии бемориҳо, махсусан, бемории коронавирус ва дигар бемориҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил (паём банди 46),**

Оид ба иҷроишиҚарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2021, қарори раиси вилояти Хатлон аз 09 апрели соли 2021 дар бораи “Барнома оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар вилояти Хатлон” барои солҳои 2021-2025,” нақшаю чорабиниҳо дар сатҳи вилоят мутобиқ гардонида шуда, ҷиҳати амалисозӣ ба муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳо ирсол гардид.

Тибқи маълумоти омори расмӣ дар вилоят аз соли 1991 то 30 июни соли 2021 шумораи умумии сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам 3944 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин шумора 2418 нафар мардҳо (61,3%) ва 1526 нафар занҳо (38,7%) ташкил дода, кӯдакони то 18 сола 321(зиндаҳо) нафар (11,2 %) нафар мебошанд. Бо сабабҳои гуногун 1084 нафарашон фавтиданд ва 2860 нафар шахсони бо ВНМО зиндагикунанда дар қайд мебошанд.

Ҳолатҳои бақайдгирии бемории сил дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар шаҳру ноҳияҳои А. Ҷомӣ +52 (61 нафар), Восеъ +29 (53 нафар), Панҷ +20 (35 нафар), Ҷайҳун +19 (34 нафар), Данғара +12 (38 нафар), Левакант+3 (11 нафар), Носири Хусрав + 3 (6 нафар), Кӯлоб +1 (52 нафар), зиёд гардида, зарурати пурзӯр намудани корҳо дар пешгирӣ намудани касалиҳои сироятии гирифторони бемории сил ба миён омадааст.

Ин нишондиҳанда нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вахш -51 (23 нафар), Кушониён -38 (12 нафар), Темурмалик -32 (25 нафар), Ҷ. Балхӣ -11 (17 нафар), Муъминобод – 10 (29 нафар), Фархор -8 (56 нафар), Ш. Шоҳин -8 (12 нафар), Қубодиён -5 (15 нафар), Шаҳритус -3 (17 нафар) ва Ҳамадонӣ -1 (38 нафар) кам гардидааст.

**ВНМО**

Тибқи таҳлили маълумотҳо гирифторони бемории ВНМО дар давраи ҳисоботи 2021 нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 дар шаҳр ва ноҳияҳои Восеъ +14 (212 нафар), Темурмалик +9 (69 нафар), Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ +8 (134 нафар) ва Фархор +7 (166 нафар) бемории ВНМО ба қайд гирифта шудаанд, ки зарурати пурзӯр намудани корҳо дар пешгирӣ намудани касалиҳои сироятии гирифторони бемории ВНМО ба миён омадааст.

Ин нишондиҳанда нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ш. Шоҳин -18 (4 нафар), Кӯлоб -15 (20 нафар), Вахш -9 (7 нафар) ва Қубодиён -3 (5 нафар) кам гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъмин карда шудааст.

Дар шаҳр ва ноҳияҳои ҳудуди вилоят дар маҷмуъ 26 марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди БПНМ (Маркази мубориза бар зидди бемории ВНМО дар вилояти Хатлон) фаъолият доранд, ки самаранокии фаъолияти онҳо барои пешгирии ин бемории мусоидат намуда истодааст.

**13.3. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

1. Ба таъмири асосӣ ниёз доштани муассисаҳои тандурустии сатҳи деҳот, хусусан беморхонаҳои рақами, минтақавӣ дар ноҳияҳои Панҷ, Хуросон, Ёвон, Ҳамадонӣ, Фархор;

2. Дар вилоят аз 23 шаҳру ноҳияҳои дорои беморхонаҳои сатҳи деҳотӣ, дар 10 ноҳия, аз ҷумла ноҳияҳои Вахш, Ёвон, Хуросон, Панҷ, Мӯъминобод, Ҳамадонӣ, Данғара, А.Ҷомӣ, Ҷайҳунва Дӯстӣ беморхонаҳои рақами маблағгузории мустақил надоранд;

3. Маблағгузории соҳа асосан (94 фоиз) ба пардохти музди маош равона карда шудааст, барои хариди маводҳои хӯрока, доруворӣ, таҷҳизот ва барои таъмиру сохтумон маблағи ночиз ҷудо шавад ҳам, маблағгузорӣ дар сатҳи паст қарор дорад;

4. Нарасидани мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ дар ноҳияҳои Кӯлоб, Кушониён, Вахш, Носири Хусрав, Ховалинг, Мӯъминобод, Темурмалик, Восеъ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон ва Ҷайҳун, дар соҳаҳои силшиносӣ, равонӣ, бемориҳои чашм, эндокринологӣ, тибби оилавӣ, эпидемиолог ва сироятшиносон;

5. Норасоии автомашинаҳои ёрии таъҷилӣ, дар вилоят 182 адад автомашинаҳои ёрии таъҷилӣ намерасад.

**Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

**13.4. Ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолии кишвар ва корҳои анҷомдода ҷиҳати расонидани кӯмак, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахурону собиқадорон (банди 2 паём),**

Таҳлили маълумотҳо собит намуданд, ки шумораи оилаҳои камбизоат дар вилоят 93237 ададро ташкил намудааст.

Зиёдшавии шумораи оилаҳои камбизоат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар вилоят +3249 нафар (ҳамагӣ 93237 нафар) зиёд гардида, дар шаҳру ноҳияҳои Данғара +1204 (4555 нафар), Шаҳритус +1145 (3472 нафар), Левакант +960 (1833 нафар), Норак +698 (1051 нафар), Ҷайҳун +680 (3704 нафар), Ш. Шоҳин +111 (1277 нафар), Қубодиён +20 (3936 нафар), Муъминобод +4 (110 нафар) ва Дустӣ +4 (55 нафар) ба назар расида, барои паст намудани нишондиҳанда тадбирҳои иловагиро тақозо менамояд.

Дар ин раванд, кам гардидани шумораи оилаҳои камбизоат дар шаҳр ва ноҳияҳои Хуросон -952 (1783 нафар), Кушониён -836 (4992 нафар), Кӯлоб -273 (3781 нафар), Н. Хусрав -134 (129 нафар), ба назар расида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ нишон медиҳад.

### 13.5. Иҷроиши барномаҳои қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла расонидани хизматрасонии тиббӣ дар хона;

Дар самти ҳифзи иҷтимоӣ аҳолӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №328 «Дар бораи Барномаи давлатии расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, №455 « Дар бораи Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020» ба тасвиб расидааст, ки самти соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ба танзим медарорад. Айни ҳол барномаҳои мазкур таҳти назорати доимии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо қарор дорад, ки оид ба масъалаҳои мазкур мунтазам маълумотномаҳо пешниҳод карда мешавад.

Дар шаҳри Бохтар баҳри таъмини иҷроиши барномаҳои қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла расонидани хизматрасонии тиббӣ дар хона тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, дар ин давра аз ҷониби кормандони шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ба 80 нафар шахсони яккаву танҳо ба маблағи 1300 сомонӣ доруворӣ ва ба 150 нафар ба маблағи 9540 сомонӣ маводҳои ғизоӣ аз қабили картошка, пиёз, равған, шакар, биринҷ ва макарон харидорӣ ва ба хонаҳояшон дастрас карда шудааст.

Тибқи маълумоти мақомоти иҷрояи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалик, дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла расонидани хизматрасонии тиббӣ дар хона давоми 6 моҳ аз ҷониби кормандони Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ корҳои муайян ба сомон расонида шудааст. Онҳо ҳамарӯза (табибони тибби оилавӣ) аз мавзеҳои вобасташудаашон бохабар буда, сӯҳбату фаҳмондадиҳӣ ва ҳамзамон кумаки тиббӣ мерасонанд. Ба нафароне, ки дар давраи ҷанг дар ақибгоҳ буданд, ба иштирокчиёни садамаи Чернобил ва ба онҳо баробар хизматрасонии ройгон расонида шуда, дар арафаи ҷашни Рузи Артиши миллӣ ва Рузи Ғалаба ба онҳо дар баробари кумаки дорувории ройгон инчунин ба онҳо дар доираи имкониятҳо тӯҳфаҳои хотиравӣ низ тақдим карда шуданд.

Вобаста ба зербанди мазкур, дар ҳисоботҳои дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот дарҷ нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тибқи банди 19 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 барои дастгирии моддию молиявии гурӯҳҳои осебпазир, кам намудани шумораи оилаи камбизоат, фароҳам овардани муҳити дастрас барои маъюбон, амалигардонии барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамкориҳоро тақвият бахшанд.

**14. Маълумот оид ба вазъи соҳаи фарҳанг:**

**14.1. Бунёд, азнавсозӣ, таҷдиди инфрасохтор, таҳкими пояҳои моддию техникии муассисаҳои соҳаи фарҳанг (китобхонаҳо, шумораи китобҳо), инчунин мактабҳои мусиқии бачагона ва таъмини онҳо бо таҷҳизотҳо (банди 65 паём, Амри ПҶТ аз 06.03.2019с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 28);**

Оид ба бунёд, азнавсозӣ, таҷдиди инфрасохтор, таҳкими пояҳои моддию техникии муассисаҳои соҳаи фарҳанг чораҷӯи гардида, дар шаҳри Бохтар 38 муассисаҳои фарҳангӣ (4 адад вилоятӣ), аз ҷумла кохи фарҳанг ва маркази иттилоотии шаҳр, клуб, театри халқӣ, ду боғи фарҳангӣ, 8 адад майдонҳои таърихиву фароғатӣ, 12 адад гулгаштҳо, мактаби бачагонаи санъат, китобхонаи марказӣ бо 7 адад филиал, осорхона, студияи сабти овоз, лабораторияи композиторони ҷавон ва ансамбли рақсии «Ситора» фаъолият доранд, ки ба мардум хизмати маданӣ мерасонанд.

Айни замон дар китобхонаи марказӣ ва бахшҳои он 52 ҳазору 954 нусха китоб маҳфуз буда, аз ин шумораи адабиётҳо 17725 нусха бо забони тоҷикӣ, 31963 нусха бо забони русӣ ва 2270 нусха бо дигар забонҳо мебошад.

Ҳамзамон, мактаби санъати бачагона дорои 19 ихтисос ва 53 нафар омӯзгорон мебошад. Дар давраи хониши солҳои 2020-2021 дар мактаби санъати бачагона 468 нафар ба таҳсил фаро гирифта шуда, 160 нафар хонанда ба синфи 1 қабул карда шуд.

Дар ноҳияи Вахш давраи ҳисоботӣ дар ноҳия 35 муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла 5 - хонаи фарҳангӣ, 4 - клуби деҳотӣ, 7 - клуби деҳотии марказонидашуда, 1 - китобхонаи бачагона, 1 - китобхонаи марказӣ, 16 - китобхонаҳои деҳотӣ ва 1 - мактаби санъати бачагона ба аҳолии ноҳия хизмати фарҳангӣ расонида истодаанд.

Дар ноҳия 18 - китобхона фаъолият менамояд, ки дар онҳо 82 ҳазору 756 нусха китоб маҳфузанд.

Дар ин давра, муассисаҳои фарҳангии ноҳия 49 чорабинии оммавии фарҳангӣ ва сиёсӣ гузарониданд, ки дар онҳо 15522 нафар иштирок карданд.

Дар ноҳияи Восеъ 57 муассисаҳои фарҳангӣ фаъолият мекунанд, ки аз ин 30 китобхона, 22 муассисаи клубӣ, 1 филармонияи халқӣ, мавзеъи ҳавзи Қайнар, 1 мактаби санъат 1 гулгашт ва 1 боғи фарҳангиро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, дар ноҳия 30 китобхона амал мекунад, ки аз ин 3 китобхона (китобхонаи марказӣ, шаҳрӣ ва бачагона) дар маркази ноҳия ва 27 китобхона дар деҳот ҷойгиранд. Хазинаи китобии китобхонаҳои ноҳия 116176 нусхаро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дӯстӣ 28 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 2 қасри фарҳангӣ, 4 хонаи фарҳангӣ, 2 клуб, 1 китобхонаи марказӣ, 1 китобхонаи бачагона, 15 китобхонаи деҳотӣ, 1 боғи фарҳангӣ-истироҳатӣ, 1 осорхона ва 1 мактаби санъати бачагона ба аҳолӣ хизмати фарҳангӣ расонида истодаанд. Дар 15 китобхона 90 ҳазору 507 нусха китоб маҳфуз буда, аз ин шумора 85 ҳазору 666 нусха китоб бо забони давлатӣ, бо забонҳои русӣ ва бо дигар забонҳо мебошанд аз онҳо китобҳои тоза нашр 1475 адад.

Айни замон дар ноҳияи Ёвон 38 муассисаи фарҳангӣ (1 Кохи фарҳанги ноҳиявӣ, 2 хонаи фарҳангии деҳотӣ, 28 китобхона, 1 мактаби бачагонаи санъат, 1 осорхонаи кишваршиносӣ, 1 театри халқӣ, 1 ансамбли тарона ва рақс ва 3 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ) мавҷуд буда, ба аҳолӣ хизмати фарҳангӣ мерасонанд.

Бо мақсади ҳарчӣ бештар ба мутолиаи китоб ҷалб намудани аҳолӣ, хусусан ҷавонону наврасон, дар давоми соли 2020 ва шаш моҳи соли равон 789 нусха китоби тозанашри бадеӣ ба маблағи 23,000 сомонӣ харидорӣ гардида, аз Корхонаи давлатии таъминот ва савдои “Китоб”-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 188 нусха китобҳои бадеии бачагона ва аз Китобхонаи вилоятии ба номи Шамсиддин Шоҳин 64 нусха китобҳои бадеӣ тариқи ройгон ба китобхонаҳои оммавии ноҳия ворид карда шуд.

Дар шаҳри Кӯлоб 51 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 24 китобхонаи оммавӣ, 20 клуб, 3 мактаби бачагонаи мусиқӣ, мактаби бачагонаи рассомӣ, боғи фарҳангӣ-истироҳатӣ, осорхонаи ҳунармандон ва ансамбли тарона ва рақс ба аҳолӣ хизмати фарҳангӣ расонида истодаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Кушониён 40 муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла 29 китобхона, 8 муассисаи клубӣ, 1 филармонияи халқӣ, 1 боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, 1 мактаби бачагонаи мусиқӣ фаъолият доранд.

Дар ноҳияи Қубодиён 4 маркази фарҳангӣ-фароғатӣ, 1 осорхонаи таъриху кишваршиносӣ ва 18 китобхонаи оммавӣ фаъолият дошта, шумораи кормандон 87 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 41 нафарашон занҳо буда, шумораи хонандагони мактаби мусиқӣ 192 нафарро ташкил намуда, дастпарварони мактаби мусиқӣ ва кормандони бахши фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ҳамаи ҷашнвораҳо ва чорабиниҳои ноҳиявӣ фаъолона иштирок менамоянд.

Дар 18 китобхонаи ноҳия маҳзани китоб 45197 нусхаро ташкил намуда, аз ин шумора 14035 нусха китобҳо бо забони давлатӣ, 25850 нусха китобҳо бо забони русӣ ва 5312 нусха китобҳо бо дигар забонҳо мебошанд.

Дар ҳудуди шаҳри Левакант 10 адад муассисаҳои фарҳангию-фароғатӣ фаъолият менамоянд, аз ҷумла: китобхонаҳо 4 адад, боғҳои фарҳангию-фароғатӣ 1 адад, осорхонаҳо 1 адад, мактаби бачагонаи мусиқӣ 1 адад, қасри фарҳангӣ 1 адад барои истироҳати шаҳрвандони шаҳр мусоидат менамоянд.

Дар асоси маълумотҳои ноҳияи Муъминобод 39 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 1 Қасри фарҳанг, 25 китобхона, 5 клуб, 1 осорхона ва мактаби бачагонаи мусиқӣ ба сокинони ноҳия хизмат мерасонанд.

Хазинаи умумии китобхонаҳо 91 ҳазору 581 нусха адабиётҳоро ташкил дода, шумораи хонандагон ба 14445 нафар расида, дар баробари он сифати хизматрасониҳо назар ба пештара давра ба давра беҳтар гардида истодааст.

Тибқи маълумотҳои ноҳияи Панҷ 31 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 5 хонаи фарҳангӣ, 8 клуб, 1 китобхонаи марказӣ, 1 китобхонаи бачагона, 17 китобхонаи деҳотӣ, 1 боғи фарҳангӣ-истироҳатӣ, ва 1 мактаби санъати бачагона ба аҳолӣ хизмати фарҳангӣ расонида истодаанд. Дар 19 китобхона 68005 нусха китоб маҳфуз буда, аз ин шумора 25 ҳазору 720 нусха китоб бо забони давлатӣ, 35 ҳазору 646 нусха бо забонҳои русӣ ва 6 ҳазору 639 нусха бо дигар забонҳо мебошанд.

Дар ин давра муассисаҳои фарҳангии ноҳия 34 чорабинии оммавии фарҳангӣ ва сиёсӣ гузарониданд, ки дар онҳо 32756 нафар иштирок карданд.

Айни замон дар назди 23 корхона, муассиса ва ташкилотҳои ноҳия 23 китобхонаи идоравӣ ташкил ва бо 19450 нусха китоб таъмин карда шуданд.

Ҳамзамон, дар ноҳияи Темурмалик 39 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 13 муассисаҳои клубӣ (аз ҷумла 1 Қасри фарҳанг, 2 хонаи фарҳанги деҳотӣ, 1 маркази фарҳангӣ-фароғатӣ, 9 клуби деҳотӣ), 23 китобхонаҳо (аз ҷумла, 1 китобхонаи марказӣ, 1 китобхонаи бачагона, 21 китобхонаи оммавӣ-филиалҳо), 1 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 1 мактаби бачагонаи мусиқӣ ва 1 осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ ба аҳолӣ хизмати фарҳангӣ расонида истодаанд.

Дар ноҳияи Темурмалик 23 китобхона фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 80 ҳазору 43 нусха китоб маҳфуз аст. Аз ин шумора 43 ҳазору 917 нусха китобҳо бо забони давлатӣ, 27 ҳазору 579 нусха китобҳо бо забонҳои русӣ ва 8 ҳазору 547 нусха китобҳо бо дигар забонҳо мебошанд.

Айни замон дар ноҳияи Фархор 43 адад муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла 3 адад хонаи фарҳанг, 15 адад муассисаҳои клубӣ, 1 мактаби санъати бачагона, 21 адад китобхонаҳо, 1 осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ, 1 боғи фарҳангӣ-исти-роҳатӣ ва 1 гуруҳи хизматрасонӣ дар хизмати аҳолӣ қарор дошта, дар онҳо 179 нафар кормандон кору фаъолият менамоянд. Давоми нимсолаи якуми соли 2021 фарҳангчиён тибқи нақша дар умум беш аз 980 адад чорабини-ҳои оммавӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ ташкил ва роҳандозӣ намудаанд, ки дар рафти онҳо беш аз 112566 нафар шаҳрвандон ҷалб карда шудаанд.

Фонди китобии китобхонаи марказӣ 35391 нусха, китобхонаи бача-гонаи шаҳрак 2663 нусха ва китобхонаҳои деҳотӣ 84130 нусха буда, дар

маҷмӯъ 1122184 нусхаро ташкил медиҳанд. Дар давраи ҳисоботӣ 345 хусха китобҳои тозанашр ба китобхонаҳои оммавии ноҳия ворид шудааст.

Дар ноҳияи Ҳамадонӣ 33 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 1 қасри фарҳанг, 10 муассисаи клубӣ , 1 китобхонаи марказӣ, 1 китобхонаи бачагона, 17 китобхонаи деҳотӣ, 1 боғи фарҳангӣ – фароғатӣ, 1 осорхонаи таърихию кишваршиносӣ ва як мактаби мусиқии бачагона ба аҳолӣ хизматрасонии фарҳангӣ расонида истодаанд.

Дар ноҳия 19 китобхона фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 100453 нусха китоб маҳфуз аст. Аз ин шумора 24751 нусха китобҳо бо забони давлатӣ ва 75702 нусха китобҳо бо дигар забонҳо мебошанд.

Дар ноҳияи Ҷайҳун 35 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 6-хонаи фарҳангӣ, 1-театри мардумӣ, 1-клуби деҳотӣ, 1-клуби сайёр, 1-китобхонаи марказӣ, 1-китобхонаи бачагона, 22- китобхонаи деҳотӣ, 1-боғи фарҳангу фароғатӣ ва истироҳатӣ, 1-мактаби мусиқии бачагона ба аҳолӣ хизмати фарҳангӣ расонида истодаанд. Дар 24 -китобхона 118 ҳазору 772 нусха китоб маҳфуз буда, аз ин шумора 39-ҳазору 488-нусха китоб бо забони давлатӣ, 66-ҳазору 466 нусха бо забонҳои руссӣ ва 12-ҳазору 838 нусха бо забонӣ ӯзбекӣ мебошанд.

Дар китобхонаҳои ноҳияи Ш. Шоҳин 69 ҳазору 648 нусха китоб маҳфуз мебошад. Аз ин шумора 28 ҳазору 907 нусха китобҳо бо забони давлатӣ, 35 ҳазору 45 нусха китобҳо бо забонҳои русӣ ва 4 ҳазору 568 нусха китобҳо бо дигар забонҳо мебошанд.Инчунин аз тарафи бахши фарҳанги ноҳия 420 нусха китобҳои тозанашр харидорӣ ва ба китобхонаҳои ноҳия дастрас карда шудаанд.

Дар ноҳия Шаҳритус 29 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 3 хонаи фарҳангӣ, 5 клуб, 1 китобхонаи марказӣ, 1 китобхонаи бачагона, 11 китобхонаи деҳотӣ, 1 боғи фарҳангӣ-истироҳатӣ, 1 осорхона , 1 мактаби санъати бачагона ва 1 ансамбли тарона ва рақсии “Чашма” ба аҳолӣ хизмати фарҳангӣ расонида истодаанд.

Дар ноҳия 13 китобхона фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 86 ҳазору 555 нусха китоб маҳфуз аст. Аз ин шумора 52 ҳазору 522 нусха китобҳо дар хазинаи маркази, 6 ҳазору 324 нусха китобҳои бачагона 29 ҳазору 709 нусха китобхо дар ҷамоату деҳотҳои ноҳия мебошанд.

**14.2. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он.**

Дар ноҳияи Темурмалик биноҳои муассисаҳои фарҳангии дар деҳот буда таъмирталаб буда, мизу курсиҳо ва ҷойҳои нишаст дар клубҳои деҳот намерасанд.

Ҳамзамон нарасидани асбобҳои мусиқӣ дар мактаби мусиқии бачагонаи ноҳияи Темурмалик.

Дар ноҳияи Панҷ имрӯз бинои кохи синамои ноҳия ба таъмири пурра ва азнавсозӣ ниёз дошта, бобати бартараф намудани ин мушкилот маблағҳои зиёд лозим мебошад.

Дар ноҳияи Ёвон 1 китобхона ва 4 адад муассисаҳои клубӣ таъмирталаб мебошанд.

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Кушониён аз муассисаҳои клубӣ 1 адад ва 3 адад китобхонаҳои деҳотӣ дар ҳолати таъмирталаб мебошанд.

Сохта ба истифода додани бинои замонавии Қасри фарҳанг ва аз таъмири хушсифат баровардани клубу китобхонаҳои деҳотӣ дар ноҳияи Фархор.

Чунин мушкилотҳои соҳа дар ноҳияи Ҳамадонӣ ба назар мерасанд, таъмирталаб будани клубу китобхонаҳо, набудани ҷойи нишаст дар клубҳо, нарасидани китобҳои тозанашр дар китобхонаҳо.

Мушкилотҳои соҳаи фарҳанг дар ноҳияи Ҷайҳун, нарасидани асбобҳои мусиқӣ дар бахши фарҳанг.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мушкилотҳои боздорандаи раванди рушди соҳаи фарҳанг дар ноҳияи Ш. Шоҳин ба назар мерасанд. Аз 33 муассисаи фарҳангӣ 2 муассиса дар хонаи шахсӣ, 2 хонаи фарҳанг, 2 клуби деҳотӣ ва 2 китобхона таъмирталаб, 1 клуб дар Ҷамоати деҳоти Чагам садамавӣ ва 7 муассисаи дигар дар бинои дигар ташкилоту муассисаҳои ноҳиявӣ ҷойгиранд. Боғи фарҳангӣ-фароғатии ноҳия бо арғунчаку чархофалакҳо муҷаҳҳаз нест.

**Мушкилотҳои соҳа**

Дар муассисаҳои фарҳангии вилояти Хатлон камбудӣ ва норасогии асбобҳои мусиқии халқӣ ва барқӣ, воситаҳои тақвияти овоз, нақлиёти сафарӣ, мизу курсӣ, таҷҳизотҳои техникӣ аз ҷумла: факс, компютеру принтерҳо, сару либоси саҳнавӣ, маблағҳои лозимӣ, ҷиҳати таъмиру тармими муассисаҳо ва нарасидани мутахассисони соҳибкасб ҷой доранд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, дар якҷоягӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши мушкилотҳои соҳаи фарҳангии шаҳру ноҳияҳоро ташкил намуда, ҷиҳати ҳалли онҳо ва беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои фарҳангии дар ҳолати садамавӣ ва таъмирталаб қарор дошта чораандешӣ намоянд.

**15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ:**

**15.1. Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва бо фоиз нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ, рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ ва бақияи қарзи он) (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 31), 15.2. Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, хусусан дар деҳоти дурдаст ва ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ, соҳибкорони маҳаллӣ.**

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ:**

**15.3. Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии “Шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 30), 15.4. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

**15.1. Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва бо фоиз нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ, рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ ва бақияи қарзи он) (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 31);**

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза дар шаҳру ноҳияҳои Данғара 100%, Ёвон 89,3%, Кӯлоб 83,8%, Левакант 78,9%, Ш.Шоҳин 75%, Норак 73,0%, Муъминобод 65,5% ва Вахш 45%, ба назар мерасанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Ҳамадонӣ 42,2%, А. Ҷомӣ 41%, Темурмалик 38,3%, Ҷайҳун 36,3%, Фархор 34,4%, Кушониён 33,4%, Панҷ 27,7%, Шаҳритус 18,8% ва Қубодиён 6,4%-ро ташкил додааст, ки барои баланд бардоштани он вусъат бахшидани корҳоро оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузории беруна ва дохила талаб менамояд.

Дар давраи ҳисоботӣ вобаста ба масъалаи мазкур аз тарафи мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ҷ. Балхӣ, Бохтар, Восеъ, Дӯстӣ, Ховалинг, Хуросон маълумот пешниҳод нагардидааст.

**Қарзи истифодаи оби нӯшокӣ**

Бақияи қарзи ҳаққи хизматрасонӣ аз об дар шаҳр ва ноҳияҳои Ёвон 11,1 млн. сомонӣ, Данғара 1,0 млн. сомонӣ, Кӯлоб 333,5 ҳаз. сомонӣ, Ҷайҳун 196,3 ҳаз. сомонӣ, Кушониён 172,2 ҳаз. сомонӣ, Норак 128,7 ҳаз. сомонӣ, Ҳамадонӣ

106,1 ҳаз. сомонӣ, Вахш 65,5 ҳаз. сомонӣ, Муъминобод 31,5 ҳаз. сомонӣ, Темурмалик 22,7 ҳаз. сомонӣ, Қубодиён 19,9 ҳаз. сомонӣ, Ҷ.Балхӣ 18,5 ҳаз. сомонӣ, А. Ҷомӣ 12,4 ҳаз. сомонӣ, Шаҳритус 11,9 ҳаз. сомонӣ, Ш.Шоҳин 7,0 ҳаз. Сомонӣ ва Н. Хусрав 1,4 ҳаз. сомониро ташкил намуда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ҷиҳати кам намудани бақия қарз чораҳо андешанд.

**15.2. Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, хусусан дар деҳоти дурдаст ва ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ, соҳибкорони маҳаллӣ (банди 34 паём);**

Ҷиҳати иҷрои барномаи мазкур, қарори раиси вилояти Хатлон аз 17 январи соли 2019, №18 ва нақша-чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба тасвиб расида, баҳри амалисозии он ба ҳама шаҳру ноҳияҳои вилоят барои корбарӣ ва иҷро пешниҳод гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Ёвон бо маблағгузории соҳибкорони маҳаллӣ, саҳми маҳал ва маблағҳо аз дигар сарчашмаҳо деҳаи Оби мукии Ҷамоати деҳоти Обшорон бо кашидани хати интиқоли об ба масофаи зиёда аз 2,5 км, деҳаи Тутаки Ҷамоати деҳоти ба номи Ҳ. Ҳусейнов ба масофаи 4 км, деҳаи 8 Март ва шаҳраки Ҳаёти Нав бо кашидани 1900 метр, деҳаи Навободи Ҷамоати деҳоти Ситораи Сурх 400 метр ва деҳаи Ғарави Ҷамоати деҳоти Даҳана бо кашидани хати интиқоли оби нӯшокӣ ба масофаи 1 км дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ беҳтар гардонида шуд.

Дар асоси қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 августи соли 2018, №373 “Дар бораи Барномаи минтақавӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории аҳамияти иҷтимоидошта баҳри рушди устувори ҷамоаҳои маҳаллӣ барои солҳои 2018-2022” дар ноҳияи Темурмалик ду лоиҳа “Барқарор намудани насосҳои обкашӣ дар деҳаи Ҷайралии Ҷамоати деҳоти Танобчӣ ба маблағи 600 ҳазор сомонӣ ва лоиҳаи “Барқарор намудани насосҳои обкашӣ дар Ҷамоати деҳоти ба номи С.Раҳимов” ба маблағи 550 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардида, мақомотҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ ҷиҳати ҷалби грантҳо барои амалишавии барнома вазифадор карда шудаанд.

Ҷиҳати иҷрои зербанди мазкур дар ҳисоботи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои боқимонда маълумот дарҷ нагардидааст.

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ:**

**15.3. Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии “Шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 30),**

Вобаста ба иҷрои банди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

**15.4. Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии “Шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 30**);

Дар миқёси вилоят 24 -адад партовгоҳҳои марказӣ дар шаҳру ноҳияҳо мавҷуд аст, ки то имрӯз 18 -адади он пурра ба расмият даровварда шудааст. Дар ҳудуди шаҳраку деҳотҳо 2227 -адад партовгоҳҳои муввақатӣ ташкил карда шудааст, ки 560 -адади он бо сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин таъмин шудаасту халос. Дар ин хусус тавсия дода шуд, ки муассисаҳои махсуси партовкашон дар мувофиқа бо мақомотҳои назоратӣ барои истиқомати боҳаловатӣ аҳолӣ, баровадани партовҳои сахти маиширо аз соати 6 пагоҳӣ то соати 23 ба роҳ монанд.

Дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 24 адад партовгоҳҳои марказӣ мавҷуд буда, 18 адади он пурра ба расмият даровварда шудааст.

Вобаста ба ин дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 2227 - адад партовгоҳҳои муввақатӣ ташкил карда шудааст, ки 560 - адади он бо сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин таъмин гардидааст. (Маълумот бетағйир боқи мондааст).

Айни ҳол дар ноҳияи Восеъ 81 адад партовгоҳҳо мавҷуд мебошад, ки аз он 1-адад партовгоҳи ноҳиявӣ, 47-адад партовгоҳҳо дар Ҷамоатҳои деҳотӣ ва 33-адад партовгоҳҳо дар шаҳраки Восеъ ҷойгир мебошанд. Аз 81-адад партовгоҳҳо 26-адад ба расмият даровварда шудааст, ки 55 адади дигараш ғайри расмӣ мебошанд.

Дар баробари ин дар 36-кӯчаҳои шаҳраки Восеъ ба миқдори 40-адад қуттиҳои партовҷамъоварӣ дар ҷойҳои муайян гузошта шудааст.

Имрӯзҳо дар ноҳияи Ёвон корҳо дар сохтмони партовгоҳи нав, гуронидани партовгоҳи амалкунанда, сохтмони нуктаҳои партовпартоӣ ва аз нав барқароркунии идораи раёсати коммуналӣ-истеҳсолӣ ва истифодаи манзилии шаҳраки Ёвон идома дорад.

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Левакант дар ҳудуди шаҳр 11 адад нуктаҳои партовҳои маишӣ мавҷуд мебошад.

Бо мақсади сари вақт кашонидани партовҳо ва беҳдошти муҳити зист аз дохили шаҳраки ноҳияи Муъминобод КДФ “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” дорои 3 адад техникаи коршоям, аз қабили 1 автомашина барои кашондани партовҳо ва ахлоти моеъ, 1 нақлиёти обпошак ва як адад трактор, мебошанд.

Дар ноҳияи Панҷ 19 адад партовгоҳои мувaққатӣ мавҷуд мебошад. Корхонаи коммуналӣ дар ин давра 410 шартнома бо аҳолӣ, 110 шартнома ба мағозаю бозорҳо ва 32 шартнома бо дигар ташкилоту муассисаҳо ба имзо расонида, ба онҳо хизмати коммуналӣ мерасонад. Чароғонкунии кӯчаҳои маркази ноҳияи таъмин гардида, имрӯз корҳо дар дигар кучаву маҳаллаҳои ҷамоати шаҳрак идома доранд.

**15.5. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

Мушкилоти ҷойдошта партовгоҳҳои аксарият шаҳру ноҳияҳо ба талаботҳои санитарию экологӣ ҷавобгӣ набуда, гирду атрофи партовгоҳҳо кушода буда, ба намуд ҷудокунии партовҳо, кабудизоркунӣ ва безараргардонии партовҳо (дезинфексия, детаризатсия) дида намешавад.

Бинобар сабаби норасоии воситаҳои техникии коммуналӣ дар ноҳияи Муъминобод ва Панҷ аз қабили механизмҳо барои обпошӣ, кашонидани партовҳо ва дигар омилҳо барои пешбурди корҳои ободонию доимо тоза нигоҳ доштани маҳаллаҳои шаҳрак ва деҳот мушкилиҳоро пеш меорад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои амалигардонии лоиҳаи идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳияҳо, иҷрои ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии дар ҚҶТ "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" пешбинигардида ба ҳамоҳангсозии фаъолият тақвият дода шавад.

## 16. Таъмини устувори экологӣ

**16. Маълумот оид ба таъмини устувори экологӣ ва рушди устувор:**

**16.1. Корҳои анҷомдода оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда, 16.2. Ташкили нуқтаҳои безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор (Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҚҶТ "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" моддаи 10), 16.3. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

**16.1. Корҳои анҷомдода оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда**

Ҷиҳати пешгирӣ, эътино ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ва дар асоси Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода №31/10-1 аз 12-майи соли 2020, аз тарафи Агентии захираҳои моддии давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масолеҳи сохтмонӣ ва маводи сузишворӣ барои пешгирӣ хатарҳои офатҳои табиӣ ва мустаҳкам кардани соҳилҳои дарёҳои ҳудуди вилояти Хатлон вусъат бахшидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ пешгирии эҳтимолияти сар задани офатҳои табиӣ то ба имрӯз дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Кушониён, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Темурмалик ва Панҷи вилояти Хатлон чунин масолеҳи сохтмонӣ ва маводи сузишворӣ дастрас шудааст.

Бо мақсади пешгирии зарари офати табиӣ вусъат бахшидани корҳои соҳилмустаҳкамкун дар шаҳри Бохтар тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, дар маҳаллаҳои Ҳоҷи Шариф ва Зарбдор дар масоҳати умумии 1535 метр ба маблағи 76000 сомонӣ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ иҷро карда шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ шуъбаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании дар ноҳияи Восеъ пеш аз ҳама баҳри бартараф намудани ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табиӣ ва техногенӣ дошта сари вақт чораҳои мушаххас андешида, ҷиҳати тайёр намудани нерӯҳои ғайринизомии мудофиаи гражданӣ, гузаронидани машғулиятҳо ба ҳайати роҳбарикунандаи ҳайати фармондеҳии иншоотҳои иқтисодӣ, ташкилоту муассисаҳо, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот оид ба мудофиаи гражданӣ ва дар ҳолатҳои фавқулодда як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст.

Ҷиҳати пешгирӣ ва рух надодани ҳолати фавқулодда ҳангоми боридани боронҳои бошиддат ва омадани сел бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ёвон дар ҳамбастагӣ бо идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ бо истифода аз техникаҳои махсусгардонидашуда коллекторҳо, селроҳаву селпартоҳо ва заҳбуру заҳкашҳое, ки аз сангу шағал пур шуда буданд, тоза ва бехатар гардонида шуданд. Баҳри ҳифз намудани зироатҳои хоҷагии халқи ноҳия дастаи зидди жолаи Кумитаи ҲФ ва МГ-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамояд, ки бо истифода аз имкониятҳо барои фаъолияти пурсамари даста ба мутахассисон ва кормандони даста маводҳои хурока ва маводҳои сӯзишвории дизелӣ таъмин гардонида шуда, таҷҳизотҳои техникии соҳа бо нерӯи барқи доимӣ таъмин гардонида шудаанд.

Баҳри пешгирӣ ва рух надодани ҳолати фавқулодда дар шкаҳри Кӯлоб идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳр 22 км шабакаҳои обрасонӣ, 14 км заҳбуру заҳкашҳоро тоза намуда, иншоотҳои гидротехникӣ ва иншоотҳои обченкуниро таъмир намуда, хоҷагиҳоро бо оби полезӣ таъмин намуда истодааст.

Барои пешгирӣ кардани рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар ноҳияи Қубодиён бо мақсади соҳилмустаҳкамкунии дарёи Кофарниҳон дар мавзеҳои хатарнок, пешгирии офатҳои табиӣ, тоза намудани селроҳаҳо, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон, аз ҷумла малах аз тарафи комиссияи ҳолатҳои фавқулодда бо ҷалби аҳолӣ ҳашарҳои дастаҷамъона гузаронида шудааст.

Бахши раёсати кумитаи ҳолатҳлои фавқулода ва мудофиаи граждании вилояти Хатлон дар шаҳри Левакант тибқӣ нақшаи корӣ амал намуда, бобати сариваќт огоҳонидани аҳолӣ дар шаҳр мавзеҳои осебпазир доранд, навбатдории шабонарӯзӣ ташкил гардида, оиди пешгирии хавфи офатҳои табиӣ ва бехавфгардонии маҳали зисти мардум чораҳои зарурӣ андешида, дар ин самт тамоми ҳайати шахсӣ, техника ва механизмҳои сохторҳои марбутаи соҳа дар ҳолати омодабош қарор доранд.

Дар ноҳия Муъминобод бахши Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани тибқи нақшаи кории тасдиқгардида амал намуда истодааст. Дар асоси Нақшаи чорабиниҳои оид ба масъалаҳои мудофиаи гражданӣ, этино пешгири ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда дар ташкилоту муассисаҳо ва Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот чорабиниҳо гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ тоза кардани каналҳо, селрохаҳо, ва заҳбуру заҳкашҳо тариқи ҳашари дастаҷамъи ташкил ва гузаронида шуда,

дар ҷамоати дехоти ба номи Шамссиди Шоҳин сойи Туту, Мумирак корҳои соҳилбанди ба масофаи 5700 $м^2$ симтурҳои габиони тариқи ҳашари дастаҷамъона хобонида шуд.

Барои пешгирии офатҳои таббиӣ дар ноҳияи Темурмалик дар воми шаш моҳи соли 2021 равон дар ҳудуди соҳилҳои дарёи Сурхоб вобаста ба имконияту захираҳои молиявию иқтисодии ноҳия як қатор корҳо ба анҷом расонида шуда, дар ҳудуди Ҷамоати шаҳраки Совет ва деҳоти Танобчӣ як қатор корҳо дар самти бунёди саддҳо ва иншоотҳои муҳофизатӣ ба анҷом расонида шуд.

Ҳамзамон таъмиру азнавсозӣ ва бетонпӯш намудани каналҳои селпарто аз ҷониби соҳибкорон ва ба тариқи ҳашарҳои дастаҷамъонаи аҳолӣ ба анҷом расонида шуд.

Дар давоми шаш моҳи соли 2021 дар ноҳияи Ш. Шоҳин бо мақсади пешгирии офатҳои табиӣ дар мавзеъҳои хавфноки сойи Саричашма, ҷамоатҳои деҳоти ба номи Нуриддин Маҳмудов, Даштиҷум ва Лангардара корҳои заминӣ аз он ҷумла тоза намудани маҷроҳи селпарто корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва бартараф намудани оқибатҳои офати табиӣ гузаронида шудааст.

### 16.2. Ташкили нуқтаҳои безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор (Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҚҶТ "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" моддаи 10);

Вобаста ба ташкили нуқтаҳои безараргардрнӣ, дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бо маблағгузориҳои худӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ 1630 адад нуқтаҳои муваққатии қабули лампаҳои симобдори аз истифода баромада дар назди ташкилоту корхонаҳо, деҳаҳои калон ва маҳаллаҳои аҳолинишин ташкил намуда, ба миқдори 295759 дона лампаҳои симобдори аз истифодабаромада ҷамъоварӣ карда шудааст.

Ҳамзамон, баҳри вусъат бахшидан ба корҳои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор 86,2 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби буҷети шаҳру ноҳияҳои вилоят маблағ ҷудо гардида, ҷиҳати ҳавасмандгардонӣ барои ҷамъоварии лампаҳои каммасрафи аз истифода баромада масраф карда шуд.

Дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони инфиродӣ дар самти безараргардонии лампаҳои симобдори аз истифодабаромада корҳои назаррасро ба анҷом расонида, то ин давра аз шаҳру ноҳияҳои Левакант 6028, Кушониён 5000, Ҷалолиддини Балхӣ 9623, Ҷайҳун 6437, Панҷ 2014, Дӯстӣ 3120, Ёвон 20154, Хуросон 4282, Норак 39050, Кӯлоб 40000, Данғара 10384, Восеъ 3850, Ҳамадонӣ 7142 ва Фархор 8393 ададро ташкил додааст, ки безараргардонии он барои Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ҳамчун масъалаи ҳалталаб боқӣ мондааст.

Барои ташкили нуқтаҳои қабули лампаҳо тибқи талаботи қарори дахлдор бояд аз буҷети маҳалии шаҳру ноҳияҳо маблағҳо ҷудо карда

мешуданд, аммо дар асл ба ин мақсад танҳо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Кушониён -3400, Ҷалолиддини Балхӣ -9000, Ҷайҳун -4505, Панҷ -1409, Дӯстӣ -4000, Ёвон-5508, Хуросон -2912, Левакант-1800 Норак 26026, Носири Хусрав -1153, Кӯлоб -5757, Восеъ 2425, Ҳамадонӣ -3000, Фархор -1500, Данғара -6242, Балҷувон -2500, Ховалинг 2500, Мӯъминобод ва Шамсиддин Шоҳин 1000 сомонӣ ҷудо кардаанд. Аз буҷетҳои дигар шаҳру ноҳияҳо маблағҳои мақсаднок ҷудо карда нашудаанд.

Дар шаҳри Бохтар ҷиҳати ташкили нуқтаҳои безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор чораҳои лозима андешида шуда, дар 6 моҳи соли ҷорӣ 674 адад лампаҳои симобдори аз истифода баромада ҷамъоварӣ гардидааст. Қайд кардан зарур аст, ки ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар нуқтаи қабули лампаҳои симобдор 26623 адад лампаҳои симобдори аз истифода баромада ҷамъоварӣ ва нигоҳдорӣ карда мешавад.

Дар назди Раёсати коммуналӣ истеҳсолӣ ва истифодаи манзили шахраки Ёвон 4 нуқтаи қабули лампаҳои симобдорӣ аз истифода баромада ташкил гардида, аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳо ҳамарӯза лампаҳои симобдори аз истифода баромадаро ба ин ҷой оварда месупоранд. Ҷамъ дар ноҳия айни замон 160 нуқтаҳои қубули лампаҳо ба қайд гирифта шуда, дар ин нуқтаҳои қабул зиёда аз 8000 дона лампаҳои симобдори аз истифода баромада қабул гардида ва имрӯзҳо аз ҷониби шаҳрвандон супурдани лампаҳои аз истифода баромада идома дорад.

Дар 74 ташкилоту муассисаҳои шаҳри Кӯлоб зиёда аз 20101 дона лампаҳои каммасрафи аз истифода баромада ҷамъоварӣ карда шудааст.

Ҷиҳати нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор дар ноҳияи Қубодиён 6442 адад лампаҳои каммасрафи корношоям дар анбори Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналӣ нигоҳ дошта шудааст.

Дар худуди шаҳри Левакант 11 адад нуқтаҳои партовҳои маишӣ мавҷуд буда, дар давоми соли сипаригардида, оиди истифодабарии фурӯзанакҳои каммасраф, корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.

Бо мақсади ҷамъоварӣ ва безараргардонии лампаҳои каммасраф дар ноҳияи Темурмалик аз тарафи КДФ “Хоҷагии манзилию коммуналӣ”-и ноҳия ҷойи махсуси қабули лампаҳо ташкил гардида, то имруз дар нуқтаҳои нигоҳдорӣ 7200 дона лампаҳои симобдорӣ корношоям нигоҳ дошта шудааст. Бинобар сабаби набудани дастгоҳи коркард ва имконияти интиқол, лампаҳои ҷамъоваришуда дар нуқтаи алоҳидаи нигоҳдорӣ дар қуттиҳои қоғазин (дар стеллажҳо) нигоҳ дошта мешаванд.

**16.4. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

Дар вилоят дар самти ҳолатхои фавқулодда низ норасогиҳо ҷой дошта, бинои маъмурии Раёсати вилоятӣ дар хатти сурх шоҳроҳ ҷойгир буда, ба талаботҳои рӯз ҷавоб гуфта наметавонад. Раёсат ба бинои замонавӣ эҳтиёҷ дошта, бо сабаби зиёд шудани базаи модди техникӣ ва воҳидҳои кории

Раёсат ва сохторҳои он ба норасогии таҷҳизотҳои коргузорӣ, лавозимотҳои наҷотдиҳӣ, техника ва сӯзишворӣ ҷой дорад.

Аз сабаби мавҷуд набудани технология ва таҷҳизотҳои коркарди партовҳо дар ноҳияи Восеъ коркарди партовҳо ба роҳ монда нашуда, ҷамъоварӣ, кашонидан, ҷойгиронӣ ва безараргардонии партовҳо ба зиммаи корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагии манзилию коммунали»-и ноҳия вобаста карда шудааст.

Новобаста аз корҳои фаҳмонидадиҳӣ аз тарафи аҳолӣ ноҳияи Ёвон насупоридани лампаҳои симобдори аз истифода баромада.

Дар шаҳри Кӯлоб айни ҳол дар дарёи Ёхсу мавзеъҳои сарбанди канали Ҳукумати нав, деҳахои Лавова, Гулобод, Тоқакаппа, Навобод, Сарёзидашт, Фурудгоҳ, Комбинати хонасозӣ, Минтут ва Чорчашма дар 17,9 км хавфнок мебошанд;

-мусоидат намудан барои амалишавии лоиҳаи маҷмуии алоҳидаи сармоягузорӣ  дар ҳама мавзеъҳои хавфноки шаҳру деҳоти Кӯлоб, ки барои баррасӣ ба Маркази имдод ва корҳои башардӯстонаи Шоҳ Салмони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ пешниҳод карда шудааст;

-мусоидат дар бунёди корхонаи безараргардонии лампаҳои симобдор дар шаҳр.

Дар ноҳияи Темурмалик дастрас намудани техникаҳои махсус (экскаваторҳо ва булдозерҳо) барои тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо ва иҷрои корҳо дар самти соҳилмутаҳкамкунии дарёҳои Сурхоб ва Оби Тоҳир;

- гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, барқарорсозии садҳои муҳофизатӣ ва насосҳои обкаш;

- ҷудо ва мутобиқ ба талаботи муқарраргардида тайёр намудани ҷойи партовҳои маишӣ ва ҷойи нигоҳдории лампаҳои симобдор.

Вобаста ба масъалаи ташкил ва ба роҳ мондани ҷамъоварии лампаҳои симобдор Ш. Шоҳин қайд менамоем, ки дар маркази ҳамаи ҷамоатҳои деҳоти ноҳия маркази қабули  чунин лампаҳо дар назди корхонаи фаръии давлатии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ”-и ноҳия нуқтаи ҷамъоварӣ ташкил карда шудааст.Бинобар сабаби ҷудо нагардиданимаблаҷҳои зарурӣ, ҷамъоварии лампаҳои симобдори аз истифода баромада ба таъхир афтодааст.

Танҳо 450 адад лампаҳои симобдор  ҷамъоварӣ карда шудааст. Барои ташкил намудани нуқтаи  коркарди чунин лампаҳо бошад  имкониятҳои молиявии буҷетӣ ноҳия басандагӣ наменамоянд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” ҷиҳати ҷамъоварии лампаҳои каммасраф ва ташкили коркарди онҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқулодда ва ҳалли масъалаҳои аҳолии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта чораҳои амалӣ андешанд.

## 17. Маълумот оид ба соҳаи кор бо ҷавонон ва варзиш

**17.1. Нишондиҳандаҳои соҳаи кор бо ҷавонон, 17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва чораҳои андешидашуда, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон, 17.3. Дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, бунёд кардани як толор ва як майдони варзишӣ (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти толор/майдончаи варзишӣ дар онҳо), 17.4. Таъмини рушди соҳаи варзиш, оммавигардонии он, ташаккули тарзи ҳаёти солим ҷалби боз ҳам бештари ҷавонон ба ҳаёти сиёсии ҷомеа, баланд бардоштани майлу рағбати онҳо ба илмомӯзиву навоварӣ, дарёфту дастгирӣ кардани истеъдодҳои ҷавон (банди 54 паём), 17.5. Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон (банди 85 паём, Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" банди 32), 17.6. Пешгирии содиршавии ҷиноят ва эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз бегонапарастӣ (ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 25).**

### 17.1. Нишондиҳандаҳои соҳаи кор бо ҷавонон

Шумораи умумии ҷавонон дар сатҳи вилояти Хатлон 1026145 нафарро ташкил менамояд, ки аз ин шумора 516151 нафарашонро писарон ва 509994 нафарашонро духтарон ташкил менамояд.

Шумораи умумии ҷавонон нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, 5808 нафар кам ва шумораи духтарон низ 3815 нафар кам мебошад.

Шумораи ҷавонон дар ҳайати кадрҳои роҳбарикунанда дар шаш моҳи соли 2021, 721 нафарро ташкил додааст, ки дар муқоиса ба соли сипаригардида 67 нафар зиёд мебошад.

Дар ин давра шумораи ҷавонон дар ҳайати Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳияҳои вилоят ба 203 нафар расидааст, ки нисбати давраи соли гузашта +23 нафар ё ин ки 11 % зиёд мебошад.

Шумораи вакилони Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ҳудуди вилоят аз ҳисоби ҷавонон дар нимсолаи аввали соли 2021, 619 нафарро ташкил дода, нисбат ҳамин давраи гузашта 136 нафар ё ин ки 22 % зиёд мебошад.

### 17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва чораҳои андешидашуда, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар доираи маъракаи давъатӣ баҳории ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи нақша чорабиниҳои ташвиқотӣ тарғиботиро ҷиҳати ҷалби ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ба роҳ монда, дар ин муддат 28 вохӯрию суҳбатҳо бо ҷалби 4480 нафар гузаронида, ҷавононро ба ватандӯстию худшиносии миллӣ даъват намуданд.

Дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои маҳаллӣ ҷиҳати баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон дар ин муддат 501 чорабиниҳои гуногун гуногун бо фарогирии 68230 нафар баргузор карда шуд, ки аз ин шумора 21 адад фестивал бо фарогирии 2800 нафар, 180 адад чорабиниҳои ҳарбӣ – варзишӣ бо фарогирии 32120 нафар, 80 адад конфронс ва ҳамоишҳо бо фарогирии 10100 нафар, 220 адад мулоқоту вохӯриҳо дар қисмҳои низомӣ бо фарогирии 41210 нафар, бо ҷалби 61930 нафар, фестивали ҷумҳуриявӣ 1 адад бо фарогирии 3000 нафар, 4 фестивалҳои минтақавӣ-маҳаллӣ бо ҷалби 10350 нафар мебошад. Ҳамзамон дар рафти чорабиниҳо 25600 адад маводҳои иттилоотӣ тақсим карда шуд.

Дар самти кор бо ҷавонон дар вилояти Хатлон “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими рувияти миллии ҷавонон барои солҳои 2018-2022” мавриди амал қарор дорад.

Боиси ёдоварист, ки маблағгузори умумии “Барномаи тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонони вилояти Хатлон барои солҳои 2019-2022” дар соли 2021, тибқи қарори раиси вилояти Хатлон 564000 сомонӣ пешбинӣ гардида, дар ин давра 91860 сомонӣ ва ё 16% иҷро гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои Норак, Левакант, Вахш, Дӯстӣ, Қубодиён, Кӯлоб, Темурмалик, Восеъ ва Фархор ҷиҳати татбиқи аз ҳисоби Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими рувияти миллии ҷавонон барои солҳои 2018-2022 маблағи ҷумҳурӣ ҷудо нашудааст.

**17.3, 17.5. Дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, бунёд кардани як толор ва як майдони варзишӣ (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти толор/майдончаи варзишӣ дар онҳо), Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон (банди 85 паём, Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 32);**

Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар вилояти Хатлон 8 адад толори варзишӣ ва 26 адад майдончаи варзишӣ бунёд гардидааст.

Дар ин давра дар шаҳру ноҳияҳои Данғара 2 толор/4 майдонча Ҷайҳун 1 толор/3 майдонча, Шаҳритус 1 толор/2 майдонча, Ҳамадонӣ 1 толор/ 1 майдонча, Кӯлоб 1 толор/1 майдонча, Фархор 1 толор/1 майдонча, Темурмалик 1 толор/0 майдонча, Кушониён 0 толор/5 майдонча, Ёвон 1 толор/1 майдонча, Ҷ. Балхи 0 толор/1 майдонча, А. Ҷомӣ 0 толор/2 майдонча, Восеъ 0 толор/1 майдонча ва Балҷувон 0 толор/1 майдонча сохта ба истифода дода шудааст.

Бахшида ба ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави вилоят сохтмони 300 майдончаҳо ва 80 толори варзишӣ ба нақша гирифта шудаанд.

Барои рушди варзиш дар шаҳри Бохтар 3 варзишгоҳ, мактаби варзишӣ, 32 толори варзишӣ, 95 майдончаҳои варзишӣ, аз ҷумла 18 адад майдончаҳои

футболи хурд ва 2 майдони теннис дар истифодаи умум мебошанд, ки дар давраи ҳисоботӣ ба онҳо зиёда аз 786 нафар ҷавонон ва наврасон ҷалб гардиданд, ки аз ин 333 нафарашонро духтарон ташкил дода, ба онҳо 35 нафар мураббиён аз рӯи 16 намуди варзиш ҳамарӯза тамрин менамоянд.

Дар ҳудуди ноҳияи Вахш вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳои саривақтии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати солимӣ ва тандурустии ҷавонон, теъдоди умумии майдончаҳои варзишӣ 93 адад, толори варзишӣ 28 адад, ҳавзи шиноварӣ 2 адад, маҷмааи варзишӣ 1 адад ва 3 адад варзишгоҳ фаъолият доранд.

Теъдоди умумии майдончаҳои варзишӣ дар ноҳияи Восеъ 189-то ва толорҳои варзишӣ 26-торо ташкил медиҳанд.

Дар ноҳияи Дустӣ 150-то иншооти варзишӣ мавҷуд мебошад, ки аз инҳо як то варзишгоҳ дорои 3000 ҷойи нишаст, 39-то майдончаи футбол, 49-то майдончаҳои волейбол, 26-то майдончаҳои баскетбол, 5-то майдончаҳои туби дастӣ, 5-то шаҳрчаҳои гимнастики, 14-то толорҳои варзишӣ ва 11-то толори саккобозӣ мебошанд.

Айни замон дар ноҳияи Ёвон 245 иншооти варзишӣ, аз ҷумла 1 мактаб, 1 варзишгоҳ, 37 толор, 4 ҳавзи шиноварӣ, 197 майдонча ва якчанд иншооти махсуси варзишӣ мавриди истифода қарор доранд, ки ҷавонону наврасон пайваста дар онҳо машқу тамрин мекунанд. Дар ин давра бо саҳми соҳибкорон дар ноҳия 3 майдончаи футбол ва 1 майдончаи воллейбол бунёд гардида, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Баҳри ҳифзи саломатии ҷавонон ва рушди варзиш дар ноҳия 1 варзишгоҳи марказӣ, 2 адад ҳавзҳои шиноварӣ, 8 адад толори варзишӣ, 1 мактаби варзишии кӯдакону наврасон, 52 майдончаи варзишии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва хусусӣ арзи вуҷуд доранд, ки дар онҳо 32 нафар мураббиён ба 578 нафар машқварзон машғулиятҳо мегузаронанд.

Дар ноҳияи Қубодиён бо дарназардошти дастури Пешвои муаззами миллат то соли 2030 бунёди 43 адад муассисаҳои томактабӣ, 33 толор ва 34 адад майдончаҳои варзишӣ пешбинӣ гардида, то ин муддат 6 адад майдончаи варзиши ва 3 адад толори варзишӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода шуда, корҳои сохтмонӣ дар ду адад муассисаи томактабӣ ҷараён дорад.

Теъдоди умумии толорҳои варзишӣ дар шаҳри Левакант 7 адад, варзишгоҳ 1 адад, майдончаҳои варзиши хурд 37 адад, майдонҳои варзишии калон 3 адад, мактаби варзишӣ 1 адад мебошад. Дар соли ҷорӣ дар шаҳр сохтмони 2 майдончаи варзишӣ идома дорад. Муассисаи мактаби варзишии кӯдакону наврасони шаҳр фаъолияти худро аз рӯи 10 намуди варзиш ба роҳ мондааст, ки дар ин маҳфилҳо зиёда аз 344 кӯдаку наврасони шаҳр ба тамрини гуногуни варзишӣ фаро ва ҷалб карда шуданд.

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминбод 178 иншооти варзишӣ, аз ҷумла 82 майдончаҳои хурду бузурги варзишӣ, 14 толори варзишӣ, 1 варзишгоҳ бо теъдоди 7040 ҷойи нишаст ва 2 ҳавзи шиноварӣ барои машғулиятҳои варзишӣ мутобиқ гардонида шудаанд.

Дар ноҳияи Панҷ 156 майдончаҳои варзишӣ ва 16 адад толорҳои варзишӣ мавҷуд мебошанд. Давоми солҳои 2018-2021 дар ноҳия 9 майдончаи варзишӣ ва 4 толори варзишӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Тибқи дастури Сарвари давлат то соли 2030 дар ноҳия бунёди 25 майдонча ва 22 толори варзишӣ дар деҳаҳое, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд, ба нақша гирифта шудааст.

Дар ҳудуди ноҳияи Темурмалик 1 Қасри варзиш барои 300 ҷойи нишаст, 1 варзишгоҳи марказӣ барои 3500 ҷойи нишаст, 6 толори варзишӣ, 8 майдончаи баскетбол, 11 майдончаи футбол, 11 майдончаи волейбол фаъол буда дар онҳо ҳамаруза варзишгарон ва дустдорони варзиш ба машқу тамрин машғул мебошанд.

Теъдоди умумии майдончаҳои варзишӣ дар ноҳияи Ҳамадонӣ 190-то ва толорҳои варзишӣ 29 ададро ташкил медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки дар давоми нимсолаи якуми соли ҷорӣ 1 майдончаи варзишӣ ва 1 толори варзишӣ бо ташаббус ва дастгириҳои раиси ноҳия ва ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ сохта ба истифода дода шуд.

Дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин шумораи умумии майдончаҳои варзишӣ 74 адад, 1 маҷмааи варзишӣ, 5 толорҳои варзишӣ ва 3 иншооти махсуси варзишӣ (толори сақобозӣ) фаъолият мекунанд.

Дар ноҳияи Шаҳритус 1 адад варзишгоҳ бо ҷойи нишаст 5000 нафар, 19 адад толорҳои варзишӣ дар муассисаҳои таълимӣ, 2 адад толорҳои варзишӣ аз ҳисоби масҷидҳои ғайрирасмӣ, 10 адад майдончаи варзишии хусусӣ, 187 майдончаҳои варзишӣ, аз он 174 майдончаҳо дар деҳаҳо, аз ҷумла 152 адад майдончаҳо аз рӯи намуди футбол, 20 майдончаҳои баскетбол, 14 адад майдончаҳо барои волейбол фаъолият дошта, бо саҳмгузории соҳибкорон 13 адад майдончаҳои замонавӣ барои бозии футбол мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст.

### 17.4. Таъмини рушди соҳаи варзиш, оммавигардонии он, ташаккули тарзи ҳаёти солим ҷалби боз ҳам бештари ҷавонон ба ҳаёти сиёсии ҷомеа, баланд бардоштани майлу рағбати онҳо ба илмомӯзиву навоварӣ, дарёфту дастгирӣ кардани истеъдодҳои ҷавон (банди 54 паём),

Дар қаламрави вилоят бо мақсади рушди соҳаи варзиш дар мактабҳои варзишӣ аз рӯи 34 намуди варзиш 17485 нафар варзишгарон аз он ҷумла, 2336 нафар бонувон ҳамарӯза ба машғулиятҳои варзишӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар ин давра 867 чорабинии машқҳои пагоҳирӯзӣ баргузор карда шуда, дар ин чорабиниҳои оммавӣ-варзишӣ беш аз 91833 нафар сокинони касбу кори гуногуни вилоят ва аз ин шумора 25877 нафар бонувон ҷалб гардиданд.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар шаҳри Бохтар баҳри рушди соҳаи варзиш, оммавигардонии он, ташаккули тарзи ҳаёти солим байни наврасону ҷавонон ва кормандони ташкилоту муассисаҳои шаҳрӣ 78 мусобиқаҳои варзишӣ ва машқҳои пагоҳирӯзӣ бо иштироки 5840 нафар ҷавонону наврасон гузаронида шудааст. Инчунин варзишгарони шаҳр дар 14 мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва 2 мусобиқаи байналмилалӣ иштирок намуда, 89 медал ба даст

оварданд, ки аз он 35 медали тилло, 21 медали нуқра ва 33 медали биринҷӣ мебошад.

Варзишгарони ноҳияи Вахш дар 6 мусобиқаҳои вилояти аз намудҳои гуштини миллӣ, гуштини Дзю-До, гуштини Самбо ва Таэкван - До ВТФ иштирок намуда, сазовори 5 ҷойи аввал, 15 ҷойи дуюм ва 13 ҷойи сеюм бо 5 медали тилло, 15 медали нуқра ва 13 медали биринҷӣ ва ҳамзамон дар мусобиқаи варзишии ҷумҳуриявӣ аз намуди гуштини самбо сазовори 1 медали биринҷиро сазовор гардидаанд, ки дар маҷмӯъ 34 медалро дар бар мегирад.

Варзишгарони ноҳия Кушониён дар мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори 91 ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд, ки аз он 48 медали тилло, 30 медали нуқра ва 13 медали биринҷӣ мебошад.

Ҷавонони шаҳри Левакант дар мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ  иштирок намуда, сазовори 97 медал гардиданд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 45 медал зиёд мебошад.

Варзишгарони ноҳияи Муъминобод дар давоми шаш моҳи  соли 2021 дар 8 мусобиқаи ҷумҳуриявӣ ширкат варзида, сазовори 32 медал, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 18 медал зиёд мебошад.

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Панҷ, ҷавонони ноҳия дар мусобиқаҳои варзишии вилояти, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 41 медал, аз ҷумла 16 медали тилло, 10 медали нуқра ва 15 медали биринҷӣ гардиданд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи  соли 2020 12 адад зиёд мебошад.

Варзишгарони ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар  мусобиқаҳои варзишӣ ва чемпионати  сатҳи ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, сазовори 47 медал, аз  ҷумла 16 медали тиллои даставӣ, 17 медали тилло, 7 медали  нуқра ва 7 медали биринҷӣ гардиданд.

Дар  ноҳияи Шаҳритус мусобиқаҳои  ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ  иштирок намуда, сазовори 26  медал гардида аз он ҷумла 7 медали тило, 9 медали нуқра ва 10 медали бринҷи бадаст оварданд, ки ин нишондиҳанда  нисбати 6 моҳи соли 2020, 100 % зиёд мебошад.

Дар ин давра дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин аз рӯи 8 намуди варзиш чорабиниҳои варзишӣ гузаронида шуд, ки дар онҳо теъдоди зиёди ҷавонону наврасон иштирок намуданд. Дар ин муддат варзишгарони ноҳия дар чорабиниҳои варзишии сатҳи минтақавӣ фаъолона ширкат варзида, сазоворӣ 21 медал аз ҷумла: 11 медали тилло, 6 медали нуқра ва 4 медали биринҷӣ гардиданд.

Муассисаи давлатии мактаби варзишии ноҳияи Ҷайҳун фаъолияти худро аз рӯи  6 намуди варзиш ба роҳ мондааст, ки дар ин маҳфилҳо зиёда аз 566 кӯдаку наврас (178-нафар духтарон) ба тамрин фаро гирифта шуданд.

Ҳамзамон, ҷавонони ноҳия дар мусобиқаҳои варзишии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 60 медал, аз ҷумла: 20 медали тилло, 26 медали нуқра ва 25 медали биринҷӣ гардиданд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷобаҷокунии ҷавонон дар вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби ташкилоту муассиса, соҳибкорон барои бунёди майдону толорҳои варзишӣ, ва фароҳам овардани заминаи баланд бардоштани оммавигардонии варзиш мусоидат намоянд.

## 18. Рушди соҳаи сайёҳӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сайёҳӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 18.1. (18.1, 18.2, 18.3) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ, арзёбӣ гардиданд.**

**18.1. (18.1, 18.2, 18.3) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи 18.1. Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, бунёд ва беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 40) ва 18.2. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, хусусан, рушди сайёҳии дохилӣ (банди 33 паём).**

**18.1. Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, бунёд ва беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 40)**

Ҷиҳати амалишавии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2019, № 270 “Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои солҳои 2019-2022”, барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта, қарори раиси вилояти Хатлон аз 30 сентябри соли 2019, №277 ба тасвиб расида, Раёсату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати иҷрои он чораҳои зарурӣ андешида истодаанд.

Ҷиҳати бунёд ва беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ дар шаҳри Норак, дар ду соҳили рӯди Вахш истироҳатгоҳҳои мавсимӣ бо тарҳи замонавӣ сохта шудааст. Аз ҷумла,100 адад истироҳатгоҳҳои замонавӣ ба мисли “Somon Palas”, “Лаби дарё”, “Ҳурмати ҷаҳон”, ки сайёҳонро ҳамарӯза дар фасли тобистон қабул менамоянд. (Маълумот бетағйир боқи мондааст).

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар шаҳри Бохтар осоишгоҳҳо, истироҳатгоҳҳо, ҳомстей ва гестхаусҳо вуҷуд надошта, 20 адад тарабхона ва 11 адад меҳмонхонаҳои замонавӣ ба сайёҳон хизмат мерасонанд. Ҳамчунин

дар шаҳр харитаи сайёҳӣ (турстическая карта) бо забонҳои русӣ ва англисӣ ташкил карда шуда, дар он тамоми маълумолтҳои зарурӣ барои сайёҳон ҷой дода шудаанд.

Дар ноҳияи Восеъ 7 меҳмонхонаи замонавӣ, 7 адад тарабхона бо доштани то 750 нафар ҷойи нишаст фаъолият менамояд.

Дар ноҳияи Кушониён 3 адад меҳмонхонаи замонавӣ бо шароитҳои муосир ва 5 адад тарабхона ба сокинон ва меҳмонони ноҳия хизматрасонӣ намуда истодааст. Аз ҷумла 1 адад меҳмонхона аз навсозӣ гардида, бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар арафаи ҷашни байналмилалии “Наврӯз” мавриди истифода қарор дода шуд.

Барои фароҳам овардани шароити мусоид барои сайёҳон ва меҳмонони ба ноҳияи Қубодиён воридшуда дар шоҳроҳи маркази ноҳия 3 адад ҳоҷатхонаи замонавӣ, як адад ҳаммом бо тамоми шароитҳои лозима ва риояи вазъи санитарӣ фаъолият дошта, ҷиҳати хизматрасонӣ ба сайёҳон ва меҳмонон дар ноҳия ҷамъ 150 адад тарабхонаю нуқтаҳои хӯроки умумӣ, аз он 9 адад дар сарироҳ ҷойгир буда, имкониятҳои хизматрасонӣ дар онҳо ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Норак, баҳри пешрафти соҳаи сайёҳӣ дар шаҳр 2 меҳмонхона, 22 ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, 46 мавзеъҳои сайёҳӣ, 97 истироҳатгоҳҳо, 5 тарабхона, 1 осорхона, 4 мағозаи фурӯши армуғонҳо, 5 зиёратгоҳ, 1 боғи фарҳангию фароғатӣ фаъолият мекунад. Дар шаш моҳи соли ҷорӣ 37153 нафар сайёҳони дохилӣ ва 84 нафар сайёҳони хориҷӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Барои қабули сайёҳон дар намуди сайёҳони солимгардонӣ ва табобатӣ дар ноҳияи Темурмалик 2 осоишгоҳи замонавӣ - Осоишгоҳи табобатии “Нигора” барои қабули 100 нафар мизоҷ дар як баст муҷаҳҳаз бо тамоми шароити зист ва таҷҳизотҳои муосири табобатӣ ва Муассисаи солимгардонию профилактории “Оби шифо” барои қабули 60 нафар мизоҷ фаъолият доранд. Давоми шаш моҳи соли ҷорӣ, ҳамагӣ 1752 нафар сайёҳи дохилӣ бо мақсади табобат ба осоишгоҳҳои болозикр ташриф оварда, табобат гирифтанд.

Айни ҳол дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 3 меҳмонхона, 2 мавзеъҳои сайёҳӣ, 4 тарабхона, 1 осорхона, 2 ёдгориҳои таърихӣ, 1 адад хомстей, 3 адад мағозаҳои армуғонҳо, 3 зиёратгоҳ, 1 боғи фарҳангӣ, 1 маркази иттилоотии сайёҳӣ фаъолият дошта, барои хизматрасонӣ ба сайёҳон омодаанд.

Дар ноҳияи Ҷайҳун ду меҳмонхонаи замонавӣ бо 84 ҷойи хоб ва 12 ошхона бо 406 ҷойи нишаст фаъолият доранд.

Ҳамзамон бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин ду маркази замонавӣ: меҳмонхона барои 20 ҷойи хоб барои қабули сайёҳони хориҷӣ омода шуда, сохтмони 3 маркази дигар идома дорад.

**18.2. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, хусусан, рушди сайёҳии дохилӣ (банди 33 паём).**

Бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ ва ба сайёҳон дастрас будани маълумотҳо оид ба мавзеъҳои сайёҳии вилоят сомонаи алоҳидаи сайёҳии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон Sayohikhatlon.tj бо се забон омода гардида, аз тарафи мутахассисон барномаи сайёҳии мобилӣ бо маълумоти пурраи вилоят, шаҳру ноҳияҳои он ва мавзеъҳои сайёҳӣ, таърихию фарҳангӣ бо замимаи аксҳо омода гардида, мавриди истифода қарор дорад.

Дар баробари ин, маълумотҳои соҳа бо замимаи аксҳо ҳамарӯза дар саҳифаҳои иҷтимоии Фейсбук ва Инстаграм бо се забон ворид карда шуда истодааст.

Аз тарафи идораи телевизион ва радиои вилоят дар самти рушди сайёҳӣ барномаи телевизионии "Сайри Хатлон" моҳе ду маротиба пахш мегардад, ки дар он мавзеъҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва сайёҳии ҳар як шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон муаррифӣ мегардад

**18.3. Мукаммал гардонидани низоми омори соҳаи сайёҳӣ, раванди баҳисобгирии сайёҳон ва шаклҳои ҳисоботдиҳии оморӣ**

Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон оид ба низоми электронӣ дар мақомоти омори давлатӣ ҷиҳати амалӣ намудани "Консепсияи ҳукумати электронӣ", омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта доир ба истифодаи низоми электрониро дар соҳаҳои омори меҳнат, саноат, молия, нақлиёт, индексатсияи нархҳо, буҷаи хонавода, савдо, хизматрасониҳои пулакӣ ва кишоварзӣ ҷорӣ карда шудааст.

Ҳисоботҳои оморӣ баъди таҳлил ба тариқи бюллетенҳои соҳавӣ ва гузориши моҳонаи "Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон" ҷадвали "Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон" ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон пешниҳод карда мешаванд.

Инчунин, ҷиҳати такмил додани омори баҳисобгирии сайёҳони хориҷӣ аз ҷониби масъулини соҳаи сайёҳӣ ва роҳбарони иншоотҳои ба соҳаи сайёҳӣ алоқаманд буда, китоби баҳисобгирии сайёҳон дар меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, истироҳатгоҳҳо, мавзеъҳои таърихӣ, осорхонаҳо ва мавзеъҳои сайёҳӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳолати инфрасохтори соҳа низ дар вилоят ба тадриҷ рушду нумуъ ёфта истодааст.

Ҳамзамон, дар ҳудуди вилоят 931 адад ёдгориҳову мавзеъҳои таърихӣ-фарҳангӣ, бостонӣ ва монументалӣ, 107 адад меҳмонхона, 130 адад мавзеъҳои сайёҳӣ, 134 адад истироҳатгоҳу осоишгоҳҳо, 132 адад тарабхона, 43 адад осорхонаҳо, 17 адад ширкатҳои сайёҳӣ, 118 адад чойхона, 283 адад банкоматҳои хизматрасониҳои бонкӣ, 61 адад ҳомстей ва гестхаусҳо, 212 адад ҳоҷатхонаҳои сарироҳӣ, 88 адад мағозаи фурӯши армуғонҳо, 115 адад зиёратгоҳҳо, 43 адад боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва гулгаштҳо, 83 адад

ишораҳои сарироҳӣ ва 27 адад маркази иттилоотии сайёҳӣ мавҷуд мебошанд, ки ҳамарӯза ба сайёҳон хизмат мерасонанд.

Тибқи маълумотҳои масъулони шаҳру ноҳияҳо ба вилояти Хатлон дар шаш моҳи соли 2021 дар умум 201 ҳазору 769 нафар сайёҳони дохиливу хориҷӣ (1260 нафар сайёҳони хориҷӣ ва 200 ҳазору 509 нафар сайёҳони дохилӣ) ташриф овардаанд.

Дар шаҳри Бохтар дар 6 моҳи соли ҷорӣ шумораи сайёҳон дар нуқтаҳои сайёҳии шаҳр 27199 нафарро ташкил намудааст, ки аз ин 26968 нафарашон дохилӣ ва 231 нафар сайёҳони хориҷӣ мебошанд.

Дар давоми нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба ноҳияи Восеъ ҳамагӣ 6812 нафар сайёҳон ташриф оварданд, ки аз он 6505 нафар сайёҳони дохилӣ ва 307 нафар сайёҳони хориҷӣ мебошанд.

Теъдоди сайёҳони хориҷии ба шаҳри Кӯлоб воридшуда дар 6 моҳи соли равон 45 нафар ва сайёҳони дохилӣ 15335 нафаро ташкил медиҳад.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 ба ноҳияи Муъминобод зиёда аз 6761 нафар сайёҳон ба ноҳия ташриф оварданд, ки аз ин 36 нафар сайёҳони хориҷӣ ва 6725 нафар сайёҳони дохилӣ мебошанд.

Қобили зикр аст, ки марҳила ба марҳила инфрасохторҳои сайёҳӣ бунёд гашта истодаанд, ки аз рушди босуботи сайёҳӣ башорат медиҳад.

Давоми шаш моҳи соли равон ба ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳмадонӣ 157 нафар сайёҳони дохилӣ ва 4 нафар сайёҳони хориҷӣ ташриф оварданд.

Дар шаш моҳи соли 2021 теъдоди сайёҳони дохилӣ дар ноҳияи Ҷайҳун 4901 нафар, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2179 нафар зиёд мебошад.

Теъдоди сайёҳони хориҷии ба ноҳияи Шамсиддини Шоҳин воридшуда дар шаш моҳи соли 2021 дар умум 5 нафарро ташкил медиҳад.

Вобаста ба муаррифии мавзеъҳои сайёҳии вилоят сомонаи алоҳидаи сайёҳии мақомоти ироияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон Sayohikhatlon.tj бо се забон омода гардида, маълумоти пурраи шаҳру ноҳияҳо дар сомона ҷойгир карда шудааст.

Дар баробари ин, маълумотҳои соҳа бо замимаи аксҳо ҳамарӯза дар саҳифаҳои иҷтимоии Фейсбук ва Инстаграм бо се забон ворид карда шуда истодааст.

Аз тарафи идораи телевизион ва радиои вилоят дар самти рушди сайёҳӣ барномаи телевизионии “Сайри Хатлон” моҳе ду маротиба пахш мегардад, ки дар он мавзеъҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва сайёҳии ҳар як шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон муаррифӣ мегардад.

Бо мақсади ба сайёҳон дастрас намудани маълумотҳо оид ба мавзеъҳои сайёҳии ноҳияи Дӯстӣ сомонаи алоҳидаи сайёҳии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Дӯстӣ бо се забон омода гардида, барномаи сайёҳии мобилӣ бо маълумоти пурраи ноҳия ва мавзеъҳои сайёҳӣ, таърихию фарҳангӣ бо замимаи аксҳо ва маводҳои ҷолиб пешниҳоди истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ гардонида мешавад.

Бо мақсади тарғибу ташвиқи имкониятҳои сайёҳии ноҳияи Ёвон, дар сомонаи расмии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, саҳифаи

алоҳида амал мекунад, ки дар он ба таври мунтазам маводу матлабҳои дахлдор интишор дода мешаванд, ки сомонаи расмии алоҳида барои хизматрасонии сайёҳии ноҳия низ омода шудааст.

Ҷиҳати омода ва пахши роликҳои тарғиботӣ аз мавзеъҳои сайёҳии ноҳияи Қубодиён тавассути сомонаи интернетӣ чораҷӯӣ гардида, рафти баргузории тамоми чорабиниҳо вобаста ба рушди сайёҳӣ тавассути сомонаи расмии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия инъикос карда шуд.

Айни ҳол дар ноҳияи Темурмалик сомонаҳои интернетӣ ва маъмурӣ хизматрасонии сайёҳӣ таъсис дода нашудааст.

Айни замон дар ноҳияи Фархор сомонаи расмии мақомот амал мекунад, ки дар баробари инъикоси дигар масъалаҳои дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ноҳия баамаломада маълумотҳо вобаста ба имкониятҳои сайёҳии ноҳия низ дар он ҷой карда мешаванд. Инчунин, масъалаҳои марбут ба ин соҳа дар саҳифаҳои иҷтимоӣ ба монанди "Фейсбук" низ аз тарафи мутахассиси соҳа ворид карда мешаванд. Дар аксарияти меҳмонхонаҳо ва дигар марказҳои хизматрасонӣ барои сайёҳон ҷиҳати истифодабарӣ аз Интернет таҷҳизоти беноқили "Роутер" насб карда шуда, барои истифода дастрас мебошад.

Масъулини рӯзномаи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар сомонаи расмии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва рӯзномаи ноҳиявии "Зафар" мунтазам маводҳои нав ворид менамоянд.

**18.4. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

Дар баробари ин, нарасидани мутахассисони ботаҷриба, роҳбаладони таҷрибадор, кам будани ширкатҳои маҳаллии сайёҳӣ, набудани воҳидҳои кории соҳаи сайёҳӣ дар шаҳру ноҳияҳо, омода нагардидани харитаи сайёҳӣ аз тарафи шаҳру ноҳияҳо, кам ба назар расидани насби ишораҳои сарироҳӣ бо се забон дар шаҳру ноҳияҳо, кам будани ташнобхонаҳои сарироҳӣ бо нигаҳдошти ҳолати санитарию гигенӣ дар мавзеъҳои сайёҳии шаҳру ноҳияҳои вилоят.

Эҳёи мавзеъҳои таърихии ноҳияи Ёвон ва ба бинои мувофиқ кӯчонидани осорхонаи ноҳия барои рафти ин мушкилот дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии "Ҳифзи ёдгориҳои таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тадбирҳо амалӣ карда мешаванд.

Дар шаҳри Кӯлоб бояд ширкатҳои сайёҳӣ ва филиали ширкатҳои сайёҳии дар шаҳри Душанбе фаъолиятдошта таъсис дода шаванд.

Дар шаҳри Левакант норасоии инфросохторҳои зарурӣ, мушкилгузар будани роҳҳо ба баъзе минтақаҳои сайёҳии кӯҳӣ, нарасидани роҳбаладони таҷрибадор ва донандаи забонҳои хориҷӣ, кам будани ширкатҳои маҳаллии сайёҳӣ дар шаҳр ҷой дорад.

Пешниҳод: Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, соҳибкорон, ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта, аз ҷумла

беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ, мукаммал гардонидани низоми омори соҳаи сайёҳӣ ва таъсиси сомонаҳои интернетӣ, маъмурӣ, хизматрасонии ва сайёҳӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон мусоидат намоянд.

**19. Маълумот оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ:**

**19.1. Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМҲД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (банди 52 паём);**

Тибқи ҳисоботи оморӣ дар вилояти Хатлон дар соли 2021 аҳолии вилоят 3 миллиону 425 ҳазору 049 нафарро ташкил намуда, 1 миллиону 702 ҳазору 249 нафараш занону духтарон буда, 49,6 фоизро ташкил медиҳад, ки нисбати соли гузашта шумораи занон 38 ҳазору 144 нафар зиёд гардидааст.

Аз шумораи 196 ҳазору 858 нафар занҳои коргар, 9 ҳазору 833 нафарашон дар вазифаҳои роҳбарикунанда кору фаъолият мекунанд, ки нисбати ҳамин давраи ҳисоботии соли гузашта 2 ҳазору 617 нафар зиёд гардидааст.

Дар вилояти Хатлон дар ин давра аз шумораи умумии 3002 воҳиди хизматчиёни давлатӣ дар 463 воҳиди корӣ (18,0%) занон буда, аз ин шумора 203 нафар (21,0%)-ро занону духтарони лаёқатманд дар вазифаҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ ташкил медиҳад, ки айни замон фаъолият доранд.

Шумораи занон дар ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти худидоракунии шаҳра деҳот 97 нафарро ташкил дода нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19 нафар зиёд гардидааст.

Камшавии шумораи занҳо дар мансабҳои роҳбарикунанда шаҳру ноҳияҳои Носири Хусрав -3 нафар, Кӯлоб -1, Левакант -1 нафар ва Хуросон -1 нафар рост омадааст.

Дар асоси қарори раиси вилояти Хатлон аз 16 майи соли 2017, №106 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022» ва «Нақшаи перспективии ҷавонгардонии кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2016-2020» дар назди Раёсати кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон курси се моҳаи омӯзишии «Духтарони сарвар» таъсис дода шуда, дар як сол 2 маротиба курсҳо ташкил ва гузаронида мешавад.

Дар шаҳри Бохтар аз 113 ҳазору 429 нафар шумораи умумии 56 ҳазору 374 нафар (ё 49,6 фоиз)-ро занону духтарон ташкил медиҳанд.

Аз шумораи умумии занон 33 ҳазору 034 нафар занони коргар, 128 нафарашон дар вазифаҳои роҳбарикунанда кору фаъолият мекунанд, инчунин 1 нафар ба ҳайси вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон ва 14 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Бохтар интихоб

гардидаанд, ки дар самти идоракунии давлатӣ ва қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ саҳми худро мегузоранд.

Саҳми занон дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи шаҳр назаррас буда, дар соҳаҳои маориф 1882 нафар, соҳибкорӣ ва савдо 1478 нафар, зиёда аз 1907 нафар дар соҳаи тандурустӣ, дар соҳаи хизматрасонии бонкӣ 241 нафар, соҳаи фарҳанг 94 нафар ва дар соҳаи кишоварзӣ 418 нафар занон кор мекунанд.

Айни замон, дар ноҳияи Вахш 101 ҳазору 376 нафар занону ҷавондухтарон кору зиндагӣ доранд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1293 нафар зиёд мебошанд. Саҳми занон дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ноҳия назаррас буда, 117 нафар занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда адои вазифа менамоянд.

Инчунин, 1174 нафар занон дар соҳаи маориф, 1081 нафар дар соҳаи тандурустӣ, 44 нафар дар соҳаи фарҳанг, 20 нафар дар соҳаи бонкҳо, 12200 дар соҳаи кишоварзӣ, ки аз ин ҳисоб 1399 нафар роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 174 нафари дигар дар риштаи соҳибкорӣ ва савдо босамар фаъолият намуда истодаанд.

Шумораи умумии занҳо дар ноҳияи Восеъ 112,8 ҳазор нафарро ташкил намуда, аз онҳо 489 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда, 1 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоят, 12 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 50 нафар вакилони ҷамоатҳо, 22 нафар хизматчии давлатӣ буда, 918 нафар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

Теъдоди умумии занҳо дар ноҳияи Дӯстӣ 61290 нафарро ташкил дода, 170 нафари онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда, аз ҷумла 11 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 30 нафар вакилони ҷамоатҳо, 41 нафар хизматчии давлатӣ мебошанд ва инчунин 2039 нафари дигар ба фаъолияти тиббӣ, таълиму тарбия ва соҳибкорӣ машғуланд.

Айни замон дар ноҳияи Ёвон 178 нафар занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият дошта, диққат дода шуда, ҳамагӣ 43 нафар, аз ҷумла 2 нафар (50 фоиз) вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилоят, 16 нафар (45 фоиз) вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва 71 нафар (39,9 фоиз) вакилони маҷлисҳои ҷамоатҳо мебошанд. Имрӯз 71 нафар ё худ 26 фоизи кормандони филиалҳои бонкҳои ноҳияро занон ташкил медиҳад.

Дар ноҳия Кушониён шумораи умумии занҳо 124212 нафарро ташкил намуда, аз онҳо 298 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда, аз ҷумла 14 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 38 нафар вакилони ҷамоатҳо, 28 нафар хизматчии давлатӣ буда, 432 нафар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

Дар ноҳияи Муъминобод ҷиҳати ҳарчӣ бештар ҷалб намудани занон ба хизмати давлатӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд, кордону соҳибмаърифат ва забондон тадбирҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд.

Аз шумораи умумии аҳолии ноҳия 50648 нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Шумораи занони қобили меҳнат 27865 нафар мебошад.

Айни ҳол шумораи занон, ки дар мансабҳои гуногуни давлати фаъолият доранд ба 2700 нафар расидааст, ки нисбати соли гузашта 45 нафар зиёд буданд, ки 73 нафари он кадрҳои роҳбарикунанда мебошанд.

Аз шумораи умумии 35 нафар вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия 10 нафар занон намояндагӣ доранд.

Теъдоди умумии занҳо дар ноҳияи Қубодиён 98507 нафар, аз ҷумла занҳои роҳбарикунанда 137 нафарро ташкил намуда, аз ҳисоби занону духтарон 2 нафар вакили Маҷлиси намояндагони халқи вилояти Хатлон, 16 нафар намояндаи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 91 нафар намояндаи Маҷлиси вакилони халқӣ ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ва 31 нафар хизматчии давлатӣ, аз он 13 нафар занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият доранд.

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давалатии шаҳри Левакант теъдоди занон дар мақомоти намояндагӣ, аз он ҷумла Маҷлиси вакилони халқи шаҳр 35 нафар ва Маҷлиси вакилони ҷамоатҳои деҳот 17 нафарро ташкил медиҳад.

Дар робита ба ин бояд қайд намуд, ки яке аз нишондиҳандаҳои татбиқи сиёсати самараноки гендерӣ дар кишвар ин таъмини сатҳи зарурии намояндагии занон дар соҳаи хизмати давлатӣ ва сатҳи роҳбарӣ мебошад.

Дар шаҳри Левакант аз 59 воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ,т 16 нафар ё 27,1% занон ташкил дода, аз ин шумора 4 нафар, 25% аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд дар вазифаҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ фаъолият намуда истодаанд.

Айни ҳол дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин, дар мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ шумораи занон 20 фоиз, дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳия 24 фоиз, дар маҷлисҳои ҷамоатҳои деҳот 19 фоиз ва дар дигар соҳаҳо 30 фоизро ташкил медиҳад.

Беш аз 60 нафар занону духтарон дар коргоҳҳои дӯзандагӣ ва адрасу атласбофӣ ба кор таъмин буда, дар ҷамоатҳои деҳоти Шӯрообод, Доғистон, Нуриддин Маҳмудов ва Даштиҷум барои рушд додани ҳунарҳои мардумӣ ва ҷалби занону духтарон ба ҳунарҳои мардумӣ чораҳои зарурӣ андешида шудааст.

Шумораи умумии занҳо дар ноҳияи Ҷайҳун 71716 нафарро ташкил намуда, аз онҳо 705 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда, аз ҷумла 1 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоят, 10 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳиявӣ ва 44 нафар вакилони ҷамоатҳо, 9 нафар хизматчии давлатӣ буда, 445 нафар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, 84 нафар занон ба ҷойи кор таъмин карда шудаанд.

Тибқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ шумораи умумии занҳо дар ноҳия 74131 нафарро ташкил намуда, аз онҳо 68 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият доранд. 15 нафар занон вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, 2 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоят, 54 нафар вакилони ҷамоатҳо мебошанд. Ба хизмати давлатӣ 21 нафар занон фаро гирифта шудаанд.

Аз тарафи шуғли аҳоли дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 260 нафар занон дар ташкилоту муассисаҳо ба ҷойи кор таъмин шуданд. Инчунин дар ин давра 87 нафар бонувон ба омӯзиши курсҳои кӯтоҳмуддат аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, бофандагӣ, мӯҳрабофӣ, боғпарварӣ, занбури асалпарварӣ, шероздӯзӣ ва асосҳои омӯзиши компютерӣ ҷалб карда шуданд. Дар баробари ин 30 нафар занон ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардидаанд. Қайд намудан зарур аст, ки дар ин давра аз тарафи шуъба ба 8 нафар занон қарзҳои имтиёзноки фардӣ дода шуд.

**19.2. Ҷудо намудани қарзу грантҳо ба занон ва оилаҳо бо мақсади беҳтар намудани шароити иқтисодии онҳо, дастгирии ташаббусҳои занону бонувон (банди 52 паём);**

Дар вилоят дар нимсолаи аввали соли 2021 ба 1028 нафар занони соҳибкор барои фаъолияти корӣ қарзҳои бонкӣ дода шудааст.

Дар ноҳияи Ҳамадони дар нимсолаи аввали соли 2021, 87 нафар бонувон ба омӯзиши курсҳои кӯтоҳмуддат аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, бофандагӣ, мӯҳрабофӣ, боғпарварӣ, занбури асалпарварӣ, шероздӯзӣ ва асосҳои омӯзиши компютерӣ ҷалб карда шуданд. Дар баробари ин дар соли ҷорӣ 30 нафар занон ба корҳои ҷамъиятии музднок сафабар гардиданд. Ҳамчунин ба 8 нафар зан қарзи имтиёзнок ва гранти раиси вилояти Хатлон дар соли 2021 ба 1 нафар зан Шарифова Моҳрухсор аз шаҳраки Москва ба маблағи 10000 сомонӣ дар самти косервакунонӣ дода шудааст.

Вобаста ба зербанди мазкур дар ҳисоботҳои дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот дарҷ нагардидааст.

**19.3. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо.**

Мушкилот:

кам ҷудо гардидани грантҳо аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ҷудо намудани 1 ададӣ воҳидҳои корӣ, мутахассис оид ба корҳои занон ва оила, чунки корбарӣ бо занон ва оилаҳо доимо зери назорат бошад.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби занҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда ва фароҳам овардани шароити мусоид фаъолияти ҳамоҳангсозиро таҳвият бахшанд.

**20. Маълумот оид ба рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ**
**20.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолии шаҳру ноҳияҳо ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдаст (хизматрасониҳои маишӣ), 20.2. Мушкилиҳои ҷойдошта вобаста ба соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он.**

**20.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолии шаҳру ноҳияҳо ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдаст (хизматрасониҳои маишӣ),**

Дар моҳҳои январ-июни соли 2021 ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ, ки ба аҳолии вилоят ҳамаи соҳаҳои хизматгузор расондаанд 1045,5 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2020 бо нархҳои муқоисави 5,9 фоиз зиёд шудааст. (индекси нарх 104,8 фисадро ташкил дод).

Корхонаю ташкилотҳои расмӣ ба қайд гирифташуда ба маблағи 196934,1 ҳазор сомонӣ хизмат расондаанд, ки 18,8 фоизи ҳаҷми умумии хизматрасониро ташкил додааст.

Ҳамагӣ дар вилоят 1045,5 ҳазор сомонӣ, 100 фоиз, аз ҷумла ҳиссаи;

- хизмати маишӣ 673937,6ҳазор сомонӣ, 64,5 фоиз;
- хизмати нақлиёти мусофирбар 49869,3 ҳазор сомонӣ, 4,8 фоиз;
- хизмати алоқа 3963,7 ҳазор сомонӣ, 0,4 фоиз;
- хизмати маориф 138354,1 ҳазор сомонӣ, 13,2 фоиз;
- хизмати тиббӣ 64032,8 ҳазор сомонӣ, 6,1 фоиз;
- хизматрасонии хоҷагии манзил 1518,2 ҳазор сомонӣ, 0,1 фоиз;
- хизмати коммуналӣ 8743,12 ҳазор сомонӣ, 0,8 фоиз;
- хизмати ҳуқуқӣ 19599,3 ҳазор сомонӣ, 1,3 фоиз;
- муассисаҳои бонкӣ 50470,8 ҳазор сомонӣ, 4,8 фоиз;
- дигар хизматҳо 40966,8 ҳазор сомонӣ 4,0 фоизро ташкил додааст.

Корхонаҳои расмӣ ба қайд гирифташуда ҳаҷми хизматрасонии пулакиро нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2020 кам кардаанд: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (54,1 фоиз), Вазорати энергетика ва захираҳои об (12,2 фоиз), Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амвол (85,5 фоиз) Бонкӣ тиҷорати-саҳомӣ «Ориёнбонк» (34,9 фоиз), Дигар бонкҳои тиҷоратӣ (76,2 фоиз), Ассосиатсияи Ҷумҳуриявии саноати гӯшту шир «Тоҷикмясомолпром» (21,8 фоиз), Роҳи Оҳани Тоҷик (97,3 фоиз), Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд (1,0 фоиз) ва Агентии ҳимоя ва инкишофи соҳибкории хурд (5,3 фоиз).

Дар давраи ҳисоботӣ шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 77,0 млн. сомонӣ (+10,4 млн. сомонӣ), Кушониён 72,2 млн. сомонӣ (+9,9 млн. сомонӣ), Данғара 50,7 млн. сомонӣ (+7,2 млн. сомонӣ), Вахш 55,5 млн. сомонӣ (+6,3 млн. сомонӣ), Восеъ 60,2 млн. сомонӣ (+6,2 млн. сомонӣ), Қубодиён 52,1 млн. сомонӣ (+5,9 млн. сомонӣ), Фархор 46,6 млн. сомонӣ (+5,5 млн. сомонӣ), А. Ҷомӣ 49,9 млн. сомонӣ (+5,4 млн. сомонӣ), Ҳамадонӣ 42,9 млн. сомонӣ (+4,7 млн. сомонӣ), Шаҳритус 40,0 млн. сомонӣ (+4,3 млн. сомонӣ), Дӯстӣ 32,1 млн. сомонӣ (+3,8 млн. сомонӣ), Ҷайҳун 40,8 млн. сомонӣ (+3,7 млн. сомонӣ),

Хуросон 31,3 млн. сомонӣ (+3,6 млн. сомонӣ), Панҷ 34,1 млн. сомонӣ (+3,2 млн. сомонӣ), Норак 21,2 млн. сомонӣ (+3,1 млн. сомонӣ), Муъминобод 24,2 млн. сомонӣ (+2,2 млн. сомонӣ), Темурмалик 18,9 млн. сомонӣ (+1,8 млн. сомонӣ), Балҷувон 8,1 млн. сомонӣ (+0,9 млн. сомонӣ), Шамсиддини Шоҳин 14,2 млн. сомонӣ (+0,7 млн. сомонӣ), Носири Хусрав 8,1 млн. сомонӣ (+0,7 млн. сомонӣ), ҳаҷми хизматрасониҳои пулакиро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар сатҳи назаррас зиёда кардаанд.

Нишондиҳандаи баланди камшавии ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта танҳо дар шаҳру ноҳияҳои Левакант 14,6 млн. сомонӣ (-1,6 млн. сомонӣ) ва Ҷ.Балхӣ 53,2 млн. сомонӣ (-0,7 млн. сомонӣ ба назар расида ба рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо таъсири манфӣ расонидаааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати дуруст ба ҳисоб гирифтани хизматрасониҳои пулакӣ зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва дастрасии аҳолӣ бо қарзҳои бонкӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 21. Таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ

**Нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 21.1. Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба пешгирии амалҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (банди 65 паём), 21.2. Ҷинояти ба қайд гирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо, 21.3 Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содир карда шудааст, 21.4., 21.5. Амалҳо ва натиҷаҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав, мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо**

### 21.1. Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба пешгирии амалҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (банди 65 паём)

Дар ин давра баҳри пурзур намудани мубориза бар зидди ришвахурӣ, дуздии моликияти давлатӣ бо роҳи азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ ва баҳри ҳимояи манфиатҳои хизмати давлатӣ, моликият ва амнияти иқтисодии мамлакат 291 адад ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва вобаста ба андозро ошкор намуданд, ки аз ин ҳисоб 122 ададашро ҷиноятҳои вазнин ташкил намудааст.

То ҳол дар микёси вилоят ҳолатҳои ғайриқонунӣ ҷудо кардан, хариду фурӯши ғайриқонунии замин ва ғасби худсаронаи он ҷой дошта, дар ин самт

88 (83) санҷишҳо гузаронида, 3012 (2199) қонунвайронкуниҳо ошкор гардида, баҳри бартарафсозии онҳо унвонии роҳбарони мақомоти дахлдор ва ташкилоту муассисаҳо 1040 (722) санадҳои прокурорӣ бароварда, бо натиҷаи баррасии онҳо 1661 (1229) нафар ба ҷавобгариҳои моддӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида шуда, барои ғайриқонунӣ додани замин, худсарона ишғол намудани қитъаи замин ва дигар ҷиноятҳо, аз ҷумла ҷиноятҳои мансаби ва характери коррупсионӣ дошта ба замин алоқаманд 271 (240) парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Бо санадҳои эътиноии прокурорӣ 3306 (1789) га қитъаҳои замини худсарона ишғолшуда ва ғайриқонунӣ тақсимгашта ба ҳолати аввала баргардонида шуданд.

Ҷиҳати пурзӯр намудани ташвиқу тарғиби зиддикоррупсионӣ баҳри ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолӣ, ҷалби бештари аҳолӣ барои пешгирӣ кардани коррупсия ва ба вуҷуд овардани афкори оштинопазир бо коррупсия миёни ҷомеа аз тарафи кормандони Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар 136 ташкилоту муассисаҳои давлатӣ вохӯриҳо гузаронида шуда, дар рӯзномаю маҷаллаҳо 15 мақола, тавассути телевизион  ва радио 23 баромад ва дар ҷойҳои намоёни ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 21 баннерҳо насб карда шуда, 1000 буклетҳои ташвиқотӣ вобаста ба хатари коррупсия ба амнияти давлат, ҷамъият ва оиди ҷиноятҳои коррупсионии ошкоргардида манзури аҳолӣ гардидааст. Ҳамзамон, аз тарафи кормандони шуъбаи муқовимат ба коррупсияи вилояти Хатлон 2 мизи мудаввар ва 3 семинар ташкил ва гузаронида шудааст.

Бинобар пурзӯр гардидани назорати иҷрои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз ҷониби прокуророн, ба 194 (2020 – 155) қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо бинобар хилофи талаботи қонун будан эътироз оварда шудааст, ки аксари онҳо баррасӣ ва қонеъ гардонида шудаанд. Аз ин миқдор эътирозҳо 72 (2020-74) ададӣ онҳо ба қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳои амалкунанда оварда шудааст.

**21.2. Ҷинояти ба қайд гирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо;**

Аз рӯи маълумотҳои дастрасшудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳолати ҷиноятҳои ба қайд гирифта арзёбӣ гардиданд.

Тибқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар 6 моҳи соли 2021, 4261 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати соли гузашта 773 ҳодиса зиёд гардида, дар шаҳру ноҳияҳои Ёвон +103 адад (320 адад), Кушониён +86 адад (275 адад), Кӯлоб +74 адад (387 адад), Бохтар +74 адад (486 адад), Данғара +55 адад (208 адад), Фархор +42 адад (156 адад), Ҷайҳун +58 адад (170 адад), Ҷ.Балхӣ +34 адад (159 адад), Хуросон +41 адад (143 адад), Темурмалик +33 адад (69 адад), Восеъ +26 адад

(205 адад), Норак +25 адад (126 адад), Левакант +25 адад (121 адад), Муъминобод +24 адад (72 адад), Шаҳритус +20 адад (225 адад), Вахш +19 адад (226 адад), Ховалинг +15 адад (63 адад), Н.Хусрав +12 адад (59 адад), Дӯстӣ +11 адад (149 адад), А.Ҷомӣ +7 адад (137 адад) ва Ш.Шоҳин +5 адад (65 адад) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҷиноятсодиркунӣ зиёд ба қайд гирифта шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияҳои Қубодиён -12 адад (145 адад), Балҷувон -2 адад (36 адад) ва Панҷ -2 адад (125 адад) ҷиноятсодиркунӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам шудааст, ки самаранокии фаъолияти кории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва сохторҳои ҳудудии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шаҳодат медиҳад.

**21.3 Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содир карда шудааст;**

Содир намудани ҷиноятҳо аз тарафи ҷавонон дар нимсолаи аввали соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 887 ҳолат ба қайд гирифта шуда, аз он дар шаҳрҳои Бохтар 129 ҳолат, Ёвон 80 ҳолат, Кӯлоб 74 ҳолат, Кушониён 47 ҳолат, Шаҳритус 46 ҳолат, Вахш 41 ҳолат, Данғара 39 ҳолат, Дӯстӣ 39 ҳолат, Восеъ 37 ҳолат, Ҷ.Балхӣ 37 ҳолат, Хуросон 35 ҳолат, Қубодиён 35 ҳолат, Фархор 32 ҳолат, Ҷайҳун 31 ҳолат, Норак 30 ҳолат, А.Ҷомӣ 25 ҳолат, Левакант 22 ҳолат, Ҳамадонӣ 22 ҳолат, Балҷувон 6 ҳолат, Панҷ 21 ҳолат, Ш.Шоҳин 18 ҳолат, Ховалинг 13 ҳолат, Темурмалик 11 ҳолат, Н.Хусрав 10 ҳолат ва Муъминобод 7 ҳолат ошкор ва ба қайд гирифта шудааст.

**21.4., 21.5. Амалҳо ва натиҷаҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав, мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли онҳо;**

Баҳри пешбурди корҳои тарбиявӣ дар байни ҷавонон ва занон дар самти таблиғи арзишҳои миллӣ, зиндагии дунявӣ, аз байн бурдани тамоюли бегонапарастӣ, тақлид ба фарҳанг ва либоспӯшии ғайр, гирифтани пеши роҳи шомилшавии онҳо ба ҳаракату созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ гурӯҳҳои кории мақсаднок бо усулҳои «Хона ба хона» дар шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби занони фаъолу собиқадор, равоншинос, ҳуқуқшинос, табибон, вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо, ходимони дин таъсис дода шуда, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ бо оилаҳо корҳои фаҳмондадиҳии инфиродӣ гузаронида шудааст.

Бо мақсади пешгирии ҷавонону наврасон аз даст задан ба амалҳои номатлуб, шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, корхонаву ташкилотҳо ва маҳалли зисти ноболиғону ҷавонон дар нимсолаи аввали соли 2021  2465 адад мулоқоту вохӯриҳо, семинару машваратҳо, мизи мудаввар, сӯҳбатҳо, баромадҳо, барномаҳои алоҳида, намоишу мақолаҳо

тавассути воситаҳои ахбори оммаи сатҳи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ташкил карда шуданд.

Бо мақсади баргардонидани ҷавонону наврасоне, ки дар донишкадаҳои динии хориҷи кишвар ба таври ғайрирасмӣ таҳсил менамоянд, дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва дигар мақомоти дахлдор нақшаи чорабиниҳои муштарак таҳия гардида, бо мақсади ба Ватан баргардонидани онҳо бо падару модарони ин ҷавонон мунтазам сӯҳбатҳо гузаронида мешаванд.

Бо дар назардошти хавфнокии ҷиноятҳои самти экстремистӣ ва террористӣ фаъолияти ситодҳои амалкунандаи вилоятӣ ҷоннок гардида, ҳамагӣ мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ 135 (2020-117) ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидошта ошкор ва аз рӯи ин ҳолатҳо, нисбати 142 (2020-164) нафар парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз кардаанд, ки аз ин парвандаи ҷиноятӣ нисбати 18 (2020-36) нафар барои ҷалб ва иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воҳидҳои мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиётҳои ҷангӣ дар каламрави дигар давлат мебошад.

Тибқи маълумотҳои расмӣ то 20 июни соли 2021, 1868 нафар сокинони вилоят дар давлатҳои хориҷӣ ба таҳсили динӣ фаро гирифта шудаанд, ки 1758 нафари онҳо ба ҷойҳои зисти доимии худ баргардонида шуда, ҳоло дар хориҷи кишвар 110 толибилмон қарор доранд, ки аз ин нисбати 71-нафар бинобар ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ шомил гардидан парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуда, дар кофтуков қарор доранд. Бахри баргардонидани 39 нафар толибилмони дар хориҷи кишвар ғайриқонунӣ таҳсилдошта, чораҳои зарурӣ андешида шуда, ба 39 нафар волидони онҳо огоҳиномаи расмӣ супорида шуда, ба ин васила 2 нафар дар давраи таҳлилӣ ба Ватан баргардонида шуданд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои иҷрои ваколатҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза ба зидди ҷиноятокорӣ, ҳамоҳангсозии фаъолиятро бо Раёсат ва шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят тадбирҳои иловагӣ андешад.

Инчунин таъсис ва таҳкими кори комиссияҳои дахлдор ва ҳамкории зичи онҳо ба аҳолии маҳаллӣ низ дар ин самт ба ҳалли душвориҳои ҷойдошта ёрӣ расонидан метавонад.

**22. Маълумот оид ба иҷрои вазифаҳои Нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон:**

**22.1. Рафти иҷрои супоришҳои сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон дар соли 2021 пешбинӣ гардидааст.**

Вобаста ба иҷрои нақша чорабиниҳо аз 19 апрели соли 2021, №24/10-175 оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Ҷалолиддини Балхӣ, Кушониён ва Ёвони вилояти Хатлон аз 24 то 26 августи соли 2021 баён доштанд, бандҳое, ки муҳлати иҷроишашон дар соли 2021 пешбинӣ шудааст:

- банди 1 иҷрокунанда Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- бандҳои 2 ва 3 Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 4, 6, 7, 44, 45 ва 46 Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- бандҳои 5, 11, 12, 13, 38, 39, 47 ва 56 Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- бандҳоии 8, 9, 10, 49, 50 ва 51 Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 40 Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 41 Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 48 Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Вобаста ба иҷрои нақшаи чорабиниҳо аз 26 июни соли 2021, №24/10-302 оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Вахш, Кӯлоб ва Данғараи вилояти Хатлон 15 – 17 июни соли 2021 баён доштанд бандҳое, ки муҳлати иҷроишашон дар соли 2021 пешбинӣ шудааст:

- банди 25 иҷрокунанда Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- банди 36 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон муайян карда шудааст.